# Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

№2 (109)
АПРЕЛ-ИЮН
2025

*Низоми бонкӣ бояд ба рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, фаъолнокии бахши хусусӣ ва гардиши савдои хориҷӣ мусоидат намояд ва сарчашмаи асосии дастгирии молиявии ҳадафҳои давлат бошад.*

*Эмомалӣ Раҳмон*



**ТОҶИКИСТОН МИЗБОНИ ҲАМОИШИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АЛЯНСИ ФАРОГИРИИ МОЛИЯВӢ**

18



Сулҳу субот ва ваҳдати тамоми мардуми Тоҷикистон шарти асосӣ ва омили муҳимтарини ҳамаи пирӯзиҳо ва пешравиҳои мо дар ҷодаи давлатсозиву давлатдорӣ, ватансозиву ватандорӣ ва ободии ҳар як гӯшаву канори Тоҷикистон мебошад.

**Эмомалӣ Раҳмон**







# ДАР ИН ШУМОРА:


3 **ПРЕЗИДЕНТ**
ВАҲДАТИ МИЛЛӢ БАРОИ МО НА ТАНҲО РАМЗИ СУЛҲУ ОРОМӢ ВА СУБОТИ СИЁСӢ, БАЛКИ ОМИЛИ АСОСИИ РУШДИ УСТУВОРИ ҲАМАИ СОҲАҲОИ ҲАЁТИ ҶОМЕА ВА ДАВЛАТ МЕБОШАД.





18 **ҲАМКОРИҲОИ СУДМАНД**
ТОҶИКИСТОН - МАЙДОНИ МУБОДИЛАИ ТАҶРИБА БАРОИ ФАРОГИРИИ МОЛИЯВӢ
Ҷумҳурии Тоҷикистон мизбони ҳамоиши байналмилалии Алянси барои фарогирии молиявӣ гардид






28 **БОНКДОРИИ ИСЛОМӢ**
ТОҶИКИСТОН ВА ОЯНДАИ БОНКДОРИИ ИСЛОМӢ: АЗ ТАШАККУЛ ТО ЭЪТИРОФИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

12 БАРРАСИИ БАРНОМАИ КАФОЛАТИ ҚАРЗҲОИ ХУРД БО IFC

13 ЛОИҲАИ "ТАҲКИМИ БАХШИ МОЛИЯВИИ ТОҶИКИСТОН"

15 ТАТБИҚИ БАРНОМАИ ФИШАНГИ ҲАМОҲАНГСОЗИИ СИЁСАТ

16 САМТҲОИ ҲАМКОРӢ БО БОНКИ МАРКАЗИИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН

17 МУЛОҚОТИ ДАЛЕР МУРОДАЛИЗОДА БО ҲАЙАТИ БОНКИ ҶАҲОНӢ

32 ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА РУШДИ МОЛИЯВИИ РАҚАМӢ ИҚДОМҲОИ МУАССИР МЕГУЗОРАД

34 ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА ДАВРИ СЕЮМИ БАҲОДИҲИИ МУТАҚОБИЛАИ НИЗОМИ МИЛЛИИ МҚД/МТ/МПСҚО ОМОДАГӢ МЕБИНАД

# ДАР ИН ШУМОРА:


11 | МУЛОҚОТИ РАИСИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БО НАМОЯНДАГОНИ "NUMISMA BANK"

14 | ТАШРИФИ ДИРЕКТОРИ МИНТАҚАВИИ БОНКИ ҶАҲОНӢ БА БОНКИ МИЛЛӢ

22 | ТАШРИФИ ҲАЙАТИ ХАЗИНАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АСЪОР: БАРРАСИИ БАРНОМАИ ФИШАНГИ ҲАМОҲАНГСОЗИИ СИЁСАТ (PCI)

24 | НАҚШИ ТОҶИКИСТОН ДАР ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИҲОИ МОЛИЯВӢ ВА ИҚТИСОДИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

36 | ҶАЛАСАИ НАВБАТИИ ШУРОИ КОМПЛАЕНС: ПУРЗӮР НАМУДАНИ МОНИТОРИНГИ АМАЛИЁТҲОИ ШУБҲАНОК БО ИСТИФОДА АЗ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИР

37 | ВАҲДАТИ МИЛЛӢ — МЕВАИ САЪЮ ТАЛОШ ВА РАҲНАМОИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

39 | ВАҲДАТИ МИЛЛӢ — ДАСТОВАРДИ БЕНАЗИРИ СУЛҲОФАРИИ ТОҶИКОН

44 | БАРГУЗОРИИ ФЕСТИВАЛҲОИ САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ ВАСИЛАИ РАСИДАН БА ҲАДАФҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

48 | РОҲҲОИ АЛТЕРНАТИВИИ РУШДИ МАБЛАҒГУЗОРИИ КОРХОНАҲОИ ХУРДУ МИЁНА

53 | РАҚАМИКУНОНИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ НИЗОМИ БОНКӢ *ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ РАҚАМИКУНОНӢ ДАР МИНТАҚАИ СУҒД*

57 | НАҚШИ МУАССИР ВА РӮЗАФЗУНИ ТАШКИЛОТҲОИ МОЛИЯВӢ ДАР РУШДИ СОҲИБКОРИИ БОНУВОН ДАР ТОҶИКИСТОН

59 | БА МУОМИЛОТ БАРОВАРДАНИ ПУЛҲОИ КОҒАЗИИ НАМУНАИ СОЛИ 2025

60 | "ТОҶИКИСТОН БО ҲУЗУРЕ ПУРРАНГУ ҲАМАҶОНИБА... ҲОФИЗРО БА ПОРИС ОВАРД"

61 | ЭЪТИРОФИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ҶОИЗАИ WOMANi

62 | БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ ТАХАССУСИ КОРМАНДОН ТАВАССУТИ ОМӮЗИШ ВА ТАБОДУЛИ ТАҶРИБА

64 | ВАШ ФИНАНСОВЫЙ СТАТУС — У ВАС В КАРМАНЕ

66 | ИҶОЗАТНОМАҲО

68 | ҲИСОБОТИ БОНКҲО ВА ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2025



**Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ**

Маҷаллаи таҳлилии бонкӣ
2 (109) АПРЕЛ-ИЮН, 2025



тел: +992 (44) 600- 32- 49
факс: +992 (44) 600- 32- 49

**НИШОНИИ МАҶАЛЛА:**
734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 38/1
e-mail: majalla@nbt. tj



**РАИСИ ШУРОИ МАШВАРАТӢ:**
Ф. Толибзода

Аъзои Шурои машваратӣ:
Н. Ҳикматуллозода,
Д.Муродализода,
Қ. Хушвахтзода,
Ш. Хайрзода,
Т. Ҳақназаров,
М. Ҳасанова

**ҲАЙАТИ МАҶАЛЛА:**
Сармуҳаррир: М. Ҳасанова

Кормандон:
М. Умадуллоева,
Ҳ. Муҷебуллоев.



Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.
Шаҳодатномаи қайд: №259/МҶ- 97, аз 29 августи 2022 с.



Маҷалла ба хотири таъмини гуногунандешӣ маводҳои муаллифонеро низ ба табъ мерасонад, ки фикри шахсии онҳоро инъикос мекунад. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба асл ҳатмист.



Теъдоди нашр: 800 нусха.
Дар матбааи ҶДММ "Орбита" чоп шудааст.
ш. Душанбе, кӯчаи Чехов, 1/1, 17.



# Ваҳдати миллӣ барои мо на танҳо рамзи сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ, балки омили асосии рушди устувори ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат мебошад.

**Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори 28-солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ**

*27.06.2025, шаҳри Хоруғ*

**Ҳамватанони гиромӣ!**

Бо эҳсоси ифтихор ва арҷгузории амиқ ба арзишҳои муқаддаси сулҳу оромӣ ва суботи комили сиёсӣ дар Тоҷикистони маҳбубамон кулли мардуми шарифи кишвар ва ҳамаи шумо – ҳозирини арҷмандро ба ифтихори Рӯзи ваҳдати миллӣ самимона табрик мегӯям.

Ин санаи муҳим, ки мо ба он маҳз ба шарофати ақлу хирад ва иродаи қавии мардуми сарбаланди мамлакат расидем, оғози марҳалаи нав дар таърихи давлатдории мо гардид.

Ваҳдати миллӣ барои мо на танҳо рамзи сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ, балки омили асосии рушди устувори ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат мебошад.

Дар шароити мураккаби ҷаҳони имрӯза, ки таҳдиду хатарҳои гуногун, бӯҳронҳои геополитикиву геоиқтисодӣ ва дигар равандҳои печида хоси он мебошанд, нигоҳ доштани фазои сулҳу субот ва таҳкими ваҳдати миллӣ вазифаи муқаддаси ҳар фарди бедордилу ватандӯст ба ҳисоб меравад.

Миллати фарҳангиву тамаддунсози тоҷик аз оғози таърихи ташаккулёбии худ пуштибону тарғибгари фарҳанги сулҳ

Ба шарофати сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат имрӯз сатҳу сифати зиндагии мардумамон пайваста боло меравад ва шаҳрвандони Тоҷикистон ба хотири фардои ободи Ватан ва ояндаи дурахшони фарзандону набераҳои худ ба заҳмати созандаву ободгарона машғуланд.



ва ойини сулҳофарӣ буд.

Ҳанӯз 2500 сол пеш шоҳаншоҳи бузурги ориёӣ – Куруши Кабир дар эъломияи худ, ки ҳамчун аввалин эъломияи ҳуқуқи башар дар ҷаҳон шинохта шудааст, сулҳро аз ҷумлаи арзишҳои олидараҷае шуморидааст, ки амнияти башарро таъмин мекунад.

Мо, ки ворисони мероси ҷовидонаи ниёгони некноми худ мебошем, ҳанӯз беш аз сӣ сол қабл фаъолияти шабонарӯзиро ба хотири қатъи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва таъмин намудани сулҳ оғоз кардем.

Зеро барои мо ҳифзи истиқлоли давлатӣ, якпорчагии Ватан, наҷоти миллат аз парокандагӣ ва ҳифзи давлат аз хатари нестшавӣ масъалаи муҳимтарин ва ҳаётӣ ба шумор мерафт.

Тавре ки ҳамватанони калонсол ва миёнсоли мо дар хотир доранд, дар он айёми даҳшатноку пурфоҷиа қариб як миллион нафар ҳамватанони мо аз тарси ҷони худ ва аҳли оилаашон ба кишварҳои дигар гуреза шуданд.

Яъне хатари пароканда гардидани миллати тоҷик ва вобаста ба ин, аз харитаи сиёсии ҷаҳон нест шудани давлати тозаистиқлоли тоҷикон ба воқеияти талхи рӯз табдил ёфта буд.

Мо ба майлу ирода ва дастгириву пуштибонии мардумамон ва ба хотири аз ноумедиву оворагӣ наҷот додани онҳо дар як муддати кӯтоҳ қариб як миллион нафар ҳамватанонамонро ба Ватан ва маҳалли зисташон баргардонидем.

Ин корро мо барои он анҷом додем, ки миллати мо, мардуми мо дар ба дари дигарон сарсону овора ва дастнигару бечора нагарданд, сарҷамъ шаванд, ваҳдат кунанд, давлати соҳибистиқлол, Ватани азизи худ – Тоҷикистон ва хонаву кошонаи хешро обод созанд.

Агар мо ба ин масъала аз диди имрӯз назар андозем, аҳаммияти корҳои он рӯзҳо анҷомдодаамонро боз ҳам беҳтару равшан мебинем.

Яъне агар мо ин корро анҷом намедодем, тасаввур карда метавонед, ки ҳолу аҳволи миллати мо ва мардуми дар кишварҳои дигар паноҳбурдаи мо чӣ мешуд?

Фикр мекунам, ки шарҳи минбаъдаи ин мавзӯъ, бо дарназардошти равандҳое, ки мо ҳоло дар ҷаҳон мушоҳида мекунем, ҳоҷат надорад.

Маҳз барои ҳамин мо ҳамеша ҷонибдори ҳалли

> Дар заминаи ваҳдати миллӣ бароқарор гардидани амнияту субот ба мо имкон дод, ки барномаҳои муҳимми рушди иқтисодиву иҷтимоиро амалӣ намуда, дар ҷодаи татбиқи ҳадафҳои стратегиамон қадамҳои устувор гузорем.





мусолиматомез, яъне бо роҳи осоишта ҳаллу фасл гардидани ҳар гуна мухолифату низоъҳо дар ҷаҳон ҳастем, зеро ҷавҳари фарҳанги миллати бостонии моро сулҳу осоиш ва инсондӯстӣ ташкил медиҳад.

**Ҳамдиёрони азиз!**

Дар заминаи ваҳдати миллӣ барқарор гардидани амнияту субот ба мо имкон дод, ки барномаҳои муҳимми рушди иқтисодиву иҷтимоиро амалӣ намуда, дар ҷодаи татбиқи ҳадафҳои стратегиамон қадамҳои устувор гузорем.

Ба шарофати сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат имрӯз сатҳу сифати зиндагии мардумамон пайваста боло меравад ва шаҳрвандони Тоҷикистон ба хотири фардои ободи Ватан ваояндаи дурахшони фарзандону набераҳои худ ба заҳмати созандаву ободгарона машғуланд.

Ҳоло Ҳукумат ва мардуми кишвар тамоми саъю талош ва захираву имкониятҳои худро ба хотири амалисозии ҳадафҳои стратегии миллӣ сафарбар кардаанд.

Ҳамчунин, бояд гуфт, ки ба шарофати ваҳдати миллӣ ва суботи сиёсӣ обрӯи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар арсаи байналмилалӣ рӯз ба рӯз боло меравад.

**Ҷомеаи ҷаҳонӣ имрӯз Тоҷикистонро ҳамчун кишвари дар ҳалли масъалаҳои глобалии сайёра пешсаф мешиносад, эътироф мекунад ва ташаббусҳои онро дастгириву амалӣ месозад.**

Конфронси сатҳи баланд доир ба ҳифзи пиряхҳо, ки чанд рӯз пеш дар пойтахти кишварамон доир гардид, далели возеҳи ин гуфтаҳо мебошад.

Мо имрӯз дар доираи сиёсати "дарҳои кушода"






> Мо имрӯз ифтихор мекунем, ки аз баракати истиқлоли давлатӣ ва сулҳу суботи комил тавонистем Тоҷикистони сепорчаро ба қаламрави воҳид табдил диҳем.

бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон муносибатҳои дӯстона ва мутақобилан судманд барқарор кардаем.

**Ҳамдиёрони азиз!**

**Ҳоло Тоҷикистони мо дар марҳалаи рушди устувор қарор дорад, ки яке аз нишонаҳои возеҳи он бунёди роҳҳои мутобиқ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мебошад.**

Дар робита ба ин, меҳоҳам бо ифтихор хотирнишон намоям, ки шоҳроҳҳои нави нақлиётӣ ҳамчун пайвандгари сокинони ҳамаи гӯшаву канораҳои кишварамон рамзи асосии ваҳдати миллӣ ба ҳисоб мераванд.

Тасаввур кунед, ки мардуми мо садсолаҳо аз чунин имкониятҳои мусоиди рафтуомад маҳрум буданд, ки чунин ҳолат, албатта, ба мафкураву рӯҳияи одамон, ба ҳисси наздикии онҳо ва ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа бетаъсир намемонд.

Мо имрӯз ифтихор мекунем, ки аз баракати истиқлоли давлатӣ ва сулҳу суботи комил тавонистем Тоҷикистони сепорчаро ба қаламрави воҳид табдил диҳем.

Бунёди шоҳроҳҳои замонавӣ, аз ҷумла тавассути ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ки ду рӯз пеш як қитъаи асосӣ ва бисёр муҳимми онро дар ҳудуди ноҳияҳои Дарвозу Ванҷ ифтитоҳ намудем, ҳоло Тоҷикистонро ба кишвари транзитӣ табдил додааст.

Бо оғози рафтуомад тавассути ин роҳ, яъне шоҳроҳи Қалъаихумб – Ванҷ – сарҳади Рӯшон, ки пештар 4 – 5 соатро дар бар мегирифт, имрӯз ин масирро дар фосилаи якуним соат тай кардан мумкин аст.

Ин омил, яъне роҳҳои замонавӣ яке аз шартҳои муҳимтарини рушди муназзаму устувори кишвар ва боз ҳам беҳтар гардидани сатҳи некуаҳволии мардуми мамлакат, аз ҷумла сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошад.

Ду рӯз пеш, ҳамчунин,

неругоҳи барқи обии “Себзор” дар ноҳияи Рошткалъа бо тавоноии 11 мегаватт, ки бо харҷи беш аз 700 миллион сомонӣ бунёд гардидааст, ба фаъолият оғоз намуд.

Неругоҳи мазкур иқтидори энергетикии вилоятро 25 фоиз афзоиш дода, маҳдудияти интиқоли неруи баркро дар соатҳои сарборӣ барои аҳолӣ ва корхонаҳои саноатӣ бартараф месозад.

**Боиси сарфарозиву қаноатмандист, ки имрӯз ҳисси худшиносиву худогоҳӣ ва ҳувияти миллӣ, ифтихор аз Ватани соҳибихтиёру озод, пос доштани мероси таърихиву арзишҳои фарҳангӣ ва дарки масъулияти шаҳрвандии мардуми тоҷик бамаротиб густаришу тақвият ёфтааст ва ин падидаи нек моро ба ояндаи дурахшони ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ умеди қавӣ мебахшад.**

**Мо Рӯзи ваҳдати миллии имсоларо дар айёме ҷашн мегирем, ки дар саросари мамлакат кору пайкори созандагӣ ба истиқболи ҷашни бузурги миллӣ – 35-солагии истиқлоли давлатии Тоҷикистон босуръат идома дошта, неруи иқтисодии давлати тоҷикон ва фарҳанги сиёсии миллати тоҷик таҳкиму тавсеа ёфта истодааст.**

Ҳоло мардуми кишварамон амиқан дарк кардаанд, ки истиқлоли давлатиро танҳо бо заҳмати аҳлонаву созанда, тафаккури пешрафтаву ҷаҳонбинии муосир, эҳсоси гарми ватандӯстӣ ва масъулияти баланди шаҳрвандӣ метавон тақвият бахшид.

Дар шароити ҳозира ҳар як фарди худогоҳи мамлакатро зарур аст, ки барои




дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарварӣ ва расидан ба қадри истиқлолу озодӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ тарбия кардани фарзандони худ, яъне наврасону ҷавонон саъю талош варзад.

Мо бояд наслҳоеро тарбия намоем, ки ояндаи давлату миллатро ба дӯш гирифта, амнияту субот ва ободиву пешрафти Ватани маҳбубамонро таъмин карда тавонанд ва кору фаъолияти падарони шуҳратманди худ – Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Шириншо Шоҳтемур, Нусратулло Махсум ва садҳо бузургону фарзонаҳои дигарро бо садоқат ба миллат ва давлати хеш идома бахшанд.

Бо умеди ояндаи боз ҳам ободи Тоҷикистони маҳбубамон бори дигар кулли ҳамватанони азиз, сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шумо – ҳозирини арҷмандро ба ифтихори Рӯзи ваҳдати миллӣ самимона табрик гуфта, ба ҳар яки шумо саломативу иқболи баланд, хонаи обод, барору муваффақият ва ба Тоҷикистони азизамон оромиву субот ва ваҳдати ҷовидонӣ орзу менамоям.

Бигзор, ваҳдату ягонагӣ дар сарзамини аҷдодиамон ҳамеша равшангари роҳи мардуми шарифи тоҷик ба сӯйи ободиву созандагӣ ва пешрафту тараққиёт бошад.

**Ҷашни ваҳдату ҳамбастагӣ муборак, ҳамватанони азиз!**

**www.president.tj**



# Таъиноти кадрӣ

2 майи соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кадрҳои ба вазифаҳои роҳбарию фармондеҳӣ дар Вазорати мудофиа, Қӯшунҳои сарҳадӣ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ва як қатор сохторҳои дигар таъиншавандаро барои суҳбат ба ҳузур пазируфтанд.

Дар баробари таъинот дар ниҳодҳои қудратӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02 майи соли 2025, таҳти №1027 Муродализода Далер Усмон Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин гардид.

Дар мувофиқа бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифаҳои роҳбарӣ ва фармондеҳӣ дар сохторҳои дахлдор кадрҳои ҷавону варзи-



даи соҳибтахассуси ин соҳаҳо таъин гардиданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат нахуст ба кадрҳои дар бахшҳои мудофиа ва ҳифзи сарҳади давлатӣ таъиншуда муроҷиат намуда, онҳоро, пеш аз ҳама, ба пурзӯр намудани назорати интизоми ҳарбӣ, баланд бардоштани сатҳи омодагии доимии ҷангии ҷузъу томҳои низомӣ, аз худ намудани забонҳои байналмилалӣ ва техникаю технологияи муосири ҳарбӣ ва бахусус ба хизмати содиқонаю софдилона ба Ватан ва мардуми Тоҷикистон ҳидоят намуданд.

Дастуру тавсияҳои мушаххас, ҳамчунин, доир ба тақвият бахшидани тартибу низом ва назорат дар ҳамаи самтҳои фаъолияти сохторҳои номбурда, аз ҷумла пурзӯр намудани назорат дар истифодаи сариштакоронаи неруи барқ, кам кардани талафоти техникӣ ва пешгирӣ аз истифодаи ғайриқонунии он дода шуд.

Таъкид гардид, ки ба интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, ба хусус дар мақомоти назоратӣ, ба савияи донишу маҳорат, касбият ва ҳисси масъулиятшиносии онҳо, таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад.

**www.president.tj**



**МУРОДАЛИЗОДА ДАЛЕР УСМОН**

**Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Дар бораи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Муродализода Д.У.

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фармон медиҳам:

1. Муродализода Далер Усмон муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
2 майи соли 2025
№1027

Муродализода Далер Усмон 18 феврали соли 1989 таваллуд шудааст. Хатмкардаи Донишгоҳи Белевюи иёлати Небраскаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бо ихтисоси менеҷмент (с. 2012) ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо ихтисоси ҳуқуқшинос (с. 2018) мебошад.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 2012 аз коромӯзи Гурӯҳи захиравии Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Агроинвестбонк" дар шаҳри Душанбе шуруъ карда, солҳои 2013 – 2014 менеҷер оид ба алоқаи сектори кор бо муштариёни Шуъбаи бонкдории корпоративии дирексияи амалиётии №1-и Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Агроинвестбонк" дар шаҳри Душанбе буд.

Аз соли 2015 то соли 2021 ба ҳайси мутахассиси пешбари Шуъбаи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони низоми бонкии Бонки миллии Тоҷикистон, сардори шуъбаи саводнокии молиявии Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии Бонки миллии Тоҷикистон, муовини сардори идора – сардори шуъбаи танзим ва методологияи идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии Бонки миллии Тоҷикистон ифои вазифа намудааст.

Муродализода Далер Усмон солҳои 2022 – 2025 дар вазифаи сардори идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии Бонки миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2025, №1027 Муродализода Далер Усмон муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин гардид.

Номбурда соли 2024 бо Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз шудааст.

Узви Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон буда, забонҳои англисӣ ва русиро медонад.

Оиладор.

# АХБОРИ БОНКӢ

## ИТТИЛООТ·НАВИД·РӮЙДОД



## ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОД




# Мулоқоти раиси Бонки миллии Тоҷикистон бо намояндагони “Numisma Bank”

15 майи соли 2025 дар Бонки миллии Тоҷикистон мулоқоти кории раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода бо ҳайати муассисаи молиявии ИМА — “Numisma Bank” таҳти роҳбарии директори иҷроияи он ҷаноби Вивек Тяги баргузор гардид.

Дар мулоқот масоили ҳамкорӣ дар бахши интиқоли самаранок ва бехатари асъори нақд, алалхусус доллари ИМА ва евро мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз ҷониби “Numisma Bank” доир ба фаъолият ва хизматрасонӣ, аз ҷумла имкониятҳои логистикии ин муассисаи молиявӣ муаррифӣ гардид. Зимни мулоқот ҷонибҳо ба мувофиқа омаданд, ки музокирот дар доираи коршиносон идома ёфта, имкониятҳои рохандозии ҳамкории судманд баррасӣ мешаванд.

# Вохӯрӣ бо ҳайати Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд

19 майи соли 2025 дар мулоқоти роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо ҳайати Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд масоили ҳамкорӣ дар доираи Барномаҳои рушди иқтисод барои солҳои 2024-2029 баррасӣ гардиданд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода аз ҳамкории судманд бо ин ниҳоди бонуфуз истиқбол карда, барои татбиқи лоиҳаҳо ва ба ин васила ба пешравиҳои назаррас ноил гардидан дар самтҳои алоҳида изҳори сипос намуд.

Зимни мулоқот ҷонибҳо роҳандозии ҳамкориро дар таҳкими иқтидори назорати суғуртавӣ, тақвият бахшидани заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳа, рақамикунонӣ дар соҳаи суғурта, баланд бардоштани саводнокии молиявӣ, принсипҳои идоракунии экологӣ, иҷтимоӣ ва корпоративӣ,

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОД





таҳлили хатарҳои иқлимӣ дар муассисаҳои молиявӣ ва рушди бозори маблағгузории сабз мавриди баррасӣ қарор доданд.

Ҷониби БАТР ҷалби лоиҳаҳоро ба рушди бахши хусусӣ, таҳкими устувории низоми молиявӣ, суръат бахшидан ба модернизатсияи иқтисодӣ, ташаккули иқтисодиёти сабз, тақвияти идоракунии корпоративӣ аз самтҳои муҳимми дурнамои ҳамкорӣ арзёбӣ намуд.

## Баррасии барномаи кафолати қарзҳои хурд бо IFC



▪ Дар мулоқоти раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода бо ҳайати Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ, ки 21 майи соли 2025 дар Бонки миллии Тоҷикистон баргузор гардид, лоиҳаи нави IFC - Барномаи кафолати қарзҳои хурд (Small Loan Guarantee Program) мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Зимни мулоқот раиси Бонки миллии Тоҷикистон аз саҳми корхонаҳои хурду миёна дар рушди иқтисодиёт сухан карда, аз маҳдуд будани механизми кафолат ҷиҳати дастрасӣ ба маблағгузории чунин корхонаҳо то ба ҳол қайд намуд. Дар ин замина, пешниҳоди Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ як роҳи амалии инноватсионӣ ба ҳисоб меравад. Бо дарназардошти



## ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОД

ин ҳолат, барномаи нави IFC бо мақсади дастгирии молиявии корхонаҳои хурду миёна таҳия гардида, қадами муҳим дар роҳи бартараф намудани камбуди маблағгузорӣ дар ин бахш ва мусоидат ба дастрасии молиявӣ дар кишвар мебошад.

Ин ҳолат барои муассисаҳои молиявӣ шароит фароҳам меорад, ки бозори ҳадафноки худро васеъ ва маҳсулоту хизматрасониҳои нави қарзиро озмоиш намоянд.

Директори аршади молиявии IFC ҷаноби Уалид Аммар вобаста ба имкониятҳои Барномаи кафолати қарзҳои хурд сухан карда, изҳор дошт, ки Барномаи мазкур дар баробари корхонаҳои хурду миёна, инчунин ба густариши маблағгузории бахши хусусӣ, аз ҷумла дастгирии бонувон, корхонаҳои дар ҳолати рушд қарордошта, минтақаҳои дурдаст ва соҳаи кишоварзӣ, ҳифзи муҳити зист ва масъалаҳои иқлим равона шудааст.



## Лоиҳаи “Таҳкими бахши молиявии Тоҷикистон”

22 майи соли 2025 ҷиҳати тақвият бахшидан ба муносибатҳои дуҷониба ва баррасии ҳамкории минбаъда як ҳайати Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ иборат аз иқтисодчиёни аршади бахшҳои молия ва хусусӣ, инчунин намояндагони Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ ва Бонки миллии Тоҷикистон ташриф оварданд.

Дар рафти мулоқот бо коршиносон масъалаҳои тақвияти бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути танзим ва назорати микропруденсалӣ (принсипҳои Базел II ва III), таҳкими фаъолияти идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, суғуртаи амонатҳо, пасандозҳо, низоми пардохт ва бозори молиявӣ дар доираи лоиҳаи “Таҳкими бахши молиявии Тоҷикистон” мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Ҷонибҳо инчунин оид ба натиҷаҳои лоиҳа ва мусоидати он ба таҳкими бахши суботи молиявӣ, такмили механизми танзими ташкилотҳои қарзии молиявӣ, назорати ба хавф нигаронидашуда, назорати низомҳои пардохт, меъёрҳои назорати ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва идоракунии корпоративӣ дар низоми бонкӣ фикру андешаҳои худро баён намуда, доир ба таъсири лоиҳа ба бахши молиявии кишварро мавриди муҳокима қарор доданд.



# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОД

## Ташрифи Директори минтақавии Бонки Ҷаҳонӣ ба Бонки миллӣ

27 майи соли 2025 раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода бо директори минтақавии кишварҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ оид ба масъалаҳои рушди одилонаи молия ва муассисот - ҷаноби Асад Алам мулоқот анҷом дод. Дар мулоқот





раванди татбиқи лоиҳаҳои ҷорӣ, самтҳои муҳимми ҳамкорӣ, аз ҷумла рушди фарогирии молиявӣ ва иқтисоди ғайринақдӣ, инчунин омӯзиши самтҳои нави шарикӣ барои дастгирии мақсадҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар муҳокима гардиданд.

Ҷонибҳо оид ба лоиҳаҳои рушди бахши молиявӣ ва хусусӣ, дастгирии сиёсати рушд ва таҳкими бахши молиявӣ дар Тоҷикистон табодули назар намуда, аз татбиқи муваффақонаи лоиҳа истиқбол намуданд. Дар доираи татбиқи матритсаи ислоҳот тадбирҳои заруриӣ оид ба зиёд намудани самаранокии бахши молиявӣ ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ роҳандозӣ карда шуд. Айни замон, дар доираи марҳилаи 2-юми лоиҳаи “Таҳкими бахши молиявӣ дар Тоҷикистон” ва лоиҳаи “Рушди бахши молиявӣ ва хусусӣ” корҳои муайян идома доранд.

Зимни мулоқот инчунин масъалаҳо оид ба самтҳои нави ҳамкорӣ дар бахши суғурта, тағйирёбии иқлим ва баробарии гендерӣ баррасӣ шуданд.

## Ташрифи намояндаи нашрияи байналмилалии “The Investor”

16 июни соли 2025 намояндаи нашрияи байналмилалии “The Investor” ҷаноби Леонардо Словински ҷиҳати анҷом додани мусоҳиба бо раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода ба Бонки миллии Тоҷикистон ташриф овард.

Дар ҷараёни суҳбат ҷонибҳо оид ба ҷолибияти фазои сармоягузорӣ дар кишвар, аз ҷумла низоми бонкӣ табодули назар намуданд. Ҷаноби Леонардо Словински бо мақсади муаррифии имкониятҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ, роҳандозӣ намудани робитаи мустақим бо шабакаи ҷаҳонии сармоягузорон, ҷалб намудани таваҷҷуҳи ҷомеаи сармоягузорӣ ба соҳаҳои калидии иқтисодиёти Тоҷикистон тасмим дорад дар маҷаллаи “The Investor” мавод нашр намояд.

Дар мулоқот раиси Бонки миллии Тоҷикистон намояндаи нашрияи мазкурро бо вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошно

## ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОД





карда, аз фазои мусоиди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби сармояи мустақим ва фаъолияти озоду бемамониати сармоягузорони хориҷӣ дар бахши иқтисодиёт, аз ҷумла низоми бонкӣ, шароити созгор ва заминаи меъёрию ҳуқуқии мукаммал таъкид дошт.

“The Investor” ширкати байналмилалии нашриётӣ оид ба муаррифии имкониятҳои сармоягузории кишварҳо буда, 165 ҳазор сармоягузор ва роҳбарони ширкатҳо аз 48 кишвари дунёро фаро мегирад, ки ҳаҷми умумии сармояи онҳо зиёда аз 60 миллиард долларро ташкил медиҳад.

## Татбиқи Барномаи фишанги ҳамоҳангсозии сиёсат



Дар мулоқоти муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ бо ҳайати Хазинаи Байналмилалии Асъор 3 апрели соли 2025 татбиқи Барномаи фишанги ҳамоҳангсозии сиёсат (PCI) вобаста ба масъалаҳои дурнамои рушди бозори молиявӣ, ислоҳоти низоми суғуртаи мамлакат ва рушди хизматрасониҳои суғуртавӣ, рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ, натиҷаҳои дар ин самт ноилшуда ва нақшаҳои оянда таботдули назар намуданд.

Дар меҳвари муҳокимаи ҷонибҳо барномаи ислоҳоти низоми суғурта мавриди



## ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОД

таваҷҷуҳ қарор гирифта, аз рушди бозори суғуртаи кишвар дар солҳои охир ва ташаббусҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар ин самт ба коҳиши осебпазирии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ, баланд бардоштани фарҳанги суғурта дар байни аҳолӣ сухан рафт. Дар зимни ҷорӣ намудани стандартҳои нави ҳисоботдиҳӣ ва фароҳам овардани заминаи мусоиди қонунгузорӣ дар доираи барномаи ислоҳоти суғурта аз самтҳои афзалиятнок таъкид шуд.

Дар анҷом ташрифи ҳайати Хазинаи Байналмилалии Асъорро, ки дар доираи шарҳи дуюми Барномаи фишанги ҳамоҳангсозии сиёсат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт, мусоидаткунанда ба рушди бахши молиявии кишвар арзёбӣ гардид.

## Самтҳои ҳамкорӣ бо Бонки марказии Ҷумҳурии Ӯзбекистон



10 апрели соли 2025 дар шаҳри Тошканд дар мулоқоти муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ бо раиси Бонки марказии Ҷумҳурии Ӯзбекистон Тимур Ишметов масъалаҳои густариши ҳамкории низоми бонкии ду кишвар дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии баимзорасида, аз ҷумла созишномаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи назорати иштирокчиёни бозори хизматрасониҳои пардохтӣ ва низомҳои пардохтӣ, назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, инчунин зарурати афзоиши шабакаи муносибатҳои муросилотӣ байни низомҳои бонкӣ, омӯзиши таҷрибаи тарафайн дар самти татбиқи стратегияи фарогирии молиявӣ ва тадқиқотҳо муҳокима ва баррасӣ шуданд.

Тарафҳо ҳангоми баррасии масоили ҳамкорӣ ба рушду густариши минбаъдаи ҳамкории мутақобилан судманд таваҷҷуҳ карда, робитаҳои мустаҳками иқтисодии байни ду кишвари дӯстро барои ҳамкории дарозмуддат, аз ҷумла дар низоми бонкӣ муҳим арзёбӣ намуданд.

Дар рафти мулоқот инчунин дигар самтҳои ояндадори ҳамкории низомҳои молиявии ҳарду кишвар, аз ҷумла тавсеаи ҳамкории низомҳои миллии кортҳои пардохтӣ дар доираи ҳисоббаробаркуниҳои мутақобила бо асъори миллӣ, инчунин ба роҳ мондани табодули таҷриба бо истифода аз таҷрибаи гузаронидани машваратҳои дуҷониба, таҷрибаомӯзӣ, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои таълимӣ таваҷҷуҳ карда шуд.



ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОД

# Мулоқоти Далер Муродализода бо ҳайати Бонки Ҷаҳонӣ





20 майи соли 2025 дар доираи татбиқи барномаи "Тақвияти низоми молиявӣ дар Тоҷикистон – марҳилаи II" муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Далер Муродализода бо намояндагони Бонки Ҷаҳонӣ — роҳбари бахши молиявии Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ дар кишварҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ Пиетро Каличе, аъзои гурӯҳ Анита Окемини ва Моника Арутюнян мулоқот анҷом дод.

Дар мулоқот ҷонибҳо масъалаҳои муҳимми ҳамкориро, ки ба таҳкими устуворӣ, шаффофияти низоми молиявӣ ва густариши фарогирии молиявӣ дар кишвар равона шудаанд, мавриди баррасӣ қарор доданд. Зимни мулоқот ба масъалаи татбиқи Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ ба ташкили веб-портали ягона барои муқоисаи нархҳо ва шароити хизматрасониҳои молиявӣ, ки ба таҳкими ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, рушди муҳити рақобатпазир дар бахши бонкдорӣ ва боло бурдани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ мусоидат хоҳанд кард, таваҷҷуҳи хос зоҳир карда шуд.

Ҷонибҳо инчунин масъалаҳои нақшаи минбаъдаи омодасозии дастурамалҳои методӣ барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ оид ба интиқол ва навсозии маълумот, озмоиши платформаи мазкур бо иштироки ҷонибҳои манфиатдор, инчунин сайқал додани малакаи касбии кормандони Бонки миллии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба рақамикунонии бахши молия мавриди муҳокима қарор доданд.

Дар рафти мулоқот муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Далер Муродализода инчунин таваҷҷуҳи ҳозиринро ба дурнамои масъалаҳои муҳим, аз ҷумла таҳия ва татбиқи Барномаи давлатии баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026–2030 ва таъсиси Академияи бонкӣ дар назди Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии Бонки миллии Тоҷикистон ҷалб намуд.

Дар интиҳо ҷонибҳо омодагии хешро барои тақвияти ҳамкории тарафайн бо назардошти афзалиятҳои миллӣ ва дурнамои рушди фарогирии молиявӣ баён доштанд.

**"Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ", www.nbt.tj**

# Тоҷикистон - майдони мубодилаи таҷриба барои фарогирии молиявӣ




## Ҷумҳурии Тоҷикистон мизбони ҳамоиши байналмилалии Алянси барои фарогирии молиявӣ гардид

12 майи соли 2025 дар фазои пур аз ҳамкории байналмилалӣ, дар Маркази таълимии "Маҷмааи Хуталон"-и Бонки миллии Тоҷикистон, кори гурӯҳҳои кории Алянси барои фарогирии молиявӣ (AFI) бо иштироки намояндагони бонкҳои марказӣ ва ниҳодҳои молиявии 34 кишвари аъзо оғоз гардид. Ин ҳамоиш, ки ба мавзуъҳои муҳимми хизматрасониҳои молиявии рақамӣ (DFSWG) ва стратегияҳои фарогирии молиявӣ (FISPLG) бахшида шудааст, майдони барҷастаи муҳокима, омӯзиш ва мубодилаи таҷрибаҳо дар масири таҳкими дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ ба шумор меравад.

Дар маросими ифтитоҳии чорабинӣ раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода суханронӣ намуда, баргузории чунин як ҳамоиши сатҳи байналмилалиро дар Тоҷикистон ҳамчун далели эътимоди ҷомеаи байналмилалӣ ба сиёсати устувори иқтисодию молиявии кишвар арзёбӣ намуд. Мавсуф аз ҷумла таъкид дошт: "Мизбонии ин чорабинии сатҳи баланд на танҳо мояи ифтихори мост, балки гувоҳи он аст, ки Тоҷикистон дар татбиқи ислоҳоти муосири молиявӣ, рақамисозии иқтисоди миллӣ ва густариши фарогирии молиявӣ мавқеи фаъоли худро мунтазам дар сатҳи

> Тоҷикистон дорои решаҳои амиқи таърихӣ ва фарҳангии садсолаҳо мебошад. Имрӯз мо бо такя ба ҳамин асосҳо, сиёсати фарогирии молиявиро ҳамчун унсури калидии рушди устувор, таҳкими ҳимояи иҷтимоӣ ва рушди инсонӣ амалӣ мекунем.







минтақавию ҷаҳонӣ касб карда истодааст. Бо итминон метавон гуфт, ки табодули таҷриба ва омӯзиши амалияи беҳтарини кишварҳои аъзо заминаи мусоидро барои таҳияи сиёсатҳои самарабахш ва фарогир фароҳам меорад.

Раиси Бонки миллӣ таъкид намуд, ки баргузории чунин як чорабинии сатҳи баланди ҷаҳонӣ дар кишвари мо на танҳо эътирофи саҳми Тоҷикистон дар сиёсати фарогирии молиявӣ, балки амалисозии фаъоли ташаббусҳои муосир, аз ҷумла рақамисозии бахши молиявӣ, дастрасии баробар ба хизматрасониҳо, хусусан барои занон, ҷавонон ва гурӯҳҳои осебпазир мебошад.

"Тоҷикистон дорои решаҳои амиқи таърихӣ ва фарҳангии садсолаҳо мебошад. Имрӯз мо бо такя ба ҳамин асосҳо, сиёсати фарогирии молиявиро ҳамчун унсури калидии рушди устувор, таҳкими ҳимояи иҷтимоӣ ва рушди инсонӣ амалӣ мекунем", — зикр шуд дар суханронии ифтитоҳии раиси БМТ.

Аз замони пайвастани Тоҷикистон ба AFI дар соли 2011, кишвар як қатор ислоҳоти муҳимми сохторӣ, муосирсозии инфрасохтори молиявӣ, эҷоди муҳити мусоиди рақамӣ ва таҳияи стратегияҳои фарогирии молиявӣ амалӣ намудааст. Ин чорабиниҳо имконият фароҳам овард, ки Тоҷикистон на танҳо баҳраманд, балки ташаббускор ва ҳаммуаллифи равандҳои нави фарогирии молиявӣ бошад.

Дар идома, Директори барномаҳои сиёсат ва ташаббусҳои минтақавии AFI, хонум Элики Болетава, дар суханронии худ таъкид намуд, ки чунин ҷаласаҳо на танҳо барои мубодилаи таҷриба, балки барои таҳияи равишҳои инноватсионӣ дар бунёди низомҳои молиявии фарогир ва устувор муҳим ҳастанд.

Мо уҳдадорем, ки технологияи муосир на танҳо воситаи осон кардани пардохт, балки воситаи ҳимояи иҷтимоӣ гардад – барои он ки ҳар як шаҳрванди кишвар, сарфи назар аз маҳалли зист ё вазъи иҷтимоӣ, дастрасии баробар ба хизматрасониҳои молиявиро дошта бошад.





Дар рӯзномаи ҷаласа мавзуъҳои муҳим, ба мисли манзили дастрас, фарогирии молиявии гендерӣ, рушди фарогир барои ҷамоатҳои деҳот ва соҳибкорони хурд ва моделҳои устувори хизматрасонии рақамӣ баррасӣ гардиданд.

Баррасии чунин масоил равиши рушди иқтисоди фарогирро фароҳам меорад, ки на танҳо ба рушди иқтисод, балки ба коҳиши нобаробарӣ, пешбурди иқтисоди сабз ва таъмини имконоти баробар мусоидат мекунад.

Ҷаласаҳои гурӯҳҳои кории AFI барои Тоҷикистон на танҳо майдони тақвияти нуфуз ва ҳамкориҳои байналмилалӣ, балки як фурсати нодир барои муаррифии таҷрибаҳои миллӣ, аз ҷумла дар соҳаи рақамисозии низоми молиявӣ, ҳимояи истеъмолкунандагон, захирасозӣ ва маблағгузории соҳибкории хурду миёна мебошад.

Тоҷикистон бо пешбурди платформаҳои ҳукумати электронӣ, тавсеаи инфрасохтори низоми пардохт ва истифодаи мушаххаскунии бехатари рақамӣ, сиёсати фарогирии молиявиро ба як меҳвари муҳимми рушди миллӣ табдил додааст.

“Мо уҳдадорем, ки технологияи муосир на танҳо воситаи осон кардани пардохт, балки воситаи ҳимояи иҷтимоӣ гардад – барои он ки ҳар як шаҳрванди кишвар, сарфи назар аз маҳалли зист ё вазъи иҷтимоӣ, дастрасии баробар ба хизматрасониҳои молиявиро дошта бошад”, — таъкид кард Фирдавс Толибзода.

Ин ҷаласаҳои гурӯҳҳои корӣ нишон доданд, ки фарогирии молиявӣ дигар як мафҳуми назариявӣ нест, балки асоси рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ, афзоиши эътимод ба низоми молиявӣ ва таъмини имкони баробар барои ҳар шаҳрванд мебошад.

Мизбонии Тоҷикистон ба ин чорабинӣ нишон медиҳад, ки кишвари мо омода аст дар ин самти




афзалиятнок пешсаф бошад ва ин муваффақиятҳо, бешак, бо роҳнамоии сиёсати оқилонаи давлат ва талошҳои пайвастаи Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ мешаванд.

“Мо ифтихор дорем, ки як қисми ин ҳаракати ҷаҳонӣ ҳастем ва ба мубодилаи таҷриба, омӯзиши равишҳои нав ва ҳамкориҳои минбаъда дар роҳи татбиқи ҳадафҳои муштараки фарогирии молиявӣ омодаем”, - бо чунин андешаҳо суханронии раиси Бонки миллии Тоҷикистон ба поён расид.

Дар ҳамоиш намояндагони бонкҳои марказӣ ва ниҳодҳои танзимгар дар ҷаласаҳои хизматрасониҳои молиявии рақамӣ (DFSWG) ва стратегияҳои фарогирии молиявӣ (FISPLG) масъалаҳои марбут ба рушди инфрасохтори молиявӣ, такмили сиёсати фарогирӣ, дастрасии рақамӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, инноватсия ва таъмини рушди иқтисодиро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Муҳокимаҳо дар бораи ҳамоҳангсозии пулҳои мобилӣ, лоиҳаҳои инноватсионии финтехникӣ, устувории бехатарии киберӣ ва саводнокии рақамӣ ба намояндаҳои давлатҳои иштирокдор дар такмил додани чаҳорчӯбаи меъёрӣ ва шарикии давлат ва бахши хусусӣ кӯмак мекунанд, то маблағгузории рақамӣ як омили воқеии фарогирӣ ва рушди иқтисодӣ гардад. Бо мувофиқ кардани таҷрибаҳои беҳтарини байналмилалӣ бо рӯзномаи миллии рақамӣ, муҳокимаҳо дар ҷаласаҳои корӣ дар ташаккули экосистемаи молиявӣ, ки ҳам муосир ва ҳам фарогир аст, нақши калидӣ мебозанд.

Маврид ба зикр аст, ки Алянси барои фарогирии молиявӣ (AFI) яке аз шабакаҳои бонуфузи ҷаҳонӣ дар соҳаи таҳия ва татбиқи сиёсати фарогирии молиявӣ мебошад, ки бештар аз 80 бонки марказӣ ва ниҳодҳои молиявии танзимгарро аз кишварҳои гуногун муттаҳид месозад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2011 узви фаъоли ин Алянс буда, дар ҳашт гурӯҳи кории он – аз ҷумла дар самтҳои хизматрасониҳои рақамӣ, маблағгузории сабз, ҳимояи истеъмолкунандагон ва фарогирии гендерӣ – иштирок менамояд.

**М.Ҳасанова, "БТҶ"**



# Ташрифи ҳайати Хазинаи Байналмилалии Асъор:
## баррасии Барномаи фишанги ҳамоҳангсозии сиёсат (PCI)

Аз 2 то 15 апрели соли 2025 ҳайати Хазинаи Байналмилалии Асъор тибқи Моддаи IV ва шарҳи дуюми татбиқи барномаи фишанги ҳамоҳангсозии сиёсат (PCI) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, дар ҷараёни ташриф бо як қатор вазорату мақомоти бахши иқтисодии кишвар машварату мулоқотҳо анҷом дод.

Аз ҷумла, 3 апрели соли 2025 дар мулоқоти роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо ҳайати Хазинаи Байналмилалии Асъор раванди иҷрои Барномаи фишанги ҳамоҳангсозии сиёсат (PCI) ва дигар масоили ҳамкорӣ мавриди муҳокима ва баррасии ҷонибҳо қарор дода шуд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон ҳайати Хазинаи Байналмилалии Асъорро аз ҷараёни татбиқи “Барномаи фишанги ҳамоҳангсозии сиёсат”, ки бо



назардошти ислоҳоти афзалиятнок бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти миллии Тоҷикистон дар самти таҳкими сиёсати иқтисодӣ, идораи самараноки захираҳои байналмилалӣ ва таъсири онҳо

мамлакат таҳия гардидааст, ҳозиринро шинос намуд.

Зимни мулоқот ҷонибҳо инчунин доир ба дурнамои иқтисодӣ ва тадбирҳои Бонки



ба татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, рушди бозори асъор, муътадилии сатҳи таваррум, устувории бахши молиявӣ, инчунин иҷрои тавсияҳои ҳайати Хазинаи Байналмилалии Асъор табодули назар намуданд.

Дар хотима ҷонибҳо ба хулоса омаданд, ки бо назардошти тамоюли мусбат доштани нишондиҳандаҳо, суботи геополитикӣ ва рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ҳамкориро бо шариконі байналмилалӣ, аз ҷумла Хазинаи Байналмилалии Асъор идома хоҳанд дод.

Баъди анҷом додани мулоқоту машваратҳо дар Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар вазорату ниҳодҳои иқтисодӣ, 15 апрели соли 2025 дар Бонки миллии Тоҷикистон мулоқоти ҷамъбастии ҳайати Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) бо масъулини вазорату идораҳои бахши иқтисодии кишвар таҳти роҳбарии муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло доир гардид.

Дар мулоқот натиҷаи кори ҳайати ХБА оид ба машваратҳо тибқи Моддаи IV ва шарҳи дуюми татбиқи барномаи фишанги ҳамоҳангсозии сиёсати ХБА барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор дода шуд.

Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот иброз дошт, ки татбиқи барномаи фишанги ҳамоҳангсозии сиёсат тибқи нақша сурат гирифта, нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва ҳадафҳои ислоҳоти дар шарҳи дуюм дарҷшуда дар маҷмуъ ба даст оварда шуданд. Ҳадафҳои ислоҳотӣ ба рушди устувори иқтисодиёти кишвар мусоидат карда, нигоҳ доштани таваррум дар сатҳи поёнтар аз доираи мақсаднок аз сиёсати самараноки пулию қарзӣ шаҳодат медиҳад. Изҳори умед карда шуд, ки тамоюли мусбати рушди иқтисоди кишвар боқӣ мемонад





Тоҷикистон қайд кард, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти барномаро дарк намуда, барои татбиқи бомуваффақи он ҳамаҷониба талош меварзад: “Мо итминон дорем, ки татбиқи барнома ба ҳавасмандгардонии маблағгузории иловагии лоиҳаҳои афзалиятноки иҷтимоӣ ва инфрасохторӣ бо мақсади



ва Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд низ барои таҳкиму устувории иқтисодиёт дар доираи барномаи фишанги ҳамоҳангсозии сиёсат, ки ба афзудани устувории буҷет, такмили сиёсати пулию қарзӣ, сиёсати қурбӣ ва сиёсати бахши молиявӣ, инчунин мусоидат ба рушди устувор ва фарогир нигаронида шудааст, тадбирҳои заруриро роҳандозӣ хоҳад кард.

Зимни вохӯрӣ роҳбарони мақомоту ниҳодҳои иқтисодӣ оид ба татбиқи барнома назару пешниҳодҳои худро иброз доштанд.

Роҳбари ҳайати Хазинаи Байналмилалии Асъор ҷаноби Мэтю Гартнер дар изҳороти худ аз натиҷаи мулоқоту вохӯриҳои ҳайати ХБА бо вазорату идораҳо, аз тамоюли мусбат доштани нишондиҳандаҳо ва дурнамои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарф зада, қайд намуд, ки шарҳу эзоҳи пешниҳодгардида дар давраҳои минбаъдаи музокирот ба инобат гирифта мешаванд.

Дар интиҳо, муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии

мусоидат ба рушди устувор ва фарогир кумак хоҳад кард ва дар ин раванд, тавсия ва андешаи коршиносони ХБА муҳим арзёбӣ мегардад. Мо ҷонибдори муколамаи созанда буда, омода ҳастем ҳамаи он масъалаҳое, ки ба вазъи воқеӣ ва қадамҳои минбаъда дахл доранд, муҳокима намоем”.

# Нақши Тоҷикистон дар густариши ҳамкориҳои молиявӣ ва иқтисодии байналмилалӣ

Дар ҷаласаҳои баҳории Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ (апрели 2025, Вашингтон), ҳайати расмии Тоҷикистон таҳти роҳбарии муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода, бо роҳбарони созмонҳои молиявии ҷаҳонӣ ва намояндагони бахши хусусӣ мулоқотҳои муҳимме анҷом дод. Ҷонибҳо дар мавриди татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ, ҷалби сармоягузорӣ, рушди “иқтисоди сабз” ва дастгирии лоиҳаҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла нерӯгоҳи “Роғун” табодули афкор намуда, дурнамои ҳамкориҳои минбаъдаро баррасӣ карданд.

## Мулоқот бо ҳайати роҳбарикунандаи Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Бонки Ҷаҳонӣ

22 апрели соли 2025 дар ҳошияи ҷаласаҳои баҳории Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ дар шаҳри Вашингтон (ИМА) раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс ва вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон







Қаҳҳорзода Файзиддин бо муовини директори идоракунандаи ХБА ҷаноби Бо Ли мулоқот намуданд. Дар мулоқот масъалаҳои раванди татбиқи тавсияҳои ҳайати ХБА, натиҷаҳои бадастомада, идомаи ҳамкорӣ дар барномаҳои кумаки техникӣ ва молиявӣ, ки ба суботи молиявӣ ва рушди устувори иқтисодӣ мусоидат мекунанд, мавриди таваҷҷуҳ ва муҳокима қарор гирифтанд.

Дар идомаи рӯз, ҳайати мазкур бо директори департаменти кишварҳои Шарқи Наздик ва Осиёи Марказии ХБА Ҷиҳод Азур мулоқот намуда, дар зимн ҷонибҳо оид ба вазъи макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешравиҳо дар он, таҳкими устувории молиявӣ ва дигар масъалаҳо табодули назар намуданд.

Қайд гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи татбиқи як қатор лоиҳаҳои муҳимми ба рушди инфрасохтор, ҳалли масъалаҳои тағйирёбии иқлим ва идоракунии захираҳои табиӣ нигаронидашуда қарор дошта, шарикони асосии таъмини рушди устувор метавонанд дар татбиқи ин лоиҳаҳои муҳим иштирок намоянд.

## Мулоқот бо ноиби президенти Бонки Ҷаҳонӣ оид ба кишварҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ хонум Антонелла Бассани

Дар идома, ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким бо ноиби президенти Бонки Ҷаҳонӣ оид ба кишварҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ хонум Антонелла Бассани мулоқот намуда, масъалаҳои марбут ба раванди татбиқи лоиҳаҳо ва таҳкими дурнамои ҳамкорӣ дар заминаи ислоҳоти иқтисодӣ, идоракунии молияи давлатӣ, захираҳои энергетикӣ, тақвияти иқтисоди рақамӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва дигар самтҳои таъмини рушди иқтисодиро муҳокима намуданд.

Ҷонибҳо инчунин оид ба масоили сохтмони иншооти бузурги стратегӣ - “Неругоҳи барқи обии Роғун”, ки дар таъмини истиқлолияти энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамгироии минтақавӣ ва гузариш ба иқтисоди сабз нақши стратегӣ дорад, суҳбат намуда, ҷалби маблағгузории алоҳидаро ба ин лоиҳа муҳим арзёбӣ намуданд.

Дар зимн, ноиби президенти Бонки Ҷаҳонӣ хонум Антонелла Бассани омодагии худро ҷиҳати шомил намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташаббусҳои минтақавӣ ва рушди платформаҳои нав барои ҳамгироии иқтисодӣ изҳор кард. Таъкид гардид, ки татбиқи ислоҳоти самтҳои афзалиятнок барои Ҷумҳурии Тоҷикистон идома хоҳад ёфт.

## Мулоқот бо Шурои соҳибкорони Тоҷикистону Амрико

22 апрели соли равон дар шаҳри Вашингтон ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Фаррух Ҳамрализода бо намояндагони Шурои соҳибкорони Тоҷикистону Амрико мулоқот анҷом дода, дар зимн дурнамои ҳамкорӣ ва имконоту иқтидори густариши муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ИМА мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Таъкид шуд, ки тайи солҳои ҳамкорӣ байни Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Ҷумҳурии Тоҷикистон фазои



шарикии устувор ва фаъоли рушдкунанда фароҳам гардида, ҳарду кишвар дар муносибатҳои дуҷониба дар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи якдигар ҳамкории самаранокро анҷом медиҳанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сатҳи кунунии муносибатҳои шарикӣ бо ИМА баҳои баланд дода, таҳким бахшидани равобити мутақобилан судманди тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва сармоягузорӣ бо ин кишварро дар сиёсати хориҷии худ аз самтҳои муҳим мешуморад.

## Машварати мудирони ХБА аз кишварҳои Шарқи Наздик ва Осиёи Марказӣ

24 апрели соли 2025 раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс дар машварати нисфирӯзии мудирони ХБА аз кишварҳои Шарқи Наздик ва Осиёи Марказӣ ширкат варзид.

Дар ҳамоиш ба мудирони Хазинаи Байналмилалии Асъор аз кишварҳои Шарқи Наздик ва Осиёи Марказӣ шарҳи вазъи монетарии минтақа манзур карда шуд. Иштирокдорон вобаста ба номуайяниҳо дар иқтисоди ҷаҳонӣ, ноустувории бозорҳои молиявӣ, маблағгузории лоиҳаҳо оид ба тағйирёбии иқлим, омода кардани бахшҳои молиявӣ ба ояндаи сабз, стратегияҳои баланд бардоштани сатҳи омодагӣ ва устувории бахшҳои молиявӣ, нақши мақомоти идорӣ дар коҳиш додани хатарҳои марбут ба иқлим дар бахшҳои молиявӣ ва дигар масъалаҳои муҳим муколама оростанд.

Дар ҳамоиши сатҳи баланд вазъи кунунии робитаҳои

иқтисодӣ, тақвияти ҳамкорӣ байни кишварҳои минтақа ва узви электорат дар самти татбиқи барномаҳои ХБА, афзалиятҳо ба лоиҳаҳои



маблағгузории сабз, рақамисозии иқтисодиёт, ҳамгироии равандҳои тиҷорат ва дигар самтҳои ҳамкорӣ муҳокима ва баррасӣ гардид.

## Мулоқот бо роҳбарияти ICBC ва RAMP

28 апрели соли 2025 дар доираи ҷаласаҳои солонаи Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода бо ҳайати Бонки саноатӣ ва тиҷоратии Чин (ICBC) мулоқот намуд.

Зимни мулоқот ҷонибҳо ба тавсеаи ҳамкории дуҷониба таваҷҷуҳ карда, доир ба масъалаҳои ҷорӣ, аз ҷумла хизматрасонии хазинадорӣ, идора намудани дороиҳо, барқарор намудани муносибатҳои муросилотӣ бо бонкҳои тиҷоратӣ, инчунин тақвият бахшидан ба ҳамкориҳои минбаъда суҳбати судманд анҷом доданд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳошияи ҷаласаҳои баҳорӣ инчунин бо директори департаменти идоракунии дороиҳо, машварат ва идоракунии захираҳои хазинадории Бонки Ҷаҳонӣ (RAMP) хонум Катаржина Зайдел-Куровск вохӯрд.

Дар рафти мулоқот нақши бонкҳои марказӣ дар идоракунии дороиҳо, сармоягузорӣ ба воситаҳои молиявии пардохтпазир ва баландсифат, диверсификатсияи захираҳои байналмилалӣ, такмили ихтисоси кормандон тавассути иштирок дар семинарҳо, барномаҳои таълимиву таҷрибаомӯзӣ ва кӯмаки техникии машваратӣ барои баланд бардоштани самаранокии фаъолият табодули назар намуданд.

Маврид ба зикр аст, ки дар ҷаласаҳои солонаи Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ раиси Бонки миллии Тоҷикистонро як қатор роҳбарони сохторҳои калидии Бонки миллии Тоҷикистон, аз ҷумла директори департаменти назорати бонкӣ Зафар Абдуллоев, директори департаменти захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъор Зиёратшо Бояков, сардори идораи ҳуқуқ Беҳзод Расулов ҳамроҳӣ карданд.

Ҷаласаҳои Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ соле ду маротиба дар қароргоҳи ХБА ва БҶ дар шаҳри Вашингтони ИМА (Колумбия) баргузор мешаванд. Ҷаласаҳои ХБА ва ГБҶ роҳбарони вазоратҳои молия, бонкҳои марказӣ, бахши хусусӣ ва намояндагии ҷомеаи шаҳрвандиро дар як майдон ба ҳам оварда, ҳадафи асосии онҳо муҳокимаи вазъи иқтисоди ҷаҳонӣ, рушди байналмилалӣ, суботи молиявӣ ва сиёсат дар самти рушд мебошад.

# Тоҷикистон ва ояндаи бонкдории исломӣ: аз ташаккул то эътирофи байналмилалӣ




Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пайгирии ислоҳоти муназзами низоми молиявӣ ва густариши бонкдории исломӣ қадамҳои аввалинашро ҳамчун шарики фаъол ва эътимоднок дар майдони молияи исломии байналмилалӣ мемонад. Иштироки муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фируз Шарифзода Ҳомиддин дар конфронсҳои сатҳи ҷаҳонӣ, аз қабили ҳамоишҳои солонаи AAOIFI ва Гурӯҳи Бонки Исломии Рушд, на танҳо имкониятҳои сармоягузории кишварро муаррифӣ мекунад, балки заминаи муҳимми табодули таҷриба, густариши ҳамкориҳои стратегӣ ва тақвияти заминаҳои ҳуқуқии молияи исломиро низ фароҳам меорад. Ин матлаб ба таври мухтасар фаъолияти ҳайатҳои расмии Тоҷикистонро дар ин самт бозтоб медиҳад.

Рӯзҳои 20–21 апрели соли 2025 дар шаҳри Манамаи Шоҳигарии Баҳрайн Конфронси 23-юми солонаи Шурои Шариатии Ташкилоти баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит (AAOIFI) барои муассисаҳои молиявӣ баргузор гардид. Ин ҳамоиш яке аз муҳимтарин рӯйдодҳои сатҳи байналмилалӣ дар соҳаи молияи исломӣ ба ҳисоб рафта, дар кори он олимони маъруфи соҳаи бонкдории исломӣ, намояндагони мақоми танзимкунанда, роҳбарони ташкилотҳои молиявӣ, намояндагони бонкҳои марказӣ ва коршиносони соҳаи молияи исломӣ аз кишварҳои гуногун иштирок карданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар конфронс муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фируз Шарифзода Ҳомиддин намояндагӣ намуд. Мавсуф зимни баромад дар ҷаласаи ифтитоҳӣ оид ба дастовардҳои низоми молиявии кишвар, имкониятҳои сармоягузорӣ ва нақши Бонки миллии Тоҷикистон дар ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ сухан гуфта, мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти риоя ва татбиқи меъёрҳои байналмилалӣ, тақвияти асосҳои ҳуқуқӣ ва амалии бонкдории исломӣ муаррифӣ намуд.

Дар конфронс масъалаҳои муҳимми раванди ҷорӣ ва татбиқи бонкдории исломӣ, аз ҷумла ҳамоҳангсозии меъёрҳои бонкдории исломӣ, ҳамгироии технологияҳои молиявӣ ва татбиқи молияи ахлоқӣ дар низомҳои молиявии мутобиқ ба принсипҳои бонкдории исломӣ баррасӣ гардида, фазои мусоидро барои табодули таҷриба ва таҳкими ҳамкорӣ байни кишварҳо муҳайё месозад.

Инчунин, дар рафти кори конфронс аз ҷониби коршиносон-масъулини ташкили ин ҳамоиш нақши Бонки миллии Тоҷикистон дар рушди заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалии молияи исломӣ баҳои баланд дода шуд **ва ҷиҳати ноил гардидан ба чунин дастовард муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фируз Шарифзода**

**бо ҷоизаи махсуси AAOIFI, ки нишони эътирофи саҳми назарраси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди бахши молияи минтақавӣ ва байналмилалӣ мебошад, қадрдонӣ карда шуд.**

Дар ҳошияи конфронси мазкур муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фируз Шарифзода бо як қатор роҳбарони бонкҳои марказӣ ва намояндагони ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ мулоқот анҷом дода, дар зимн ҷонибҳо оид ба густариши ҳамкориҳои дуҷониба, ҷалби коршиносони байналмилалӣ ва ташкили омӯзишҳои муштарак барои мутахассисони низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон табодули назар намуданд. Қайд карда шуд, ки баргузор намудани чунин машваратҳо заминаи мусоид барои рушду таҳкими робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ дар самти бонкдории исломӣ маҳсуб ёфта, ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ мусоидат хоҳад кард.

## Дар ҳошияи конфронс бо як қатор роҳбарони муассисаҳои молиявӣ ва мақомоти танзимкунанда дар Шоҳигарии Баҳрайн масоили ҳамкорӣ баррасӣ гардид

Дар ҳошияи ин конфронс рӯзҳои 20-21 апрели соли 2025 муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фируз Шарифзода бо як қатор роҳбарони муассисаҳои молиявӣ ва мақомоти танзимкунандаи кишварҳои араб вохӯрӣ анҷом дод.

Аз ҷумла, 20 апрел муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фируз Шарифзода бо раиси Шурои парасторони Ташкилоти баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит барои ташкилотҳои қарзии исломӣ (AAOIFI) Шайх Иброҳим бин Халифа Оли Халифа дар самти сиёсати пулӣ барои муассисаҳои молияви исломӣ ва рушди низоми такофулро мавриди муҳокима қарор доданд.

Инчунин, 21 апрел дар






мулоқот намуд.

Дар рафти вохӯрӣ ҷонибҳо роҳҳои густариши ҳамкории стратегӣ ва татбиқи стандартҳои байналмилалии муҳосибӣ ва аудити исломиро бо мақсади баланд бардоштани иқтидори касбии кормандони низоми бонкии Тоҷикистон, инчунин масоили таҳкими робитаҳои институтсионалӣ, такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

мулоқоти Фируз Шарифзода бо доктор Аҳмад Аш-Шайх - директори генералии Донишкадаи бонкӣ ва молияи Баҳрайн (BIBF) масъалаҳои таҳкими иқтидори кадрӣ, рушди молияи исломӣ ва рақамисозии низоми бонкӣ мавриди муҳокима қарор гирифт. Ҷонибҳо ҳамзамон вобаста ба зарурати ташкили курсҳои таълимии фарогир ва таҳияи барномаҳои махсуси омӯзишӣ







машварат карданд. **Дар фароварди ин машварат миёни Бонки миллии Тоҷикистон ва BIBF Пайнавишти ҳусни тафоҳум ба имзо расонида шуд**, ки он барои ҳамкории минбаъда дар соҳаҳои молияи рақамӣ, бонкдории исломӣ ва таҳияи стандартҳои касбӣ замина фароҳам меорад.

Муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳошияи ин чорабинӣ бо роҳбарияти Бонки марказии Баҳрайн вохӯрӣ анҷом дода, масъалаҳои марбут ба танзиму назорат, мутобиқсозии заминаҳои ҳуқуқӣ ва кушодани ҳисобҳои муросилотӣ табодули назар карда шуд. Дар ин замина зарурати истифодаи таҷрибаи байналмилалӣ дар низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан таъкид шуда, ҷониби Баҳрайн омодагии худро барои мусоидат дар таҳияи санадҳои меъёрии мутобиқ ба стандартҳои бонкдории исломӣ изҳор дошт.

**Дар вохӯрии муовини якуми раиси БМТ Фируз Шарифзода бо директори иҷроияи гурӯҳи Al Ahli United Bank ва узви Шурои Kuwait Financial House - Шади Заҳрон** масъалаҳо оид ба рушди ҳамкориҳои молиявӣ, ҷалби сармоягузорӣ, бонкдории исломӣ, кушодани филиал ва намояндагиҳои худ, инчунин барпо кардани муносибатҳои муросилотӣ мубодилаи афкор намуда, татбиқи таҷрибаҳои муосир, тақвияти ҳамкорӣ бо бонкҳои байналмилалӣ ва ба ин васила табодули таҷриба дар самти молияи исломиро мувофиқи мақсад арзёбӣ намуданд. Дар интиҳо изҳорӣ боварӣ карда шуд, ки таҷрибаи мазкур барои тақвият бахшидани ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва ояндасоз миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои молиявии пешрафтаи минтақа заминаи мусоид фароҳам меорад.

## Ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаҳои солонаи Гурӯҳи Бонки Исломии Рушд ширкат варзид

Муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Шарифзода Фируз Ҳомиддин рӯзҳои 19-22 майи соли 2025 дар ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаҳои солонаи Гурӯҳи Бонки Исломии Рушд, ки дар шаҳри Алҷазираи Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир баргузор гардид, ширкат варзид. Ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҷаласаҳои солонаи Гурӯҳи Бонки Исломии Рушд вазири рушди иқтисод ва савдо Завқизода Завқӣ Амин, муовини якуми

раиси Бонки миллии Тоҷикистон, муовини якуми вазири молия Маҷидӣ Юсуф ва раиси КВД БССТ “Саноатсодиротбонк” Бобозода Ҳокимшоҳ намояндагӣ карданд.

Дар ҳошияи ҷаласаҳои солонаи Гурӯҳи Бонки Исломии Рушд ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор роҳбарони ташкилотҳои молиявии байналмилалии минтақа мулоқот анҷом доданд.

Дар мулоқот бо Президенти Бонки Исломии Рушд доктор Муҳаммад Сулаймон ал-Ҷассер ҷонибҳо масъалаҳои густариши муносибатҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика, саноату кишоварзӣ, нақлиёт, ташкили марказҳои логистикӣ, рушди сайёҳӣ ва бонкдориро мавриди муҳокима қарор дода, ба масъалаҳои муҳимми рӯз ба мисли  тағйирёбии иқлим, зарурати рушди “иқтисоди сабз”, рақамикунонӣ ва татбиқи технологияҳои “сабз”дар соҳаҳои гуногуни иқтисод таваҷҷуҳи махсус зоҳир карданд.

Дар вохӯрӣ бо роҳбари Корпоратсияи байналмилалии исломии маблағгузории савдо (ITFC) ҷаноби Адиб Яҳё ал-Аама раванди иҷрои Созишномаи усулии маблағгузорӣ барои солҳои 2023–2026 мавриди муҳокима қарор гирифт. Зимни муҳокимаронӣ ҷонибҳо маблағгузории истеҳсолоти  аз ҷиҳати экологӣ тоза, нассоҷӣ ва рушди инфрасохторро баманфиат хонданд.

Ҳамзамон ҷонибҳо уҳдадории худро оид ба мусоидат ба рушди иқтисодӣ ва рушди устувор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намуда, изҳор доштанд, ки муколамаи мазкур метавонад барои густариши ҳамкорӣ дар соҳаи маблағгузории тиҷоратӣ ва пешбурди ташаббусҳо, ба монанди барномаи TCCA+, ки ба тавсеаи





тиҷорати минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ нигаронида шудааст, имкон фароҳам оварад.

Дар доираи ҷаласаҳои солонаи Гурӯҳи Бонки Исломии Рушд ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин бо ҳайати Фонди рушди Саудӣ мулоқот анҷом дод. Дар вохӯрӣ масоили лоиҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ, аз ҷумла энергетика, кишоварзӣ, маориф ва тандурустӣ баррасӣ гардиданд. Дар мулоқот ҷонибҳо ҳамзамон оид ба дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳ табодули андеша намуданд.

**Бояд гуфт, ки ҳамоиши Гурӯҳи Бонки Исломии Рушд яке аз рӯйдодҳои муҳимми байналмилалӣ барои молияи исломӣ** шинохта шуда, дар он масъалаҳои рушди бонкдорӣ, молияи исломӣ ва таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Иштирок дар чунин нишастҳо имкони мубодилаи таҷриба, пешбурди ташаббусҳо ва густариши ҳамкориҳои мутақобиларо дар сатҳи байналмилалӣ фароҳам месозад. Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзиму назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва масъули муайян намудани талабот ва меъёрҳои танзими назорати бонкдории исломӣ бо Гурӯҳи Бонки Исломии Рушд ҳамкории наздик ва мутақобилан судманд ба роҳ мондааст.

# Тоҷикистон дар самти ҳамкории байналмилалӣ ва рушди молиявии рақамӣ иқдомҳои муассир мегузорад



## Ҳайати расмии Тоҷикистон дар Конгресси 14-уми байналмилалии сармоягузорӣ AIM Congress – 2025

Аз 7 то 9 апрели соли 2025, ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Султон Раҳимзода дар Конгресси 14-уми байналмилалии сармоягузорӣ (AIM Congress – 2025), ки дар Аморoти Муттаҳидаи Араб доир гардид, иштирок намуд.

Дар ҳамоиш, ки беш аз 20 ҳазор намояндагони кишварҳои гуногунро гирди ҳам овард, масъалаҳои мубрами иқтисоди ҷаҳонӣ, зеҳни сунъӣ, иқтисоди рақамӣ, сармоягузорӣ ба соҳаҳои "сабз", рушди устувор ва лоиҳаҳои инфрасохторӣ баррасӣ шуданд.

Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ дар бахши муаррифии имкониятҳои сармоягузории низоми бонкии кишвар бо таъкид ба иқтидори рӯзафзуни молиявии Тоҷикистон суханронӣ намуда, зикр дошт, ки кишвар ба сармоягузории сабз ва рушди энергетикаи барқароршаванда таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунад.

Дар ҳошияи конгресс мулоқотҳои судманд бо доираҳои соҳибкории Аморати Муттаҳидаи Араб сурат гирифта, имкониятҳои ҷалби сармоягузорӣ, аз ҷумла тавассути Фонди Абу Забӣ ба лоиҳаҳои стратегӣ, махсусан НБО "Роғун", баррасӣ гардиданд.



## Нақши пардохтҳои рақамӣ дар фарогирии молиявӣ

Рӯзи 11 апрели соли ҷорӣ, Гулбаҳор Назирӣ дар ҳамоиши минтақавии Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ таҳти унвони "Мусоидат ба истифодаи пардохтҳои рақамӣ тавассути навоварӣ, шарикӣ ва эътимод", ки дар шаҳри Тошканд баргузор гардид, ширкат варзида, оид ба тадбирҳои амалии Бонки миллии Тоҷикистон дар самти рақамисозии инфрасохтори молиявӣ суханронӣ намуд.

Зимни суханронии худ, муовини раиси БМТ зикр кард, ки дар доираи татбиқи Стратегияи рушди низоми пардохт барои солҳои 2015–2025 ва Стратегияи миллии




фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022–2026, иқдомҳои назаррас, аз ҷумла таъсиси платформаи ягонаи давлатӣ ва маркази мушаххаскунии байнибонкӣ роҳандозӣ шуда истодаанд.

Дар ҳамоиш инчунин масоили марбут ба кибербехатарӣ, ҳимояи маълумоти истеъмолкунандагон ва рафъи нобаробарии гендерӣ дар истифодаи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифт.

## Мулоқоти ҳайати Бонки миллӣ бо IFAD

24 июни соли 2025, Бонки миллии Тоҷикистон дар як мулоқоти фосилавӣ бо ҳайати Фонди байналмилалии рушди кишоварзӣ (IFAD) таҳти роҳбарии ҷаноби Павел Шуст дурнамои ҳамкориҳоро дар доираи Барномаи REMIT PRIME баррасӣ намуд.

Зимни мулоқот масъалаҳои ҳамгироии IFAD ба раванди татбиқи Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ ва таҳияи Барномаи давлатии баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ барои солҳои 2026–2030, инчунин ташкили Академияи бонкӣ дар назди Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии Бонки миллӣ муҳокима шуданд.

Ҷонибҳо омодагии худро барои тақвияти ҳамкориҳои дуҷониба бо назардошти авлавиятҳои миллии иқтисодӣ ва таҳкими дастрасии молиявӣ ба аҳолӣ таъкид намуданд.



**Хулоса**

Ширкат дар чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ ва музокироти судманд бо шарикони рушд нишон медиҳад, ки Тоҷикистон бо суръати устувор ба сӯи рушди молиявии фарогир, рақамисозии хизматрасониҳо ва ҷалби сармояи хориҷӣ ҳаракат мекунад. Иқдомҳои роҳандозишуда барои тақвияти иқтидори иқтисодӣ ва фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар кишвар заминаи боэътимод фароҳам меоранд

**"БТҶ",**
**www.nbt.tj**



# Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ба даври сеюми баҳодиҳии мутақобилаи низоми миллии МКД/МТ/МПСҚО омодагӣ мебинад

25 апрели соли 2025 ҷаласаи навбатии Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (МКД/МТ/МПСҚО) таҳти роҳбарии Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Зариф Ализода ва иштироки намояндагони мақомоти дахлдор баргузор гардид.

Роҳбари Комиссия бо назардошти тағйироти солҳои охир дар тавсияҳои Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии мубориза бар зидди пулшӯӣ (ФАТФ), ки асосан ба фаъолияти мақомоти танзим ва назорати давлатӣ дар самти МКД/МТ/МПСҚО ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ равона шудаанд, мутобиқ намудани низоми миллии кишвар ва бо ин васила иҷро кардани талаботи тавсияҳои зикршударо дар ҳамбастагӣ зарур шуморид.

Зикр гардид, ки бо вуҷуди пешравиҳо баъд аз баҳодиҳии даври дуюми кишвар дар татбиқи тавсияҳои ФАТФ, талаботҳо дар даври сеюми баҳогузорӣ боз ҳам пурзӯр гардида, тавсияҳои ФАТФ (солҳои 2023-2024) аз сари нав баҳогузорӣ карда мешаванд. Баҳогузории даври сеюм барои Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2026 ба нақша гирифта шудааст.

Дар кори ҷаласа масъалаҳои марбут ба иҷрои қарорҳои Пайнавишти ҷаласаи қаблии Комиссия, Ҳисоботи дуюм оид ба баҳодиҳии хав-



фи миллии КД/МТ/МПСҚО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳисобот оид ба баҳодиҳии хавфҳои шахсони ҳуқуқӣ ва созмонҳои ҳуқуқӣ дар самти КД/МТ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаҳои марбут ба мубодилаи иттилоот байни департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин масъалаҳои ҷойдоштаи рӯйхатҳои таҳримӣ, аз ҷумла рӯйхати миллӣ ва рӯйхати Маркази зиддитеррористии ИДМ мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифта, ҳисоботҳои мазкур тасдиқ карда шуданд.

Қайд гардид, ки қабули ҳисоботи дуюми кишвар оид ба баҳодиҳии хавфи миллӣ (тавсияи 1 – баҳодиҳии хавф ва истифодаи муносибати (равиши) ба хавф равонашуда) ва аввалин ҳисобот оид ба баҳодиҳии хавфҳои шахсони ҳуқуқӣ ва созмонҳои ҳуқуқӣ дар самти қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда (тавсияҳои – 24 шаффофият ва молик-бенефитсиари шахсони ҳуқуқӣ ва 25 – шаффофият ва молик-бенефитсиари созмонҳои ҳуқуқӣ) барои баланд бардоштани радабандии кишвар аз рӯи тавсияҳои зикршуда мусоидат менамояд.

Зимни муҳокимаронии рӯзномаи ҷаласа бо мақсади омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даври сеюми баҳодиҳии мутақобилаи низоми миллии МҚД/МТ/МПСҚО таҳия намудани Нақшаи чорабиниҳо дар ҳамоҳангӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ва пешниҳод намудани он ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул карда шуд.

Дар интиҳо, роҳбари Комиссия иштирокдорони ҷаласаро бо фарорасии 80-умин солгарди Рӯзи ғалаба бар фашизм - ҳамчун нишони арҷгузорӣ ба қаҳрамонии падарони шуҳратманд табрик намуда, ҳамагонро барои бо ҳисси масъулияти баланд иҷро намудани вазифаҳои хизматӣ даъват намуд.



# Ҷаласаи навбатии Шурои комплаенс: пурзӯр намудани мониторинги амалиётҳои шубҳанок бо истифода аз технологияҳои муосир

ҶТ "Амонатбонк", ҶСП "Спитаменбонк", ҶСП "Душанбе Сити Бонк", ҶСК "Алиф Бонк" ва ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" вобаста

Санаи 19 июни соли 2025 ҷаласаи навбатии Шурои комплаенс баргузор гардид, ки дар он намояндагони мақомоти танзим ва назорати давлатӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (МКД/МТ/МПСҚО), аз ҷумла Вазорати адлия, инчунин шахсони масъули ташкилотҳои қарзии молиявӣ иштирок намуданд.



Дар ифтитоҳи ҷаласа директори департаменти мониторинги молиявӣ Ҳалим Мирзоалиев, ки ҳамзамон роҳбарии Шурои комплаенсро ба ухда дорад, оид ба масъалаҳои мубрами марбут ба пешгирии хавфҳои ҷойдошта, хусусан пешгирии амалиётҳои ғайриқонунӣ дар низоми бонкӣ ва тақвияти ҳамкорӣ миёни бахшҳои молиявӣ ва сохторҳои назоратӣ баромад кард.

Дар чорабинӣ истифодабарии ғайриқонунии суратҳисобҳо ва кортҳои бонкӣ аз ҷониби шахсони сеюм (дропперҳо) мавриди баррасӣ қарор гирифта, пурзӯр намудани мониторинги амалиётҳои шубҳанок ва татбиқи технологияҳои муосир дар низомҳои назоратии ташкилотҳои қарзии молиявӣ таъкид гардид.

Дар идома аз ҷониби кормандони департаменти мониторинги молиявӣ рӯнамоҳо оид ба тағйироти ҷорӣ дар "Тартиби гузаронидани чорабиниҳо оид ба ғайрифаъолгардонӣ ва фаъол гардонидани воситаҳои молиявӣ ё молу мулки дигари шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо, ки ба рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд дохил карда шудаанд", инчунин "Тартиби ташаккул ва интишори феҳристи кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд" ба иштирокдорон пешниҳод гардид.

Ҳамчунин таҷрибаи амалии бонкҳо, аз ҷумла КВД БА ҶТ "Амонатбонк", ҶСП "Спитаменбонк", ҶСП "Душанбе Сити Бонк", ҶСК "Алиф Бонк" ва ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" вобаста ба пешгирии истифодаи ғайриқонунии кортҳо ва суратҳисобҳо аз ҷониби шахсони сеюм пешниҳод гардид.

Дар интиҳо иштирокдорон вобаста ба масъалаҳои ҷойдошта, инчунин беҳтарсозии ҳамоҳангии сохторҳо ва бартараф намудани монеаҳои мавҷуда пешниҳодҳо манзур намуданд.

Қобили зикр аст, ки Шурои комплаенс як мақоми машваратӣ буда, ҳамчун гурӯҳи корӣ дар назди Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба МКД/МТ/МПСҚО амал мекунад ва ба он ҳисобот медиҳад.

**Департаменти мониторинги молиявӣ**

# Ваҳдати миллӣ — меваи саъю талош ва раҳнамоии Пешвои миллат





Ҳамасола 27-уми июн мардуми сарбаланди Тоҷикистон Рӯзи Ваҳдати миллиро бо эҳтиром ва арҷгузорӣ ба арзишҳои сулҳу субот таҷлил мекунанд. Ин сана барои миллати тоҷик на танҳо як ҷашни давлатӣ, балки рамзи ягонагӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва пояи устувори давлатдории навини миллӣ маҳсуб мешавад.

Ба ифтихори ин санаи таърихӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон ҷаласаи тантанавӣ баргузор гашт, ки он таҳти роҳбарии муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фируз Шарифзода ва ҳайати кормандон доир гашт. Муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фируз Шарифзода бо як суханронии пурмазмун баромад карда, аз аҳаммият ва арзиши Ваҳдати миллӣ дар таҳкими давлат, суботи сиёсӣ ва пешрафти иқтисодӣ ёдовар шуда, Рӯзи Ваҳдати миллиро таҷассуми руҳияи иттиҳоду ягонагии сокинони мамлакат арзёбӣ намуд.

Фируз Шарифзода дар баромади худ таъкид намуд, ки ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон натиҷаи сиёсати оқилона ва заҳматҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Ӯ тавонист дар солҳои вазнини оғози истиқлол, Тоҷикистонро аз гирдоби ҷанги дохилӣ наҷот бахшида, сулҳ, субот ва якпорчагии давлатро таъмин намояд.

Ба гуфтаи муовини якуми раиси БМТ, таҳкими истиқлол, рушди иқтисоди миллӣ, татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар ва ободии Ватан маҳз дар фазои сулҳомез ва ваҳдатомези солҳои охир ба даст омадааст. Ин комёбиҳо бе эҳёи рӯҳияи ваҳдат ва ҳамкории ҳамаи қишрҳои ҷомеа ғайримумкин мебуд.

Дар ҷаҳони муосири пуртазод, кишваре метавонад муваффақ гардад, ки асоси рушди худро бар пояи ваҳдати миллӣ, сулҳу амният ва меҳнати поквиҷдонона устувор созад. Фируз Шарифзода иброз дошт, ки фазои ором ва муътадили кишвар имкон дод, ки низоми бонкӣ рушд кунад, пайваста муосир гардад ва ба талаботи ҷомеа ҷавобгӯ бошад.

Таваҷҷуҳи махсус ба омӯзиши технологияҳои нав, истифодаи





воситаҳои рақамӣ дар низоми бонкдорӣ, таҳкими иқтидори зеҳнии кормандон, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва ворид намудани таҷрибаи ҷаҳонӣ, яке аз самтҳои муҳимми сиёсати кадрӣ ва рушди низом арзёбӣ карда шуд.

Муовини якуми раиси Бонки миллӣ ҳамкоронро ба он даъват намуд, ки дар шароити кунунӣ масъулиятшинос бошанд, меҳнати софдилона ва содиқонаеро барои рушду пешрафти соҳа анҷом диҳанд. Ваҳдат ва субот танҳо дар сурате пойдору устувор боқӣ мемонанд, ки ҳар як шаҳрванди кишвар дар рушду ободии он саҳмгузор бошад.

Рӯзи Ваҳдати миллӣ — рамзи заҳмати пайваста, хирад, таҳаммул ва раҳнамоии дуруст мебошад. Дар тӯли наздики се даҳсола, Тоҷикистон дар фазои сулҳу субот ва ваҳдати комил ба як кишвари рушдкунанда табдил ёфтааст. Имрӯз, ҳар як шаҳрванди масъулиятшинос вазифадор аст, ки дар таҳкими дастовардҳои ваҳдат ва рушду шукуфоии кишвар саҳми арзанда гузорад.

Дар идома, сардори шуъбаи тарҷумаи дастгоҳи роҳбарияти БМТ, Султон Ҳасан Баротзода оид ба нақши калидии Ваҳдати миллӣ дар таҳкими пояҳои давлат ва устувории давлатдорӣ сухан гуфта, иброз дошт, ки дар тӯли 28 соли Ваҳдати миллӣ, мардуми Тоҷикистон дар партави сиёсати хирадмандонаи Ҳукумати кишвар ба комёбиҳои назаррас ноил гардиданд. Мо бояд хуб дарк кунем, ки азамату қудрати давлат ва бақои миллат мустақиман ба пойдории ваҳдат ва сулҳу суботи кишвар вобаста аст.

Сардори идораи ҳуқуқи БМТ, Беҳзод Расулов, зимни баромади худ таъкид кард, ки Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол мақоми беназир дошта, дар барқарории суботи сиёсӣ, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ нақши калидӣ бозидааст.

Дар ҷараёни чорабинӣ намояндагони Шурои ҷавонон ва занону бонувони бонк низ оид ба аҳаммияти Ваҳдати миллӣ ва таҳкими якпорчагии Ватан андешаҳои пурмуҳтаво баён намуда, ҳозиринро бо ин ҷашни бузург табрик карданд.

Муовини якуми раиси БМТ дар идомаи баромади худ аз иштироки фаъоли кормандон, хоса занон дар чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ изҳори хушнудӣ намуда, сардори шуъбаи назорати бонкдории исломии Департаменти назорати бонкӣ – Кибриё Уроқоваро ба муносибати эътирофи ӯ ҳамчун "Бонуи соҳибкасби соли 2025" дар Форуми байналмилалии молия ва тиҷорати исломӣ, ки дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор гардид, сидқан табрик намуд.

Дар анҷоми ҷаласа, муовини якуми раиси Бонки миллӣ Фируз Шарифзода бори дигар ҳозиринро бо Рӯзи Ваҳдати миллӣ таҳният гуфта, бо иқтибос аз суханони Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҷаласаро ҷамъбаст намуд:

Таҳкими Ваҳдати миллӣ ва ҳифзи сулҳу амнияти кишвар барои ҳар як шаҳрванди кишвар вазифа ва рисолати муқаддаси умумихалқӣ мебошад. Ҳамаи мо бояд ин ҳақиқатро дарк намуда, онро бо амалу рафтор ва кору пайкор собит намоем.

**"БТҶ"**

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ДАСТОВАРДИ БЕНАЗИРИ СУЛҲОФАРИИ ТОҶИКОН



**Расулов Беҳзод,**
**номзади илмҳои ҳуқуқ, сардори идораи ҳуқуқи Бонки миллии Тоҷикистон**

27-уми июни соли 2025 аз имзои санади муҳим ва тақдирсози давлатдории навини мо, ки дар таърихи халқи тоҷик ва хотираи мардуми сулҳпарвар асрҳои аср боқӣ хоҳад монд, бисту ҳашт сол сипарӣ мегардад.

Воқеан ҳам, маҳз Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ аз 27-уми июни соли 1997 дар ташаккули давлат ва ҷомеаи Тоҷикистон нақши

> Рӯзи Ваҳдати миллӣ, ки рӯзи ҷашни дастоварди беназири сулҳофарии тоҷикон мебошад, ҳамзамон рӯзи ёди саҳифаҳои тираи таърих, ёди ҷонбохтагони он замон, қаҳрамонони далер ва ҷасорат, ёди дӯстони Тоҷикистон низ ҳаст.

муҳимму назаррас бозид, ҳарчанд ки то қабули ин санад қаблан дар Иҷлосияи таърихии 16-уми Шурои Олӣ Қонун "Дар бораи Рӯзи сулҳ ва ризоияти миллии халқи Тоҷикистон эълон кардани 26 ноябри соли 1992" қабул шуда буд.

Рӯзи Ваҳдати миллӣ, ки рӯзи ҷашни дастоварди беназири сулҳофарии тоҷикон мебошад, ҳамзамон рӯзи ёди саҳифаҳои тираи таърих, ёди ҷонбохтагони он замон, қаҳрамонони далер ва ҷасорат, ёди дӯстони Тоҷикистон низ ҳаст. Бинобар ин дар остонаи ҷашни Рӯзи Ваҳдати миллӣ ёдоварӣ намудани нуктаҳои муҳимми таърихи Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ бамаврид мебошад.

Ба ваҳдати миллӣ расидани халқи Тоҷикистон ба осонӣ ва яку якбора ба даст наомад. Ин як раванди тулонии мураккаб буд.

Аз нахустин рӯзҳои ба даст овардани соҳибистиқлолӣ, Тоҷикистон ба душвориҳои зиёд, низоъҳои дохилӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ дучор шуд. Сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар натиҷаи ногаҳон пош хӯрдани иттиҳоди шуравӣ, тайёр набудани ҷомеа ба соҳибистиқлолӣ, бӯҳрони сиёсӣ-иҷтимоӣ, мушкилиҳои доманадори иқтисодӣ, низоъҳои дохилӣ буданд, ки ба он дар навбати худ омилҳои хориҷӣ низ таъсири худро расониданд.

Аз рӯйи маълумотҳои омории манбаъҳои кушода танҳо дар соли аввали ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар то 60 ҳазор одам ва то охири он беш аз 100 ҳазор одам аз ҳаёт маҳрум шуда буданд. Мувофиқи маълумоти комиссарияти олии СММ оид ба кори гурезагон – тахминан 1 млн. нафар маҷбур шуданд, ки ҷойҳои истиқоматии худро тарк кунанд (муҳоҷирати иҷборӣ). Тақрибан 200 ҳазор нафар маҷбур шуданд, ки дар хоки бегона, аз ҷумла 60 ҳазор нафар дар Афғонистон паноҳ ёбанд. Ҷанг ба иқтисодиёти кишвар беш аз даҳ млрд. доллар ҳисорот ворид намуд. Аз рӯйи таҳлили мутахассисон, сиёсатмадорон агар рафти ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон идома меёфт ин кишвар аз харитаи сиёсии ҷаҳон аз байн мерафт.

Дар чунин давраи мураккаби таърихӣ 16-уми ноябри соли 1992 дар натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, роҳбари оқилу дурандеш Эмомалӣ Раҳмон раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардиданд. Дар он шароити тақдирсоз ходимони давлатӣ ва сиёсатмадорони ҷаҳон боварӣ надоштанд, ки иштирокчиёни иҷлосия забон меёбанд. Онҳо дар он ақида буданд, ки дар ин вазъияти баамаломада, пайдо шудани роҳбаре, ки тавонад оташи низои миллиро хомуш карда, кишварро аз оғуши ҷанги шаҳрвандӣ барорад, аз эҳтимол дур аст. Лекин хушбахтона ба майдони сиёсӣ шахси хирадманди лаёқатманди дурандеши сулҳпарвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омаданд. Имрӯз ба ҳар як шахси хирадманд маълум аст, ки маҳз ба туфайли ҷаҳду талоши хастанопазири ин шахсияти наҷиб Тоҷикистон аз вартаи ҳалокат наҷот ёфт. Ин ҳақиқати

таърихӣ аст!

Нахустин қонунҳои қабулкардаи Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ маҳз ба масъалаи сулҳу субот ва ба ваҳдати миллӣ овардани мардуми Тоҷикистон бахшида шуда буданд. Масалан, қонунҳо "Дар бораи гурезагон", "Дар бораи Рӯзи сулҳ ва ризоияти миллии халқи Тоҷикистон эълон кардани 26 ноябри соли 1992" баёнгари сиёсати сулҳпарваронаи роҳбари тозаинтихоби Шурои Олӣ буданд.

> То расидан ба ваҳдати миллӣ ва имзо гардидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, аз рӯйи иттилои манбаъҳои дастрас Пешвои миллат 80 маротиба муроҷиатнома ва суханрониҳои расмӣ кардаанд ва ҳамеша аз сулҳу субот, дӯстӣ ва ваҳдат, баргардонидани гурезагони иҷборӣ сухан карда, ҷангу нифоқро сахт маҳкум кардаанд ва мардумро ба муттаҳидӣ, ваҳдату якдилӣ ва якпорчагии Ватан даъват намуда, дар ин роҳи муқаддасу пурмасъулият ва пурпечутоб чи қадар монеаҳои сангинро пушти сар карданд.

Аҳаммияти Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ аз он иборат аст, ки маҳз ҳамин мақом бо сарварии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулияти давлатдориро ба дӯш гирифта, барои хомуш кардани оташи ҷанги шаҳрвандӣ бо масъулияти том амал карда, хатари нобудшавии онро пешгирӣ намуд, сохтори фалаҷгардидаи ҳокимияти давлатиро барқарор намуд, артиши миллиро таъсис дод, барои таҳкими ҳокимият ва давлат шароит фароҳам овард, аксарияти мутлақи гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбориро ба ватан баргардонид, заминаи сулҳи миллӣ ва устувори эъмори ҷомеаи навини Тоҷикистонро гузошт, ислоҳоти конститутсионро дар мамлакат амалӣ гардонида, раванди қабули Конститутсияи нави Тоҷикистонро роҳнамоӣ намуда, ниҳоятан барои 27-уми июни соли 1997 ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ заминаҳои ҳуқуқиву сиёсиро фароҳам сохт.

То расидан ба ваҳдати миллӣ ва имзо гардидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, аз рӯйи иттилои манбаъҳои дастрас Пешвои миллат 80 маротиба муроҷиатнома ва суханрониҳои расмӣ кардаанд ва ҳамеша аз сулҳу субот, дӯстӣ ва ваҳдат, баргардонидани гурезагони иҷборӣ сухан карда, ҷангу нифоқро сахт маҳкум кардаанд ва мардумро ба муттаҳидӣ, ваҳдату якдилӣ ва якпорчагии Ватан даъват намуда, дар ин роҳи муқаддасу пурмасъулият ва пурпечутоб чи қадар монеаҳои сангинро пушти сар карданд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар муроҷиатномаи нахустини худ ба халқи Тоҷикистон ҳамчун сарвари давлат гуфта буданд, ки ба ақлу заковати мардум чун ворисону фарзандони барӯманди тоҷик бовар мекунанд ва қасам ёд намуданд, ки тамоми донишу таҷрибаро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфии Ватани азиз садоқатмандона хизмат мекунанд, барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас агар лозим шавад, ҷон нисор мекунанд.

Дар табрикоти солинавии 31 декабри соли 1992 бошад, Пешвои миллат ба мардуми кишвар муроҷиат карда гуфта буданд: "Дар ин шаби соли нав, дар ин шабе, ки ман бояд ҳамаатонро бо ид табрик гӯям, аввалан ба ҳамаи онҳое, ки имшаб дар паҳлӯяшон падарону модаронашон, бародаронү хоҳаронашон, фарзандонашон нестанд ва бехонумон шудаанд, тасаллият гуфта, ҳамдардии хешро баён менамоям… Дилпурона изҳор менамоям, ки бо зудӣ дар мамлакатамон сулҳу салох, якдигарфаҳмӣ амалӣ хоҳад гашт".

Таърихи мо гувоҳи он аст, ки Пешвои миллат, Президенти маҳбуби мо, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин қавлу қасами худ содиқона вафо карданд. Ин ҳақиқати бебаҳси таърихӣ аст!

Муколамаи сулҳу ваҳдати миллии тоҷикон аз замони эълон шудани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон шуруъ шуда, бо имзои Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ дар санаи 27 июни соли 1997 ба натиҷаҳои он қувваи қонунӣ дода шуд. Дар ин фосила ҷараёни наздиккунонии ақидаҳо ва мавқеъҳо сурат доштанд. Аз ибтидои низоъ то интиҳои он Созмони Милали Муттаҳид нақши марказӣ дошт, ки ин ҳолат характери байналхалқии музокирот ва фазои мусоиди боварию эътимодро таъмин мекард.

Раванди гуфтушунидҳои фаъоли байни тоҷикон зиёда аз 4-солро (аз апрели соли 1994 то охири июни соли 1997) дар бар гирифт. Ин роҳи хеле мураккаб ва ниҳоят душвор буд. Тибқи маълумоти расмӣ гуфтушунидҳо ҳашт давр ва ҳаждаҳ вохӯриро дар бар гирифтанд ва дар зери назорати СММ ва бо иштироки намояндагони давлатҳои нозиру кафил анҷом ёфтанд. Дар гуфтушунидҳо кишварҳои Федератсияи Россия,

Афғонистон, Эрон, Покистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон нақши мушоҳидонро иҷро менамуданд. Музокироту гуфтушунидҳо дар кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла, дар Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Туркманистон сурат гирифтаанд. Давраи якум ва охирини гуфтушунидҳои байни тоҷикон дар Федератсияи Россия баргузор шуданд.

Бори аввал бо миёнагарии Созмони Милали Муттаҳид, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Федератсияи Россия 5 - апрели соли 1994 дар шаҳри Москва намояндагони ду тараф ба хотири ёфтани роҳи ҳалли мушкилоти Тоҷикон дар рӯ ба рӯи ҳам нишастанд.

Бо мақсади ҳарчи зудтар таъмин намудани фазои сулҳу ороми кишвар роҳбарони ҳарду ҷониб дар лаҳзаҳои душвор хориҷ аз кишвар ҳафт маротиба мулоқотҳо оростанд. Президенти муҳтарами мо, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон барои дарёфти сулҳу ваҳдат ҳатто ба мавзеъҳое сафар карданд, ки хатари ҷонӣ дошт. Махсусан мулоқоти моҳи декабри соли 1996, ки дар деҳаи Хусти Давлати Исломии Афғонистон барпо шуда, дар он тарафҳо ба қатъи ҷанг ба мувофиқа омаданд.

Тибқи омори манбаъҳои дастрас аз 1180 рӯзе, ки раванди музокирот таҳти миёнаравии Созмони Милали Муттаҳид идома доштааст, 208 рӯзи онро аз субҳ то шом, баъзан шабона ҳайатҳои музокиракунандаи ду ҷониб дар рӯ ба рӯи ҳам баҳсу мунозира гузоштанд.

Омиле, ки ҷонибҳоро ба гуфтушуниди сиёсӣ раҳнамоӣ кард, ҷанбаи маънавӣ низ дошт. Чунки дар ҷараёни музокирот, рақобат ва ҳамдигарнофаҳмии ҷонибҳо на ба он дараҷае буд, ки миёни иштирокчиёни низоъҳои этникии минтақаҳои дигари олам ба мушоҳида мерасид.

Дар ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ мавқеи мардуми Тоҷикистон нақши хеле муҳим ва ҳатто ҳалкунанда бозид. Чунки дар раванди идомадоштаи музокираю гуфтушунидҳо байни ҳукумату мухолифин бо қабули Конститутсияи Тоҷикистон дар санаи шашуми ноябри соли 1994 ва интихоби роҳи давлати демократии ҳуқуқбунёд ва иҷтимоию дунявӣ, мавзуи музокиротҳои минбаъда ва қолаби онро мушаххас намуд. Чунки дар ибтидо низоъ дар Тоҷикистон хислати сиёсӣ дошт ва мухолифин бунёд намудани давлати исломиро изҳор менамуданд.

Дар замони музокиротҳо дар маҷмуъ чил ҳуҷҷати муҳим, аз ҷумла якчанд созишномаҳо, аз қабили созишномаи оташбаси муваққатӣ ва табодули маҳбусон, созишномаи таъсиси Комиссияи оштии миллӣ, чандин протоколҳо ва эъломияҳо имзо шуданд. Ҳамаи ин ҳуҷҷатҳо дар ниҳоят ба муқаррароти Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ замина гузоштанд. Ҳамаи ҳуҷҷатҳои музокироти тоҷикон ба гурӯҳи санадҳое дохил мешаванд, ки аз рӯи моҳияташон дорои хусусияти меъёрӣ мебошанд. Дар онҳо изҳори иродаи байниякдигарии тарафҳо ҳамчун субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ ифода ёфта, ӯҳдадориҳои тарафҳо ба расмият даровarда шуданд. Ҳуҷҷатҳои мазкур ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мутобиқ буда, ҳамчун механизми ҳуқуқии ҳалли миллии низои дохилӣ хизмат намудаанд.

Ҳукумати Тоҷикистон дар он замон мавқеи худро дар ҳалли 5 мушкилӣ инъикос мекард:
1. Бозгашти таъҷилии тамоми гурезаҳо аз Шимоли Афғонистон;
2. Гуфтушунидҳои бисёрҷониба бо Афғонистону Эрон, Покистон ва Арабистони Саудӣ ва дар ин масъала кӯмак кардани Созмони Милали Муттаҳид; 3. Даст кашидан аз истифодаи қувва;
4. Фиристодани қувваҳои СММ оид ба дастгирии сулҳ ба сарҳади Афғонистон; 5. Ҳалли бевоситаи ҳамагуна масъалаҳо ба воситаи гуфтушунид.

Санаҳои 24-27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Москва музокироти ҷамъбастӣ ҷиҳати имзои созишномаи сулҳ анҷом ёфтанд. Ҳамон замон диққати тамоми мардуми азияткашидаи Тоҷикистон бо умед ба ин раванд нигаронида шуда буд.

Ниҳоят, 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Москва бо иштироки намояндагони кишварҳои шоҳид аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари иттиҳоди мухолифини тоҷик зери назорати намояндаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расонида шуд.

Он рӯз мардуми Тоҷикистон шодии беандозаи самимӣ дошт. Зеро аз ноороmиҳо, овози тиру туфанг ва ҳамлаҳои ногаҳонии гурӯҳҳои силоҳбадаст, набудани имконияти банақшагирии фардои худ ҳама хаста буданд.

Дар Созишнома қайд карда шуд, ки "Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбари ИМТ мувофиқа ҳосил намуданд, ки бо имзои ҳамин Созишнома марҳалае шурӯъ мешавад, ки созишномаҳои ҳосилшуда ба таври умумӣ ва алоқамандӣ бо ҳам

иҷро мешаванд, ки ин ба моҷарои бародаркушӣ дар Тоҷикистон ба таври абадӣ хотима мегузорад, ҳамдигарбахшӣ ва авфро таъмин мекунад, гурезаҳоро ба зодгоҳашон бозмегардонад, барои инкишофи демократии ҷомеа, гузаронидани интихоботи озод ва барқарор кардани иқтисоди кишвар, ки аз моҷарои бисёрсола хароб шудааст, шароит фароҳам месозад. Нишонаи олии миллии кишвар сулҳ ва ваҳдати миллии ҳамаи тоҷикистониҳо, сарфи назар аз миллат, назари сиёсӣ, эътиқоди динӣ ва мансубияти маҳаллӣ хохад буд".

Дар робита ба ин Президенти мамлакат дар муроҷиатномаашон **ба муносибати имзои Созишномаи Сулҳ чаҳор принсипи муҳимро** ба сифати ҳадафҳои аслии рушди минбаъда ёдрас шуда буданд. ***Аввалан, таъмини озодию баробарҳуқуқии ҳамаи шаҳрвандон ва масъулияти онҳо дар назди ҷомеа. Дуюм, инкишофи минбаъдаи ҷумҳурӣ бо роҳи баробарию беғаразии қувваҳои сиёсӣ, роҳ надодан ба ҳукмронии ягон идеология. Сеюм, бо роҳи худии инкишоф, модели тоҷикии тараққиёт, пеш рафтани ҷумҳурӣ, ба роҳ мондани чунин сиёсати хориҷие, ки бар асоси эътироф ва эҳтироми меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ, мудохила накардан ба кишварҳои дигар ва ҳимояи манфиатҳои Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ танзим шуда бошад. Чорум, риояи суннатҳои ҳамида ва нигоҳ доштани арзишҳои фарҳангии миллат, ки тӯли асрҳо ба сифати арзишҳои башарӣ эътибор пайдо кардаанд.***

Аҳаммияти ҳуқуқии Созишнома дар он буд, ки ба ӯҳдаи комиссияи оштии миллӣ масъулияти таъмини сулҳ ва пешгирии нофаҳмиҳо вогузор шуда буд, аз ҷумла татбиқи санади ҳамдигарбахшӣ ва қонунгузорӣ оид ба авф, назорат дар мавриди ҷойгиркунонии намояндагони ҷониби дигар дар сохторҳои ҳокимият, ба референдум пешниҳод кардани тағйироти конститутсионӣ, ба Маҷлиси Олӣ пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо оид ба ҳизбҳои сиёсӣ ва воситаҳои иттилооти омма, интихоботи парламент, бартараф намудани маҳдудиятҳо роҷеъ ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсии манъшуда, халъи силоҳ ва парокандасозии гурӯҳҳои мусаллаҳ, ислоҳоти сохторҳои қудратии ҳукуматӣ, бозгардонии гурезаҳою муҳоҷирони иҷборӣ ба Ватан ва таъмини амнияти онҳо ва ғайра.

Қайд кардан бамаврид аст, ки таҷрибаи ба ҳукумати қонунӣ ворид гардидани намояндагони мухолифин ва пайвасти неруҳои мусаллаҳи он ба ҳайати қувваҳои мусаллаҳ ва мақомоти қудратии мамлакат, ки дар рафти сулҳи миллии тоҷикон суръат гирифт, нодиртарин таҷриба буд. Аз ин лиҳоз, ***тибқи хулосаи Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва Ҳамкории Аврупо ва беҳтарин коршиносони байналхалқӣ Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллии тоҷикон барои ба муросо овардани тарафҳо дар минтақаҳои гуногуни дунё корбаст шуда метавонад.***

Имзо шудани Созишномаи сулҳ якчанд масъалаҳои муҳимро ҳал намуд, аз ҷумла иттиҳоди миллат дар сатҳи байналмилалӣ ба даст омад, ҳамагуна равияҳои ҷудоихоҳӣ пешгирӣ карда шуданд, татбиқи амалии муқаррароти конститутсионӣ имконпазир гардид, маданияти бомуросо қабул намудани қарорҳо дар ҳамаи соҳаҳо ташаккул ёфт, имконияти воқеии мусоид барои ривоҷи фаъолияти соҳибкорӣ муҳайё гардид.

Баъди имзои Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ дар ҳаёти кишвар заминаи мусоид баҳри пойдорӣ ва рушди Истиқлолияти давлатӣ, барои рушди ҷомеа дар ҳама соҳаҳои зиндагӣ ба вуҷуд омада, фазои нави ҳуқуқӣ ҷиҳати бартараф намудани монеаҳои ташкили ҳаёти нав дар шароити волоияти қонун ва демократия фароҳам оварда шуд. Аз ҷумла дар натиҷаи мусолиҳаи сиёсӣ падидаҳои нави парламенти касбии дупалатагӣ, низоми нави интихоботи Президент, такмили низоми судӣ корбарӣ карда шуданд.

Ҳамин тариқ, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон натанҳо боиси қатъи низоъи мусаллаҳонаи дохилӣ, барқарори сулҳ, бозгашти гурезагон ба ватан, таъминоти иҷтимоии онҳо, балки боиси ташкил ва ташаккули парлумони касбӣ дар мамлакат гардида, бо роҳи интихоботи озоду демократӣ беҳтарин намояндагони халқ, ҳамчунин ҳизбҳои сиёсӣ дар асоси принсипи баробарӣ ба он роҳ ёфта, дар қабули қонунҳои рузмарра нақши асосии худро гузошт.

Аз ҳама муҳим ба имзо расидани Созишномаи сулҳ интизории деринаи ҳар як фард, ҳар як хонадонро ҷомаи амал пушонида, ба зиндагӣ оромишу осудагии маънавию равонӣ овард. Чуноне дар ҳамон замон шоири халқии Тоҷикистон Лоиқ Шералӣ бо назм замзама намуда буд:

*Раҳми парвардигори мо омад,*
*Нури Ҳақ бар диёри мо омад,*
*Ҷанги бунёдсӯзи мо бигзашт,*
*Сулҳи бунёдкори мо омад.*

Бесабаб нест, ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

дар яке аз баромадҳои худ таъкид намуда буданд, ки ***“дастовард ва комёбии бузурги замони истиқлол ин натоҷи миллату давлат аз хатари нестӣ мебошад”*** .

Сулҳу ваҳдати миллӣ дар сиришти мардуми фарҳангдусту сулҳпарвари Тоҷикистон маърифати инсондустӣ ва ватандустиро тарбия намуда, ба ташаккули олитарин хислатҳои инсонӣ ба мисли меҳру вафо ва дустиву ҳамдигарфаҳмӣ, ки барои бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ муҳим мебошад, заминаи устувор гузошт.

Воқеан ҳам дастовардҳои истиқлол, бунёди пояҳои давлатдории миллӣ, таъмини амнияту оромӣ, татбиқи чор ҳадафи стратегӣ, тақвияти иқтидори иқтисодию иҷтимоӣ ва дар маҷмуъ рушди рӯзафзуни Тоҷикистони азизамон маҳз ба туфайли фазои сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ имконпазир гардид.

Имрӯз ба таърихи начандон тулонии давлатдории навинамон назар карда, исботи онро мебинем, ки консепсияи сулҳу ваҳдати миллии тоҷикон бо маҳорати сатҳи баланди сиёсӣ тарҳрезӣ ва амалӣ шуда, боис гардид, ки пояи ваҳдати миллӣ дар сарзамини мо устувору бегазанд бошад. Сулҳу ваҳдати миллӣ дар сиришти мардуми фарҳангдусту сулҳпарвари Тоҷикистон маърифати инсондустӣ ва ватандустиро тарбия намуда, ба ташаккули олитарин хислатҳои инсонӣ ба мисли меҳру вафо ва дустиву ҳамдигарфаҳмӣ, ки барои бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ муҳим мебошад, заминаи устувор гузошт.

Дар иртибот ба аҳаммияти ҳуҷҷати таърихии мазкур ёдовар шудани суханони Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бамаврид мебошад, ки чунин гуфтанд: ***“Созишнома аз лиҳози аҳаммияти фавқулодаи худ бо Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як радиф меистад. Агар Эъломия ба Тоҷикистон ба таври расмӣ истиқлол ва соҳибихтиёрӣ ато карда бошад, пас Созишнома сулҳу суботро дар сарзамини мо таъмин намуд. Роҳи миллати тоҷик ва тоҷикистониёнро ба суи фардо ҳамвор месозад”.***

Воқеан ҳам, Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тарҳрезии муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши чароғи роҳнаморо бозид ва дар заминаи он Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби халқ қабул гардид. Лекин, шароити муташанниҷи ҳамон замон ба татбиқи амалии меъёрҳои Конститутсия монеаи ҷиддӣ буданд. Маҳз бо имзо шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар санаи 27-уми июни соли 1997 барои татбиқи амалии меъёрҳои Конститутсия имконият фароҳам омад. Бинобар ин, Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ бемуболиға се ҳуҷҷати таърихии бунёди давлат ва ҷомеаи Тоҷикистон мебошанд.

Бо ифтихор аз сулҳу ваҳдати миллӣ ва боварӣ метавон гуфт, ки ҳар як фарди худогоҳи Тоҷикистон пояи сулҳу осоиштагиро дар ин сарзамини аҷдодӣ мустаҳкаму устувор гардонида, зери сиёсати хирадмандона ва пайгиронаи Президенти мамлакат парчами ваҳдати миллиро ҳамеша парафшонӣ хоҳад кард.

Аз каломи шоири халқии Тоҷикистон Ҳақназар Ғоиб:

*Ба тан пӯшед, ёрон, ҷомаи*
*идонаи Ваҳдат,*
*Шароби арғувон нӯшед аз*
*паймонаи Ваҳдат,*
*Чунон оред меҳри дил ба*
*якдигар ба солорӣ,*
*Ки ҳар як хонаи тоҷик гардад,*
*хонаи Ваҳдат.*

**Сарчашмаҳои истифодашуда:**


1. Маҳмудзода Маҳкам - академики АМИТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор. Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ – санади нодири ҳуқуқӣ. Душанбе, 27.06.с.2023//АМИТ “Ховар”.
2. Идизода Файзалӣ Фузайлшо, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Нақши Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон дар ташкил ва ташаккули парлумони касбӣ (ба муносибати 27-умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ). Душанбе, 18.06.с.2024//matbuot@amit.tj.
3. Баҳманёр Сулаймонов, дотсент. Фалсафаи сулҳ ва рисолати ваҳдатофарини Пешвои миллат. Душанбе, 23.06.с.2025//dbz.tj.
4. Рӯзи Ваҳдати миллӣ (Тоҷикистон) – Википедия // tg.wikipedia.org/




# БАРГУЗОРИИ ФЕСТИВАЛҲОИ САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ ВАСИЛАИ

## РАСИДАН БА ҲАДАФҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

**Соли сеюм аст, ки бо ташаббуси Бонки миллии Тоҷикистон дар манотиқи гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, сар карда аз пойтахти он шаҳри Душанбе Фестивалҳои саводнокии молиявӣ доир карда мешаванд. Баргузории ин чорабиниҳо аз дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегиранд. Ин навбат, 25 июни соли 2025 Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ташкилотҳои суғуртавӣ ва шарикони ҳамкор дар шаҳри Турсунзода Фестивали саводнокии молиявӣ баргузор намуд.**

Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Далер Муродализода зимни ифтитоҳи Фестивали саводнокии молиявӣ ҳамагонро барои ташриф ва иштирок истиқбол гирифта, аз саҳми чунин чорабиниҳо дар баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ сухан кард. "Ҳадафи асосии ин фестивал васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявию суғуртавӣ, муаррифии хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва суғуртавӣ ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ мебошад. Баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ ва таъмини ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо ҳамчун истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ дар рушди низоми бонкӣ, таъмини фаъолияти босамари он ва ба ин васила таҳким бахшидани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкии мамлакат нақши муҳим дорад", изҳор дошт Далер Муродализода.

Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун танзимгари бозори молиявӣ, бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

**Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун танзимгари бозори молиявӣ, бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, инчунин шарикони рушд ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, таассути таҳия ва дар амал татбиқ намудани стратегия ва барномаҳои давлативу дохилибонкӣ мунтазам тадбирҳои заруриро роҳандозӣ менамояд. Тасдиқ гардидани Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (01.07.2022, №314), ки аз ҷор самти асосӣ яке аз самтҳои муҳимми он саводнокии молиявӣ мебошад, шаҳодати он аст, ки масъалаи мазкур барои таъмини рушди устувори бахши молиявӣ, боз ҳам беҳтар гардидани сатҳу сифати пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ ба аҳолӣ ва истифодаи самараноку мақсадноки онҳо дар рушди иқтисоди миллӣ муҳим мебошад.**






дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, инчунин шарикони рушд ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, таассути таҳия ва дар амал татбиқ намудани стратегия ва барномаҳои давлативу дохилибонкӣ мунтазам тадбирҳои заруриро роҳандозӣ менамояд. Тасдиқ гардидани Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (01.07.2022, №314), ки аз ҷор самти асосӣ яке аз самтҳои муҳимми он саводнокии молиявӣ мебошад, шаҳодати он аст, ки масъалаи мазкур барои таъмини рушди устувори бахши молиявӣ, боз ҳам беҳтар гардидани сатҳу сифати пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ ба аҳолӣ ва истифодаи самараноку мақсадноки онҳо дар рушди иқтисоди миллӣ муҳим мебошад.

Дар қисмати ифтитоҳӣ инчунин раиси шаҳри Турсунзода Парвиз Акрамзода ба сухан баромада, аз аҳаммияти маърифати молиявӣ ва зарурати баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ дар ҷойҳо қайд намуд.

Баъди қисмати расмии ифтитоҳи фестивал аз ҷониби коршиносони соҳа -мутахассисони Бонки миллии Тоҷикистон, ташкилотҳои суғуртавӣ ва низомҳои пардохту интиқол дар мавзуъҳои марбут ба баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ, аз ҷумла рушди бонкдории исломӣ, амалҳои қаллобӣ ва пешгирии онҳо, нақши ташкилотҳои молиявӣ ва саводнокии молиявӣ, рушди ҳисоббаробаркунии

ғайринақдӣ ва аҳаммияти он, дурнамои рақамикунонӣ дар низоми суғурта муаррифиҳо манзури ҳозирин карда шуд.

Дар рафти форуми саводнокии молиявӣ сардори шуъбаи назорати бонкдории исломии Департаменти назорати бонкӣ Кибриё Уроқова аз нақши Бонки миллии Тоҷикистон дар рушди молияи исломӣ, роҳандозии воситаҳои молиявии исломӣ, мониторинг ва таҳлили усул ва стандартҳои байналмилалӣ вобаста ба танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ, назорат ва танзими иштирокчиёни бозори маблағгузории исломӣ бо пешниҳоди рунамои муфассал маълумот пешниҳод намуд.

Дар зимн оид ба дастрасӣ ва истифодаи маҳсулот ва хидматҳои расмии молиявӣ аз ҷониби истеъмолкунандаи ниҳоӣ тавассути каналҳои рақамӣ бо истифода аз равандҳои ба технология нигаронидашуда роҳбари ҶСП “Бонки Арванд” Шоира Содиқова муаррифӣ намуда, аз нақши бориз доштани ташкилотҳои молиявӣ дар баланд бардоштани саводнокии молиявӣ таъкид кард. Зимни муаррифӣ зарурати баланд бардоштани саводнокии молиявӣ барои беҳбудӣ ва суботи оилавӣ, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ, рушди соҳибкорӣ, устувории низоми бонкӣ ва молиявӣ, дастгирии рушди миллӣ муҳим арзёбӣ карда шуд.





Бо мақсади ҳушдор сохтани истифодабарандагони хизматрасониҳои бонкӣ аз қаллобони молиявӣ, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла давлатҳои пасошуравӣ низ маъмул шудааст, сардори шуъбаи бозрасии Департаменти мониторинги молиявӣ Беҳруз Изатуллоев баромад кард. Номбурда дар муаррифии худ намудҳои маъмули амалҳои қаллобии молиявӣ, аз ҷумла қаллобии интернетӣ, ки аксар вақт истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун восита барои амалҳои қаллобӣ ҳадаф қарор мегиранд, ҳолатҳои пешгирии чунин амалҳои қаллобӣ ва тадбирҳои андешидаи Бонки миллии Тоҷикистон дар ин самт маълумоти муфассал пешниҳод кард.

Дар фестивал инчунин намояндагони ташкилотҳои молиявӣ ва суғурта дар мавзуъҳои болозикр баромад карда, сипас ба иштирокдоро-






ни фестивал, ки асосан аз қишри ҷавони шаҳри Турсунзода иборат буд, шароит фароҳам оварда шуд, ки дар озмуни саволу ҷавоб ширкат варзида, ҳам дониши молиявии худро санҷанд ва ҳам бо тухфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ шаванд.

Намоиши маҳсулоти ташкилотҳои молиявӣ ва суғуртавии кишвар, ки яке аз қисматҳои ҷолиб барои ҳаводорони хизматрасониҳои бонкӣ мебошад, дар майдони назди "Кохи Дӯстӣ" баргузор гардида, дар он ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва суғуртавӣ ба тамошобинони фестивал маҳсулоти худро муаррифӣ намуданд.

Кори Фестивали саводнокии молиявиро барномаи фарҳангӣ ҷамъбаст намуд, ки бо ширкати ҳунармандони маъруфи кишвар баргузор гардида, озмуни бурди тухфаҳо дар асоси саволу ҷавоб доир ба донишҳои молиявӣ фазои чорабиниро барои иштирокдорон боз ҳам идона намуд.

Дар ҷамъбасти фестивал роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон аз намоишгоҳ ва барномаи фарҳангӣ дидан карда, изҳор доштанд, ки баргузории фестивалҳои саводнокии молиявӣ на танҳо чорабинии омӯзишӣ, балки имкони мусоид барои муошират бо коршиносон, мубодилаи таҷриба ва шиносоӣ бо воситаҳои нави молиявӣ мебошад.

Боиси қайд аст, ки 30-уми апрели соли 2025 дар шаҳри Норак низ бо ташаббуси Бонки миллии Тоҷикистон, намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва суғуртавӣ ва иштироки доираи васеи сокинони ин шаҳр Фестивали саводнокии молиявӣ баргузор гардид.

Маврид ба зикр аст, ки фестивалҳои саводнокии молиявӣ дар доираи татбиқи босамари Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 гузаронида шуда, мақсади онҳо васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявию суғуртавӣ, баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ тавассути гузаронидани чорабиниҳои ҷолиб ва ба ин васила ҳавасмандкунии аҳолӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ, шиносоӣ бо хизматрасониҳои молиявӣ, суғуртавӣ ва пешниҳоди хизматрасонӣ мебошад.

**М.Ҳасанова**

# Роҳҳои алтернативии рушди маблағгузории корхонаҳои хурду миёна



Қурбоналиева Нигина Мардоновна, сардори идораи суботи молиявӣ

## АҲАММИЯТ ВА МУШКИЛИҲОИ РУШДИ МАБЛАҒГУЗОРИИ КОРХОНАҲОИ ХУРДУ МИЁНА

Рушди фаъолияти корхонаҳои хурду миёна яке аз воситаҳои ноилгардии ҳадафҳои рушди устувор, коҳишёбии сатҳи бекорию камбизоатӣ буда, тавассути мутобиқшавӣ ба фазои рақобатпазир ва истифодаи механизмҳои инноватсионӣ, ташаккули занҷираи арзиш ба тақвияти маҳсулнокию рушди фарогири иқтисодиёти миллӣ мусоидат менамояд. Корхонаҳои хурду миёна муҳаррики рушду инноватсия буда, барои ҷорӣ намудани маҳсулоту хизматрасониҳои нав, технология ва моделҳои рушди муосир такони ҷиддӣ медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки мафҳуми корхонаҳои хурду миёна дар таҷрибаи кишварҳо мухталиф буда, он асосан аз рӯйи шумораи кормандон, гардиш, даромад ё дигар хусусиятҳо дар сатҳи миллӣ ҳамчун мафҳуми ягона муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, мафҳуми ягонаю мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ бевосита барои пешбурди омору таҳлили амиқ, сиёсат ва барномаҳои алоҳидаи дастгирии корхонаҳои хурду миёна ва маблағгузории он муҳим арзёбӣ мегардад.

Тибқи маълумоти ташкилотҳои байналмилалӣ корхонаҳои хурду миёна пояи иқтисодии аксари кишварҳо ҳисобида шуда, дар саросари ҷаҳон 90 фоизи корхонаҳо, зиёда аз 70 фоизи ҷойҳои корӣ ва 50 фоизи ММД-ро ташкил медиҳанд.[1]

Бархе аз кишварҳо фаъолияти корхонаҳои хурду миёнаро дар модели рушд афзалият дониста, стратегияи дастгирии корхонаҳои хурду миёнаро роҳандозӣ менамоянд, ки дар онҳо махсусан усулҳои ҳавасмандгардонии андозӣ, васеъ намудани дастрасӣ ба маблағгузории молиявӣ, рушди инфрасохтори молиявиро дар бар мегирад.

Дар баробари ин, бо назардошти муҳиммияти ин масъала, бо мақсади истифодаи иқтидору имкониятҳои иқтисодии кишварҳои рушдёбанда ташкилотҳои байналмилалӣ, махсусан Алянси барои фарогирии молиявӣ, Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Осиёии Рушд ва дигар ташкилотҳо ҷиҳати таҳияву татбиқи ташаббусҳо ва ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегӣ ба рушди корхонаҳои хурду миёна мусоидат менамоянд.

Махсусан, кишварҳои аъзои Алянс барои фарогирии молиявӣ сиёсати рушди маблағгузории корхонаҳои

1. https://www.un.org/ru/observances/micro-small-medium-businesses-day

хурду миёнаро пайгирӣ намуда, дар самтҳои мухталифи он корбарӣ намуда истодаанд (Диаграммаи 1).

Новобаста аз чораҳои андешидашуда дар сатҳи миллию глобалӣ, монеаҳои ташаккулу ривоҷи фаъолияти корхонаҳои хурду миёна дар кишварҳои рушдёбанда ҷой доранд, ки яке аз онҳо ин норасоии дастрасӣ ба сармоя мебошад. Ташкилоти Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ дар ҷаҳон ҳамасола нокифоягии сармояро дар фаъолияти ин соҳа зиёда аз 40 фоизи корхонаҳои хурду миёнаи расмӣ ё худ 5,2 трн. доллари ИМА баҳогузорӣ намудааст.

Ин зуҳурот аз омилҳои зиёд вобаста буда, сабабҳои душвории дастрасии молиявии чунин корхонаҳо ба сармоя мухталиф мебошанд. Асосан мавҷуд набудани таъминнокии қарз, таърихи қарзӣ, иқтидори пасти қарзадокунӣ дар марҳилаи оғози фаъолият ва ғайра аз ҷумлаи ин мушкилиҳост.

Дар баробари ин, маъмулан вазъи молиявии корхонаҳои хурду миёна назар ба корхонаҳои калон аз омилҳои мухталиф (масалан, хавфҳои фоизӣ, тағйирёбии нархҳо ва қурби асъор) бештар осебпазиранд. Вобаста ба ин, ташкилотҳои молиявӣ маҳсулоти маҳдуди молиявӣ бо шартҳои қатъӣ бо мақсади коҳиш додани хавфҳои молиявии худ ба корхонаҳои хурду миёна пешниҳод менамоянд, ки ин сарбории иловагиро ба чунин қишри қарзгирандагон месозад.

Илова ба ин, надоштани маълумоти кофӣ, сатҳи пасти маърифати молиявӣ ва баҳогузорию банақшагирии фаъолият монеаи рушди маблағгузории чунин корхонаҳо мебошанд.

**Диаграммаи 1.** Самтҳои сиёсат аз рӯи минтақаҳои аъзои Алянс барои фарогирии молиявӣ (шумораи тадбирҳо)




**Манбаъ:** Алянс барои фарогирии молиявӣ

Бо мақсади ҳалли мушкилиҳои маблағгузории корхонаҳои хурду миёна ва васеъ намудани фарогирии молиявии онҳо ниҳодҳои танзимкунандаи молиявӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ механизму роҳҳои алтернативию инноватсионии мусоидаткунандаи рушди маблағгузории молиявӣ ва инфрасохтори молиявиро бар ивази механизмҳои анъанавии маблағгузорӣ мавриди амал қарор медиҳанд.

## ШАКЛҲОИ АЛТЕРНАТИВИИ МАБЛАҒГУЗОРИИ КОРХОНАҲОИ ХУРДУ МИЁНА

Корхонаҳои хурду миёна бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти худ нисбат ба корхонаҳои калон дар марҳилаҳои оғоз, ҷорӣ ва рушди фаъолият бештар ба дастгирӣ ва ҷалби маблағгузорӣ ниёз доранд. Махсусан норасоии воситаи гардиш дар ин марҳилаҳои фаъолияти корхонаҳои хурду миёна ба назар мерасад, ки талаботро ба ҷалби маблағҳои иловагӣ зиёд менамояд.  Талаботи корхонаҳои хурду миёна ба сармоя аз сарчашмаҳои гуногун ва бо усулу шаклҳои мухталиф қонеъ карда мешавад. Бояд қайд намуд, ки аз рӯи назария ва амалия дар маҷмуъ фаъолияти корхонаҳои хурду миёна аз манбаъҳои худӣ (сармояи худӣ, фоида ва

ғайра), инчунин ҷалбшуда (қарзҳо, маблағҳои буҷет ва сармоягузориҳо) маблағгузорӣ мегардад.

Барои осон намудани дастрасии корхонаҳои хурду миёна ба маблағгузорӣ, дар баробари пешниҳоди маҳсулотҳои молиявии маъмул дар рушди воситаҳои муосири маблағгузорӣ, инчунин усулҳои маблағгузории давлатию омехта метавонанд мусоидат намоянд. Бояд қайд намуд, ки ҳар як шаклу усулҳои маблағгузориҳои корхонаҳои хурду миёна дорои ҷанбаҳои мусбию манфӣ мебошанд, ки онҳо ба таври мухтасар шарҳ дода мешаванд.

***Қарзҳои тиҷоратӣ*** ё кушодани хатти қарзи кутоҳмуддат ва дарозмуҳлат ин шаклҳои маъмули маблағгузории корхонаҳои хурду миёна аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузориҳои хурд бо шарти баргардонидани фоиз, талаботи пешниҳоди гарав, таърихи қарз ва бизнес-нақшаҳо мебошанд, ки тартиби мураккабу талаботҳои баланд доранд, ки ин махсусан барои соҳибкорони хурду миёнаи навтаъсис дастнорас мебошад.

***Лизинг*** шакли маблағгузории маъмули дигари ин соҳа  буда, он тариқи ба иҷора додани таҷҳизот ё нақлиёт бо имконияти хариди минбаъда амалӣ шуда, он барои дастрасии содаи соҳибкорон ба дороиҳо мусоидат мекунад. Чунин шакли маблағгузорӣ барои корхонаҳои хурду миёна нокифоя буда,  мушкилиҳои молиявии корхонаҳои хурду миёнаро пурра ҳал намекунад.



Зеро одатан арзиши дороиҳои ба иҷора ва хариди минбаъда гарон буда, барои соҳибкорон ғайриманфиатнок мебошад.

Роҳи дигари алтернативӣ ин ***маблағгузорӣ дар асоси дороиҳо*** буда, дар маҷмуъ дар чор шакл: қарзи дебиторӣ, захираҳои моддию молӣ (inventory), таҷҳизот ва амволи ғайриманқул амалӣ гардида, ба корхонаҳои хурду миёна имконияти дастрасии зуд ва бо шартҳои муносиб ба сармоя бидуни зарурати гузаронидани рейтинги қарзӣ ва дигар талабот, медиҳад. Чунин шакли маблағгузорӣ маъмулан барои васеъ намудани фаъолияти соҳибкорӣ бе фурӯши саҳм, таъмини пардохтпазирӣ дар давраи мавсимӣ, маблағгузории дебитории мизоҷон ва ғайра пешниҳод мегардад. Бояд қайд намуд, ки зимни чунин маблағгузории кутоҳмуддат бинобар ҷой доштани хароҷоти бештар барои гузаронидани мониторинг ва баҳогузории дороиҳо, хароҷоти ҳуқуқӣ ва ғайра гаронтар мебошад.

Илова ба ин, барориши коғазҳои қиматноки корхонаҳои хурду миёна роҳи дигари ҷалби сармоя мебошад, ки чунин шакли маблағгузорӣ асосан дар кишварҳои рушдёфта, алалхусус Аврупо, ки  бозори коғазҳои қиматнок тавсеа ёфтааст, фаъол мебошад.

***Сармоягузории венчурӣ*** ҳамчун шакли маблағгузории хусусӣ амалӣ гардида, бар ивази саҳмия ё ҳиссаи ширкат гирифта мешавад. Сармоягузории венчурӣ асосан ба ширкатҳои дар марҳилаи ибтидоии рушд ва лоиҳаҳои стартап, махсусан ба соҳаҳои технология, иқтисоди рақамӣ ва сабз равона мегардад. Чунин соҳаҳои инноватсионӣ хавфи баланд дошта бошанд ҳам, иқтидори баланди рушд ва гирифтани фоидаро доранд. Сармоягузорони венчурӣ аз ҷониби сармоягузорони хусусӣ (фариштаҳо), фондҳои венчурию сармоягузорӣ амалӣ гардида, ба онҳо бо назардошти саҳмдорӣ имконияти иштирок дар идоракунӣ ва стратегияи рушди корхонаҳои хурди миёна медиҳад.

***Краудфандинг*** барои корхонаҳои хурду миёна роҳи алтернативии маблағгузорӣ барои

рушди тиҷорат буда, тавассути саҳмгузории шумораи зиёди иштирокдорон бо истифода аз платформаҳои интернетӣ барои татбиқи лоиҳаҳои нав ва стартапҳои бо идеяҳои ҷолиб амалӣ мегардад. Яке аз ҷанбаҳои муфиди ин шакли маблағгузорӣ дар он аст, ки ҳангоми таблиғоти лоиҳаҳои корхонаҳои хурду миёна арзиш ва талаботи аслии маҳсулот ё хизматрасонӣ муайян мегардад. Ҷанбаи манфии ин намуди маблағгузорӣ эҳтимолан ба таври кофӣ ва муҳлати муайян ҷалб нагардидани сармоя, зарурати ифшои маълумоти пурра оид ба нақшаю идеяҳо мебошад.

Дар баъзе ҳолатҳо воситаҳои омехтаи маблағгузорӣ бо мақсади гуногункунии (диверсификатсия) хавфҳо, коҳиш додани сарборӣ ба як сармоягузор ва васеъ намудани имкониятҳои маблағгузории корхонаҳои хурду миёна, махсусан дар оғози фаъолияти корхонаҳо ва стартапҳо пешниҳод мегардад. Сарчашмаҳои маблағгузорӣ омехтаю гуногун буда, он аз воситаҳои мухталиф, аз ҷумла маблағгузорӣ ба саҳмдорӣ, грантҳо, қарзи бонкӣ, маблағгузории краудӣ, фондҳои венчурӣ ва ғайра ташаккул меёбад.

Дар маҷмуъ, шаклҳои маблағгузориҳои корхонаҳои хурду миёна дар миқёси ҷаҳон дар Диаграммаи 2 оварда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки барои рушди маблағгузории алтернативии корхонаҳои хурду миёна аз руйи усулу воситаҳои муосири болозикр заминаи ҳуқуқии марбута, шаффофияти бозор, рушди инфрасохтори финтех зарур мебошад. Аз ин рӯ, аксари корхонаҳои хурду миёна бештар ба қарзҳои маъмули бонкӣ муроҷиат менамоянд, ки айни замон шаклу механизми чунин шакли қарздиҳӣ рушд ёфта истодааст. Махсусан механизми мусоидаткунадаи рушди маблағгузории корхонаҳои хурду миёнаи муосир низоми кафолати кредитиро (credit guarantee schemes) мавриди амал қарор медиҳанд.

## НИЗОМИ КАФОЛАТИ КРЕДИТӢ (CREDIT GUARANTEE SCHEMES)

Низоми кафолати кредитӣ (credit guarantee schemes) яке аз механизмҳои коҳиш додани хавфҳои бонкӣ ҳангоми маблағгузории корхонаҳои хурду миёна мебошад. Чунин шакли кафолати қарзӣ аз ҷониби оҷонсиҳои давлатӣ, корпоратсияҳои махсус ё бархе аз ташкилотҳои молиявӣ дода шуда, қисман ё пурра хавфи қарзиро ба ӯҳда мегиранд.

Тибқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ зиёда аз нисфи кишварҳои ҷаҳон чунин низомро дошта, ин нишондиҳанда зиёд шуда истодааст[2].

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки бо мақсади амалияи муносиб ба таҷрибаи ҷаҳонӣ аз ҷониби ниҳоди мазкур низоми давлатии кафолати қарзӣ барои корхонаҳои хурду миёна ҳамчун роҳнамо барои саҳмгузории самараноки давлатӣ ба бозори қарзӣ ба тасвиб расидааст, ки он 16 принсипро бо ҷанбаҳои ҳуқуқию танзим, идоракунии корпортивӣ ва идоракунии хавфҳо, асосҳои амалиётӣ, мониторинг ва баҳогузориро дар бар мегирад. Ин ҷанбаҳо барои фаъолияти самараноки ташкилотҳои кафолатӣ ва саҳмгузории онҳо дар маблағгузории корхонаҳои

**Диаграммаи 2.** Сарчашмаҳои асосии маблағгузории корхонаҳои хурду миёна дар ҷаҳон




**Манбаъ:** ҳисобҳои муаллиф дар заминаи маълумоти ташкилотҳои байналмилалӣ

**2.** World Bank Group. Principles for Public Credit Guarantee Schemes (CGSs) for SMEs

хурду миёна муҳим арзёбӣ мегардад.

Айни замон чунин ташкилотҳо дар бархе аз кишварҳо фаъолият менамоянд. Масалан, дар Филиппин ташкилоти PHILGUARANTEE, ки шакли моликияташ давлатӣ ва таҳти назорати мақоми молия қарор дорад, бахри рушди иқтисодӣ - иҷтимоии кишвар тавассути мусоидат ба рушди маблағгузории соҳаҳои афзалиятнок ва корхонаҳои хурду миёна кафолати қарзӣ пешниҳод менамояд. Дар Индонезия ташкилоти давлатии Jaminan Kredit Indonesia дар самти пешниҳоди кафолат фаъолият менамояд. Дар Ҳиндустон оҷонсии давлатии ECGC таҳти Вазорати тиҷорат ва саноат барои дастгирии содироткунандагон ва бонкҳо тавассути пешниҳоди кафолати қарзӣ таъсис ёфтааст. Инчунин дар ин кишвар барои дастгирии корхонаҳои хурду миёна дар доираи Фонди трастии кафолати қарзӣ барои корхонаҳои хурду миёна CGTMSE аз ҷониби Ҳукумати Ҳиндустон ва Бонки рушди саноати хурд ва миёнаи Ҳиндустон ташкил шудааст, ки бо додани кафолат аз ҷониби фонди мазкур имконияти бе замонати амвол ва ё шахси сеюм ба корхонаҳои хурду миёна қарз дода мешавад. Бояд қайд намуд, ки фонди мазкур технологияҳои муосири таҳлили хавфҳо ва автоматикунонии баррасии ҳуҷҷатҳоро роҳандозӣ намудааст, ки ин боиси кам шудани мӯҳлати баррасӣ ва ҳолатҳои қаллобӣ шудааст.

Бояд қайд намуд, ки алалхусус дар низомҳои кафолати кредитӣ, муассисаҳои молиявӣ бо ҷорӣ намудани технология ва барномаҳои муосир қобилияти дастгирии қарздиҳии корхонаҳои хурду миёнаро ба таври назаррас афзоиш додааст. Бо пешравиҳои зуди технология, бахусус дар таҳлилҳои дода, зеҳни сунъӣ (AI) ва платформаҳои рақамӣ метавонад самаранокӣ, идоракунии хавфҳоро ба таври назаррас такмил диҳад.

Ин навгонӣ барои ташаккули низоми молиявии фарогир, самаранок ва устувор мусоидат мекунад, ки рушди корхонаҳои хурду миёна ва пешрафти иқтисодиро таъмин менамояд.

**Хулоса**

Бояд қайд намуд, ки тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ барои дастрасии корхонаҳои хурду миёна ба сармоя шаклу усулҳои мухталиф ҷой дошта, барои такмили онҳо пеш аз ҳама рушди инфрасохтори технологию ҳуқуқӣ лозим мебошад. Айни замон дар бозори имрӯзаи ҷаҳон қарзҳои бонкӣ барои маблағгузории корҳонаҳои хурду миёна бештар буда, барои рушди онҳо такмили низомҳои кафолати қарзии инноватсионӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар маҷмуъ, масъалаи рушди маблағгузории соҳибкории хурду миёна паҳлуҳои мухталифро дар бар гирифта, омӯзиши ҳамаҷонибаи пешниҳоду талабот ба он, гузаронидани таҳлилҳои сифатию миқдорӣ ва дар заминаи онҳо роҳандозии маҷмуи тадбирҳои самаранок ба рушди корхонаҳои хурду миёна замина хоҳад гузошт.

**Рӯйхати адабиётҳо:**

1. Asian Development Bank “Financing small and medium–sized enterprises in Asia and the pacific. Credit guarantee schemes. March, 2022.

2. Ana Fiorella Carvajal & Tatiana Didieк, «Boosting SME Finance for growth. The Case for more Effective Support Policies», International Bank for Reconstruction and Development / The World Bank, September 2024.

3. Naoyuki Yoshino and Farhad Taghizadeh-Hesary. «Solution for small and medium-sized enterprises in accessing finance: Asian experiences» Asian Development Bank Institute, No. 768, August 2017.

4. Steven Ayres and Paddy Carter. «How and why, we finance SMEs» British International Investment. January 2024.

5. Lucia Cusmano. “SME and Entrepreneurship Financing: The Role of Credit Guarantee Schemes and Mutual Guarantee Societies in supporting finance for small and medium-sized enterprises. OECD SME and Entrepreneurship Papers №1. 30 January, 2013.

# РАҚАМИКУНОНИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ НИЗОМИ БОНКӢ

## *ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ РАҚАМИКУНОНӢ ДАР МИНТАҚАИ СУҒД*

Рақамикунонии низоми бонкӣ - ин раванди татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва рақамӣ мебошад, ки ба беҳтар намудани сифати хизматрасонии мизоҷон, зиёд намудани самаранокии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва мутобиқшавӣ ба вазъи тағйирёбандаи бозори молиявӣ равона шудааст. Тайи солҳои охир ин раванд муҳиммияти махсусро касб намуда, ба яке аз омилҳои муайянкунандаи рушди ташкилотҳои молиявӣ табдил ёфтааст.



Тавре маълум аст, раванди рақамикунонӣ доираи васеи дигаргуниҳоро аз татбиқи технологияҳои нави рақамӣ дар фаъолияти бонкӣ оғоз намуда, то истифодаи "зеҳни сунъӣ" ва маълумотҳои калонҳаҷм (Big Data) дар қабули қарорҳоро фаро мегирад. Раванди мазкур ҳамчунин гузариш ба пардохтҳои электронӣ, автоматикунонии хизматрасонии муштариён, таъсиси платформаҳои рақамӣ ва истифодаи технологияҳои "блокчейн" - ро дар бар мегирад.

Дар таҷрибаи амалӣ, рушди босуръати рақамикунонии соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт маҳз аз бухрони молиявии солҳои 2007-2008 оғоз гардид. Зеро, бинобар сабаби пурзӯр намудани танзиму назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, ки мақоми назоратиро ба ташвиш меоваранд, рақобат дар бозори молиявӣ пурзӯр гардид ва технологияҳои молиявӣ дар ин асно мавқеи худро дар иқтисодиёт устувор намуданд.

Омили дигари вусъат ёфтани рақамикунонии амалиётҳои бонкӣ дар он буд, ки пасомадҳои бухрон нигоҳи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои бонкиро дигар намуда, хоҳиши аҳолӣ ба сарфа намудани вақт ва осону зуд дастрас намудани хизматрасониҳоро афзуд.

Ва ниҳоят, омили дигари такондиҳандаи раванди рақамикунонии амалиётҳо, ин сар задани пандемияи COVID-19 мебошад. Пандемия раванди рақамикунонии хизматрасониҳои бонкиро дар ҷаҳон боз ҳам тезонид ва низоми бонкиро зарур омад, ки ба маҳдудиятҳои пешгирикунандаи паҳншавии пандемия мутобиқ шавад. Ҷорӣ гардидани чунин маҳдудиятҳо ба рушди онлайн-хизматрасониҳо, пардохтҳои фосилавӣ ва мушаххаскунии фосилавӣ оварда расонид. Қаблан истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, махсусан калонсолон ташриф овардан ба ташкилотҳои қарзии молиявиро афзал медонистанд. Аммо бо сар задани пандемия онҳо ба омӯзиши истифодабарии хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ шурӯъ намуданд. Бинобар ин, таъсири пандемияи COVID-19 яке аз сабабҳои асосии рушди низоми бонкӣ ва рақамикунонии он дониста мешавад.

Дар маҷмӯъ ҷоришавии технологияҳои рақамӣ ва рушди онҳо ба иқтисодиёт, ба рафтори истеъмолкунандагон ва ҷамъият таъсири калон расонид. Низоми бонкии ҷаҳон тайи солҳои охир дигаргуниҳои зиёдро ҳамчун муҳити иқтисодӣ паси сар намуд. Истеъмолкунандагон ҳангоми истифодаи хизматрасониҳои молиявии тавассути платформаҳои рақамӣ пешниҳодшаванда, имкониятҳои зиёди ҳамкориро бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ пайдо намуданд. Дар баробари ин технологияҳои рақамӣ низ ба рафтори истеъмолкунандагон мутобиқ карда шуда истодаанд, ки ин барои зиёд гардидани самаранокӣ ва паст шудани хароҷотҳо мусоидат мекунад.

Дар қисмати низоми бонкӣ, ки талабот ба инноватсия аз ҷониби истеъмолкунандагони он муайян карда мешавад, кам намудани муҳлати иҷрои амалиётҳои бонкӣ, имконияти гузаронидани онҳо 24/7, истифодаи қулайи хизматрасониҳои бонкӣ ва имконияти истифодаи дигар хизматрасониҳо дар радифи хизматрасониҳои бонкӣ тавассути як равзана зоҳир меёбад.

Барои рушди бомуваффақият ва амалигардонии инноватсия ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ зарур аст, ки стратегияи дарозмуҳлати худро бо муайян намудани ҳадафҳо таҳия намоянд. Татбиқи қарорҳои инноватсионӣ бидуни таҳияи нақшаи рақамикунонии равандҳои дохилии фаъолият ғайриимкон мебошад. Бинобар ин, барои дар сатҳи зарурӣ ҷорӣ намуда-

ни маҳсулотҳои нав, бояд салоҳияти ҳамоҳангсозӣ бо ширкатҳо дар соҳаи технология ва ҷалби мутахассисони баландихтисос ҷоннок карда шавад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки раванди рақамикунонӣ ташкилотҳои қарзии анъанавиро водор месозад, ки барои рақобатпазир шудан дар бозори молиявӣ, давра ба давра ба ташкилотҳои қарзии "рақамӣ" табдил ёбанд. Бо табдил ёфтан ба ташкилотҳои қарзии "рақамӣ" онҳо метавонанд доираи пешниҳоди васеи хизматрасониҳои бонкиро бо истифода аз замимабарномаҳои мобилӣ, платформаҳо ва сомонаҳо ба роҳ монанд.

Бинобар ин, гузариш ба иқтисоди рақамӣ ба низоми бонкӣ имкониятҳо ва бартариҳоро пешниҳод менамояд. Аммо раванди гузариш ба иқтисоди рақамӣ дар баробари тарафҳои мусбии он, мушкилиҳои муайян аз қабили: хавфҳои молиявӣ ва ҳамчунин хавфҳои технологиро эҷод хоҳад кард. Яке аз хатарҳои асосии рақамикунонии низоми бонкӣ ҷой доштани хавфи киберӣ мебошад. Яъне хавфҳое, ки ба нигоҳдории амнияти иттилооти рақамӣ, ҳифзи маълумоти шахсии мизоҷон, хавфи дастрасӣ ва ё дуздида шудани маълумот тавассути саҳифаҳои интернетӣ, хавфи бехатар гузаронидани амалиётҳо вобаста мебошанд.

Бинобар ин, ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ зарур аст, ки ҳангоми татбиқи маҳсулот ва хизматрасониҳои рақамӣ пеш аз ҳама ба таъмини бехатарии маълумотҳо аҳаммияти ҷиддӣ зоҳир намоянд. Зеро, таъмини бехатарии маълумоти шахсӣ дар навбати худ, боварии мизоҷонро ба низоми бонкӣ зиёд хоҳад намуд.

Боиси қаноатмандист, ки солҳои охир рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон босуръат рушд намуда, дар миқдор ва ҳаҷми амалиётҳои ғайринақдӣ пешравиҳои назаррас ба мушоҳида мерасанд. Тибқи маълумоти расмӣ, танҳо дар соли 2024 шумораи умумии амалиётҳои ғайринақдӣ ба 92,4 млн. расидааст, ки нисбат ба соли гузашта 61,7 фоиз бештар мебошад. Ҳамин тариқ, ҳаҷми маблағи чунин амалиётҳо низ афзоиш ёфта, ба 30,4 млрд. сомонӣ баробар шудааст, ки дар муқоиса бо соли 2023 тақрибан 95,3 фоиз зиёд мебошад.

Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки аҳолии кишвар бештар ба истифодаи кортҳои бонкӣ, ҳамёнҳои электронӣ ва дигар хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ рӯ меоранд. То охири соли 2024 шумораи умумии кортҳои бонкӣ ба 8,4 миллион адад ва шумораи ҳамёнҳои электронӣ ба 12,1 миллион адад расидааст, ки ин нишондоди хеле хуб дар самти рақамикунонии пардохтҳо ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин, имрӯзҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ 11'955 адад терминалҳои пардохтӣ, зиёда аз 9'100 адад терминалҳои худкори худхизматрасон ва тақрибан 20 ҳазор QR-рамзҳо барои қабули пардохтҳо фаъолият доранд[1].

**Вазъи рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ мутаносибан дар дигар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ низ бомаром рушд ёфта, аз ҷумла сатҳи рушд дар қаламрави вилояти Суғд бо чунин нишондодҳо тавсиф меёбанд:**

**Инфрасохтори** рақамии низоми бонкӣ маҷмӯи низомҳо, технологияҳо ва равандҳоест, ки барои анҷом додани муомилоти молиявӣ бидуни истифодаи пули нақд истифода мешаванд. Ба онҳо платформаҳои пардохти электронӣ, кортҳои пардохтии бонкӣ, QR-рамзҳо, POS-терминалҳо ва ғайра дохил мешаванд, ки имконияти иҷрои босуръат, бехатар ва осони амалиётҳои бонкиро фароҳам меоранд. Ин инфрасохтор барои коҳиши хароҷот, баланд бардоштани самаранокии ҳисоббаробаркуниҳо ва густариши хизматрасониҳои молиявӣ нақши муҳим мебозад, ки дар маҷмӯъ ба рушди иқтисоди рақамӣ мусоидат мекунад.

**Дар таҷрибаи фаъолияти бонкӣ** кортҳои пардохтии бонкӣ яке аз воситаҳое ба ҳисоб мераванд, ки ҷиҳати рушди рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ ҳиссаи назаррасро ишғол менамояд. Арзиши кортҳои пардохтии бонкӣ дар асоси тарофаҳои муқаррарнамудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ муайян карда мешавад. Ҳар як ташкилот, вобаста ба навъи корт (дебетӣ, кредитӣ, маҳаллӣ ё байналмилалӣ) ва сатҳи хизматрасонӣ (стандартӣ, голд, платиниум), меъёри муайяни хизматрасонӣ ва пардохтро пешбинӣ мекунад. Ин тарофаҳо метавонанд ба худи корт, хизматрасонии солона, ивазкунии корт, пардохтҳои ғайринақдӣ, гирифтани пул аз банкоматҳо ва дигар амалиётҳои марбут дахл дошта бошанд.

Ба ҳолати имрӯза ташкилотҳои қарзии молиявӣ якчанд номгӯи кортҳои пардохтии бонкиро пешкаши мизоҷон менамоянд, аз ҷумла: кортҳои локалӣ (*Дохилӣ*), миллӣ (*Корти миллӣ*) ва байналмилалӣ (*Visa, Mastercard ва UnionPay*) ва муҳлати барориши (*эмиссияи*) кортҳо вобаста ба намуд аз даҳ дақиқа то 7 рӯз муқаррар карда шудааст.

Ба ҳолати имрӯза шумораи умумии кортҳои пардохтии бонкӣ дар миқёси вилояти Суғд ба 2,3 млн. адад баробар мебошад. Аз ин шумора 43,0 фоизи он мунтазам истифода мешаванд ва фаъол мебошанд. Ин нишон медиҳад, ки қисми муайяни аҳолӣ истифодаи кортҳоро дар амалиёти ҳаррӯза ба роҳ мондаанд, ки ба рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, коҳиши муомилоти нақдӣ ва густариши фарҳанги молиявии рақамӣ мусоидат мекунад.

**QR рамзҳои ягона** дар низоми пардохтӣ як воситаи муосири рақамӣ мебошанд, ки истифодаи онҳо дар байни ташкилотҳои қарзӣ ва соҳибкорон зиёд гардида

1. www.nbt.tj

истодааст. Яке аз афзалиятҳои асосии QR рамзи ягона дар содагии истифода ва суръати баланди пардохт аст. Муштарӣ метавонад танҳо бо аксбардорӣ намудани рамз аз тариқи телефон бе ворид кардани маълумоти иловагӣ пардохтро анҷом диҳад. Ин тарзи пардохт вақти интизориро коҳиш медиҳад ва раванди муомиларо осон ва зуд мегардонад.

Тибқи маълумотҳои ҷойдошта дар вилояти Суғд миқдори умумии QR-рамзҳои ягонае, ки дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ, аз ҷумла муассисаҳои давлатӣ насб шудаанд, 9’820 ададро ташкил медиҳанд, ки ин нишондиҳандаи муҳимми рушди инфрасохтори пардохтҳои рақамӣ ва баланд шудани сатҳи рақамикунонии хизматрасониҳо дар минтақа ба шумор меравад.

**POS-терминалҳо** воситаи муҳимми қабул ва коркарди пардохтҳо тариқи кортҳои пардохтии бонкӣ ба ҳисоб рафта, интиқоли маблағро байни мизоҷ ва фурӯшанда таъмин менамояд. Нақши POS-терминал дар рушди хизматрасонии рақамии бонкӣ ин пеш аз ҳама ба кам гардидани муомилоти нақдӣ, афзоиши дастрасӣ ба хизматрасонӣ, суръат ва самаранокии амалиёт, ҷалби мизоҷон ба истифодаи кортҳои бонкӣ ва таъмини бехатарии молиявӣ нигаронида шудааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд аз тарафи ташкилотҳои қарзии молиявӣ маҷмуан 2’174 адад POS-терминалҳо дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ ва мақомоти давлатӣ насб карда шудаанд. Бо васеъ шудани доираи истифодаи POS-терминалҳо дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ, инчунин муассисаҳои давлатӣ, мизоҷон метавонанд бо осонӣ ва бехатар маблағҳоро пардохт намоянд, ки ин барои рушди иқтисоди рақамӣ ва беҳтар шудани сатҳи хизматрасонӣ аҳаммияти калон дорад.

**Муҳияти интернет-бонкинг ва бонкинги мобилӣ:** қайд намудан зарур аст, ки дар замони муосир интернет-бонкинг ва истифодаи ҳамёнҳои электронӣ дар рушди низоми молиявӣ ва содагардонии хизматрасониҳои бонкӣ нақши муҳимро иҷро менамояд. Интернет-бонкинг ва бонкдории мобилӣ ба мизоҷон имкон медиҳад, ки хизматрасониҳои бонкӣ, аз қабили санҷиши бақияи суратҳисоб, интиқоли маблағ, пардохтҳо ва гирифтани маълумотро оид ба амалиётҳои анҷомдодашуда дар дилхоҳ вақт иҷро намоянд.

Таҳлили гузаронида маълум намуд, ки имрӯз миқдори истифодабарандагони хизматрасонии интернет-бонкинг дар вилояти Суғд дар умум 8’670 ададро ташкил дода, миқдори умумии ҳамёнҳои электронӣ ба 1,8 млн адад баробар аст.

Агар дар маҷмуъ баҳо диҳем, аз ҳаҷми умумии интиқоли бурунмарзии шахсони ҳуқуқӣ, 85,0 фоизи он бидуни ташриф овардан ба ташкилоти қарзии молиявӣ тавассути интернет-бонкинг анҷом дода шудааст. Илова ба ин, интиқоли бурунмарзии шахсони воқеӣ тавассути кортҳо ва ҳамёнҳои электронӣ, 84,0 фоизро аз ҳаҷми умумии амалиётҳо ташкил медиҳанд.

Шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ барои фосилавӣ идора намудани суратҳисоби бонкӣ, аз ҷумла харидани асъори хориҷӣ тавассути интернет-бонкинг ва замимабарномаҳои мобилӣ имкониятҳои васеъ доранд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳаҷми асъори хориҷии аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ тавассути интернет-бонкинг харидашуда, аз ҳаҷми умумии асъорҳои дар маҷмуъ харидашуда 65 фоизро ташкил медиҳад. Ҳиссаи асъори хориҷии аз ҷониби шахсони воқеӣ фосилавӣ харидорӣ шуда, ба 90 фоиз баробар мебошад.

**Рақамикунонии ҷалби амонатҳо:** ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо мақсади ҷалби бештари пасандозҳо ва таъмини шароити мусоид барои мизоҷон имконияти кушодани амонатҳои муҳлатнокро тавассути платформаҳои рақамӣ ва барномаҳои мобилии бонкӣ фароҳам овардаанд. Истифодаи чунин усули хизматрасонӣ на танҳо шароити мусоид барои мизоҷон фароҳам меорад, балки ба рушди рақамикунонии низоми бонкӣ ва баланд бардоштани сатҳи эътимоди аҳолӣ ба муассисаҳои молиявӣ низ мусоидат менамояд.

Имрӯз дар низоми бонкии Ҷумҳурӣ низ бо рушди технологияҳои рақамӣ ва сиёсати рақамикунонии низоми молиявӣ, кушодани суратҳисоб дар ташкилотҳои қарзӣ тавассути интернет-бонкинг ё замимабарномаҳои мобилӣ амалан имконпазир шудааст. Қайд намудан зарур аст, ки дар миқёси вилоят аз ҳаҷми умумии амонатҳои муҳлатноки ҷалбшуда, 8,8 фоизи он ба амонатҳои онлайн ҷалбшуда рабт доранд. Вобаста ба ин, бақияи сандуқи амонатҳои муҳлатноки онлайн ҷалбшуда дар таркиби амонатҳои муҳлатнок 5,5 фоизро ташкил медиҳад.

**Рақамикунонии қарздиҳӣ:** қарздиҳӣ дар низоми бонкӣ яке аз амалиёти асосӣ ва даромаднок ба ҳисоб меравад. Мутобиқи нишондиҳандаҳои оморӣ фаъолияти қарздиҳӣ сол аз сол рушд намуда истодааст. Ҳамзамон барои васеъ намудани доираи фаъолият дар самти пешниҳоди қарз ташкилотҳои қарзии молиявӣ намудҳои гуногуни пешниҳоди хизматрасонии мазкурро таҳия ва татбиқ намуда истодаанд. Дар ин раванд ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо мақсади дастрасии аҳолии минтақаҳои дурдаст ба хизматрасонии бонкӣ, аз ҷумла пешниҳоди қарзҳоро тариқи замимабарномаҳои мобилӣ ва ё сомонаҳои худ амалӣ намуда истодаанд.

Дар самти идоракунии хавфҳои қарзӣ якчанд ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо воситаи низоми скоринг вазъи молиявӣ ва қобилияти қарзадокунии муштариро баҳодиҳӣ менамоянд. Низоми мазкур бо ворид намудани маълумоти дархосткунандаи қарз ҳолати мо-

лиявии дархосткунандаро мавриди таҳлил қарор дода, оиди пешниҳод намудани қарз тавсияҳои мушаххас бо роҳи баҳодиҳии хавф пешниҳод менамояд.

Таҳлили маълумоти ташкилотҳои қарзии молиявӣ нишон дод, ки аз шумораи умумии дархостҳои қарзӣ ба миқдори 68,4 ҳазор адад дархости қарзӣ тариқи фосилавӣ, яъне бидуни ташриф ба бинои ташкилот амалӣ шудааст, ки он 32,0 фоизро ташкил медиҳад.

Дар баробари рушди технологияи рақамӣ қабули қарорҳо оид ба додани қарз низ дигаргун шуда истодааст. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар баробари қабули қарорҳои кумитаи қарзии анъанавӣ, низоми таҳлили скорингӣ ва қабули қарорҳои скорингиро дар амал ҷорӣ намуда истодаанд. Чунин тарзи корбарӣ имкон медиҳад, ки омилҳои инсонӣ дар рафти қабули қарор оид ба додани қарз кам карда шавад.

Натиҷаи таҳлилҳо нишон дод, ки ба ҳолати имрӯза аз шумораи умумии қарорҳои қабулшудаи кумитаи қарзӣ, 27,0 фоизи он ба низоми “Скоринг” рост меояд. Вобаста ба ин, дар таркиби сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, қарзҳои тавассути низоми скоринг пешниҳодшуда ба 11 фоиз баробар мебошад.

Мутобиқи маълумотҳо аз ҳаҷми умумии қарзҳои пешниҳодшуда 6,8 фоизи он ба таври фосилавӣ тавассути замимабарномаҳои мобилӣ пешниҳод карда шуда, бақияи чунин қарзҳо дар таркиби сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявии вилоят ба 3,0 фоизи баробар мебошад.

Қарзҳои батаъхирафтода яке аз масъалаҳои муҳим дар низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад, ки ба устуворӣ ва сатҳи эътимоднокии ташкилотҳои қарзӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Нишондиҳандаи миқдор ва ҳиссаи чунин қарзҳо, махсусан дар низомҳои ба скоринг асосёфта, метавонад нишондиҳандаи самаранокии арзёбии хавф ва қобилияти пардохтпазирии қарзгирандагон бошад.

Дар низоми скоринг, ки асосан ба таҳлили маълумоти оморӣ ва рафтори молиявии мизоҷ такя мекунад, паст будани ҳиссаи қарзҳои батаъхирафтода далели он аст, ки механизмҳои пешбинии хавф дуруст амал мекунанд. Аз рӯи маълумотҳои ҷойдошта, ҳиссаи бақияи қарзҳои батаъхирафтодаи низоми скорингӣ дар муқоиса бо бақияи қарзҳои умумии батаъхирафтода ба андозаи то 2,0 фоиз кам мебошад. Натиҷа нишон медиҳад, ки метавон ба низоми автоматии баҳодиҳӣ (скоринг) эътимод кард ва онро барои вусъат бахшидани хизматрасониҳои қарзӣ, хусусан дар шакли фосилавӣ васеъ истифода бурд.

**Қисмати ҷамъбастӣ:** таҳлили нишондиҳандаҳои рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявии вилояти Суғд нишон медиҳад, ки низоми бонкӣ дар марҳилаи рушд қарор дорад ва шартан ба ҳисоби миёна аз ¼ ҳиссаи хизматрасониҳои бонкӣ фосилавӣ анҷом дода мешаванд.

Дар баробари пешрафтҳои назаррас дар ҷанбаҳои техникӣ ва инфрасохторӣ, норасоиҳои ҷиддӣ дар сатҳи банақшагирӣ, сиёсати дохилӣ, самаранокии истифодаи воситаҳои рақамӣ ва ҷалби мизоҷон мушоҳида мегардад.

Ҳарчанд нишондиҳандаҳои умумии шумораи кортҳо, ҳамёнҳои электронӣ ва инфрасохтори пардохтӣ дар вилоят афзоиш ёфтааст, лекин фаъолнокии воқеии онҳо дар баъзе маврид паст мебошад. Аз шумораи умумии кортҳои пардохтӣ ва ҳамёнҳои электронӣ танҳо як ҳиссаи нисбатан ками онҳо фаъол мебошад, ки ин гувоҳи норасоии дастрасӣ, камбудии маърифати молиявӣ ва боварии нокифояи аҳолӣ ба технологияҳои нав мебошад.

Масъалаи дигари муҳимме, ки аз натиҷаи таҳлил бармеояд, ин сатҳи пасти дастрасӣ ба хизматрасониҳои пешниҳоди қарз ва ҷалби амонат дар реҷаи вақти воқеӣ (онлайн) мебошад. Танҳо доираи маҳдуди ташкилоти қарзии молиявӣ имкони кушодани суратҳисоби амонати мӯҳлатнок ё гирифтани қарзро тариқи барномаи рақамӣ пешниҳод мекунанд. Аз ин рӯ, қисми зиёди мизоҷон маҷбуранд, ки то ҳол ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ё воҳидҳои сохтории онҳо ташриф оваранд.

Миқдори қарзҳои пешниҳодшудаи онлайнӣ ва қарорҳои қабулшуда бо истифодаи низоми скоринг низ нисбатан кам мебошад. Танҳо дар баъзе ташкилотҳо чунин низом фаъолона истифода мешавад. Бо вуҷуди нишондиҳандаи пасти қарзҳои онлайн ва қарзҳои бо скоринг додашуда, сатҳи қарзҳои батаъхирафтода дар ин намуди қарзҳо назар ба қарзҳои анъанавӣ пасттар мебошад. Ин нишон медиҳад, ки истифодаи скоринг метавонад воситаи муассир барои коҳиши хавф бошад, вале омодагии ташкилотҳо барои татбиқи он нокифоя аст.

Аз ин лиҳоз барои тағйири воқеӣ ва гузариши ҳамаҷониба ба хизматрасониҳои рақамӣ зарур аст, ки ташкилотҳо на танҳо таҷҳизот ва барномаҳоро ҷорӣ намоянд, балки равишҳои идоракунӣ ва муносибатро бо мизоҷон низ таҷдиди назар кунанд. Ҳамзамон, мақоми иҷроияи ташкилотҳо бояд ҷиҳати баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ва ҳавасмандкунии кормандони худ ва мизоҷон барои рақамикунонӣ чораҳои мушаххас андешад.

**Шуъбаи минтақавии**
**Бонки миллии Тоҷикистон**
**дар шаҳри Хуҷанд**




# Нақши муассир ва рӯзафзуни ташкилотҳои молиявӣ дар рушди соҳибкории бонувон дар Тоҷикистон

Душанбе, 12 майи 2025. Бо ташаббуси Бонки миллии Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо Кумитаи кор бо занон ва оила, озмуни ҷумҳуриявии “Ташкилоти қарзии молиявии беҳтарин оид ба хизматрасонӣ ба бонувони соҳибкор” бо ширкати васеи намояндагони сохторҳои давлатӣ, ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва шарикони рушд ҷамъбаст гардид.

Ҷорабинӣ, ки дар доираи татбиқи “Барномаи давлатии рушди соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2027” баргузор гардид, бо ҳадафи васеъ намудани дастрасии бонувони соҳибкор ба захираҳои молиявӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳо ва мусоидат ба рушди соҳибкории занон сурат гирифт.

Озмун, ки соли сеюм пайваста баргузор мешавад, имсол низ натиҷаҳои фаъолият ва саҳми муассисаҳои молиявиро дар чор самти калидӣ арзёбӣ намуд. Дар натиҷа, 44 ташкилоти қарзии молиявӣ номзадии худро пешниҳод карда, аз онҳо 23 ташкилот сазовори ҷоиза ва ифтихорномаву сипоснома гардиданд.

**Самтҳои арзёбӣ ва ғолибон**

Озмун аз рӯйи чор номинаи зерин ҷамъбаст шуд:

1. Маблағгузории исломӣ ва қарздиҳӣ ба бонувон – ҷойи аввал насиби КВД БССТ “Саноатсодиротбонк” гардид. Ҷойҳои дуюм ва сеюм ба “Амонатбонк” ва “Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон” дода шуданд.

2. Ҷалби пасандозҳо аз ҷониби бонувони соҳибкор – дар ин самт ҶСП ТАҚХ “Ҳумо” мақоми аввалро соҳиб шуд. “Сандуқ” ва “ФИНКА” ҷойҳои баъдиро ишғол карданд.

3. Истифодаи васеи технологияҳои электронии пардохт – “Алиф Бонк”, “Бонки байналмилалии Тоҷикистон” ва “Бонки Эсхата” ба тартиб ҷойҳои аввал то сеюмро соҳиб шуданд.

4. Татбиқи лоиҳаҳо барои дастгирии занон – ҶСП Бонки “Арванд” ба ҷоизаи аълотарин сазовор дониста шуд. “Имон Интернешнл” ва ФҚХ “Имконият” низ дар зинаҳои баланд қарор гирифтанд.



Илова бар ин, як қатор ташкилотҳо, аз ҷумла "Ориёнбонк", "Коммерсбонки Тоҷикистон", "Душанбе Сити Бонк" ва дигарон барои иштироки фаъолона бо ифтихорнома ва сипоснома қадрдонӣ шуданд. Ҳамзамон, шаш нафар бонуи соҳибкори муваффақ бо тӯҳфаҳои рамзӣ қадршиносӣ гардиданд.

**Мақсаду аҳаммияти озмун**

Озмун бо ҳадафи ҳавасмандсозии ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои густариши хизматрасониҳо ба бонувон, тақвияти нақши онҳо дар соҳаҳои иқтисодӣ ва тавсеаи имкониятҳои занон дар бозори меҳнат роҳандозӣ шудааст. Натиҷаҳои он гувоҳӣ аз афзоиши таваҷҷуҳ ба масъалаи баробарии гендерӣ дар бахши молиявии кишвар медиҳанд.

Мувофиқи маълумоти расмии Бонки миллии Тоҷикистон, танҳо дар соли 2024 беш аз 910 ҳазор нафар бонувон тавассути ташкилотҳои қарзӣ ба маблағи умумии 6,2 миллиард сомонӣ қарз гирифтаанд. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли қаблӣ 28,7% афзоиш ёфтааст. Дар панҷ соли охир, ҳаҷми умумии маблағгузорӣ ба бонувон ба 24,8 миллиард сомонӣ расидааст.

**Ҷамъбасти чорабинии бонувони муваффақ**

Дар маросими алоҳида, ки 24 апрел дар меҳмонхонаи "Hyatt Regency Dushanbe" баргузор шуд, 20 бонуи муваффақ дар соҳаи бонкдорӣ ва 25 соҳибкорзани барҷаста бо мукофот ва ифтихорномаҳо сарфароз гардонида шуданд. Ин чорабинӣ бо ибтикори Бонки миллии Тоҷикистон, Ассотсиатсияи ташкилотҳои молиявӣ ва Ассотсиатсияи миллии занҳои соҳибкор "Кадбону" баргузор гардид.

Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Назирӣ Гулбаҳор Назир дар суханронии худ иброз дошт, ки шумораи бонувоне, ки дар бахшҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа фаъолият доранд — аз ҷумла сиёсати давлатӣ, иқтисодиёт, низоми молиявию бонкӣ ва соҳибкорӣ — сол аз сол меафзояд. БМТ дар доираи сиёсати давлатии дастгирии занон ва иҷрои дастурҳои роҳбарияти олии кишвар тадбирҳои муҳимро барои густариши дастрасии бонувон ба захираҳои молиявӣ амалӣ месозад.

Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Назирӣ Гулбаҳор зимни суханронӣ таъкид кард, ки саҳми занон дар низоми молиявии кишвар сол ба сол афзоиш меёбад ва тақрибан 41%-и кормандони бахши бонкдориро бонувон ташкил медиҳанд. Танҳо дар соли гузашта шумораи занон дар ин соҳа 843 нафар зиёд шудааст.

**"БТҶ"**

# Ба муомилот баровардани пулҳои қоғазии намунаи соли 2025

Бонки миллии Тоҷикистон пулҳои қоғазии намуна ва бароиши солҳои 2024 ва 2025-ро бо арзишҳои номиналии гуногун ба муомилот баровард.

Мувофиқи қарори дахлдор, пулҳои қоғазии намуна ва барориши соли 2024 бо арзишҳои номиналии 200 ва 500 сомонӣ, инчунин пулҳои қоғазии барориши соли 2025 бо арзишҳои номиналии 20, 50 ва 100 сомонӣ расман ба муомилот ворид карда шуданд.

Ҳамзамон, тибқи ин қарор, пулҳои қоғазии намуна ва барориши солҳои 2024 ва 2025 бо арзишҳои номиналии 20, 50, 100, 200 ва 500 сомонӣ дар қатори пулҳои қоғазии амалкунанда, ки қаблан аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ба муомилот бароварда шудаанд, баробар ва қонунан қобили қабул мебошанд.

**М.Ҳаётулло**















# “Тоҷикистон бо ҳузуре пуррангу ҳамаҷониба... Ҳофизро ба Порис овард”




Дар таърихи 11 июни соли 2025 дар қароргоҳи ЮНЕСКО (Париж, Фаронса) бо ибтикори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва анҷумани “Рӯдакӣ” дар ҳамкорӣ бо ЮНЕСКО конфаронси байналмилалии илмӣ зери унвони “700 сол бо Ҳофиз” баргузор гардид.

Дар конфаронс донишмандон аз кишварҳои Тоҷикистон, Эрон, Фаронса, Афғонистон, ИМА, Покистон, Белгия, Ҳоланд, Қазоқистон, Озарбойҷон, Бангладеш ба таври ҳузурӣ ва видеоӣ суханронӣ карданд.

Раиси ҷаласаи якуми ин конфаронси бонуфузи байналмилалӣ дар мавзуи “Рӯйкардҳои мавзуӣ ва татбиқии ғазалиёти Ҳофиз” ба зиммаи узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, сардори шуъбаи тарҷумаи дастгоҳи роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон Ҳасани Султон ва донишманди машҳури Фаронса, профессор Франсис Ришар вогузор шуда буд. Ҳасани Султон ҳамчунин дар ин конфаронс дар мавзуи “Бозтоби устура ва таърих дар сурудаҳои Хоҷа Ҳофиз” суханронӣ кард

Суханронии ӯ, ки аз тарафи иштирокдорони конфаронс истиқболи гарм ёфт, бо таъйиди матлаби зер ба анҷом расид: “Дар маҷмуъ, паёми Хоҷа ба мо аз таърихи гузаштагон ва ёдкарди чеҳраҳои маъруфи устураву таърих таъкиди ин ҳақиқат аст, ки танҳо фирефтаи гузаштаи пурифтихори “*аз гавҳари Ҷамшеду Фаридун*” набояд буд, балки гавҳари зотии худро ошкор ва ба маърази назарҳо бояд гузошт:

*Тоҷи шоҳӣ талабӣ, гавҳари*
*зотӣ бинамой*
*В-ар худ аз гавҳари Ҷамшеду*
*Фаридун бошӣ.*

Ин паёми ҳувиятсози Ҳофиз воқеан ҳушдорест, ки мо – тоҷиконро дар рӯзгори Истиқлол ва давлатдории миллӣ ба зоҳир кардани гавҳари зотӣ ва ба ин васила расидан на танҳо ба асли худ, балки ба имрӯзсозию фардосозии шоиставу боиста фаро мехонад”.

Яке аз иштирокдорони ин конфаронс, донишманди маъруфи Эрон Муҳаммадҷаъфари Ёҳақӣ дар гузориши худ, ки дар матбуоти Ҷумҳурии Исломии Эрон ба нашр расонд, ёдовар шудааст, ки “Тоҷикистон бо ҳузуре пуррангу ҳамаҷониба... Ҳофизро амалан ба Порис овард”. Ин донишманд дар охири гузориши худ таъкид кардааст, ки “қироати шеъри Ҳасани Султон – шоири муосири тоҷик, ки дар поёни ҷаласа хонда шуд, сафари маҷозии Ҳофизро бештар дар хотираҳо нишонд:

*Ишқ дар пардаи “Шаҳноз”*
*ба Порис омад,*
*Ҳотифи анҷумани роз*
*ба Порис омад.*
*Рафт овозаи ин ҷамъ чу*
*бар базми малак,*
*Ҷибриил аз раҳи парвоз*
*ба Порис омад.*
*Шонз-Элизаи Порис*
*Мусаллост дигар,*
*Хоҷа аз гулшани Шероз*
*ба Порис омад.*
*Гарчи аз хиттаи Шероз*
*намерафт бурун,*
*Хоҷа сармасту сарафроз*
*ба Порис омад.*
*Лафзи шаккаршикани*
*форсии тоҷикӣ*
*Бо ҳама шавкату эъҷоз*
*ба Порис омад.*
*Мутрибо, парда магардону*
*мазан роҳи дигар,*
*Ишқ дар пардаи “Шаҳноз”*
*ба Порис омад”.*

**"БТҶ"**

# Эътирофи байналмилалӣ ва ҷоизаи WOMANi




Моҳи майи соли 2025 дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон Форуми байналмилалии молия ва тиҷорати исломӣ (Islamic Finance and Business Forum) баргузор гардид, ки бо ибтикори Ассотсиатсияи молия ва тиҷорати исломӣ (AIFB), Агентии коммуникатсионии TIDAM ва Маркази байналмилалии молиявии "Остона" созмон дода шуд.

Дар ин ҳамоиши сатҳи баланд намояндагони мақомоти танзимгари низоми бонкии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Федератсияи Россия, намояндагони ташкилотҳои молиявии исломии минтақа, созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва коршиносони варзида ширкат намуданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар форум Кибриё Уроқова, сардори шуъбаи назорати бонкдории исломии Департаменти назорати бонкии Бонки миллии Тоҷикистон, ба таври фосилавӣ намояндагӣ кард.

### Мавзуъҳои муҳимми иқтисодию молиявӣ ва нақши бонувон дар рушди молияи исломӣ

Дар рафти форум масъалаҳои мубрами минтақа, аз ҷумла иқтисодиёт, савдо, нақлиёт, энергетика, сайёҳӣ, технологияҳои рақамӣ ва молиявӣ мавриди баррасии густурда қарор гирифтанд. Иштирокдорон дар бахшҳои гуногун, махсусан дар самти рушди молияи исломӣ, нақши танзимгарон ва саҳми занони мутахассис аз кишварҳои минтақа табодули афкору таҷриба намуданд.

### Ҷоиза ба занони бонуфуз ва фаъол дар соҳаи молия ва тиҷорати исломӣ

Дар идомаи ҳамоиш зери сарпарастии Cambridge IFA маросими супоридани ҷоизаи WOMANi-Women in Islamic Business&Finance доир гардида, намояндагони беҳтарини минтақа бо ҷоиза ва мукофотҳо қадрдонӣ карда шуданд.

Дар доираи форум, бо ташаббуси Cambridge IFA маросими тақдими ҷоизаи байналмилалии WOMANi – Women in Islamic Business & Finance баргузор гардид. Ин ҷоиза ба занони бонуфуз ва фаъол дар соҳаи молия ва тиҷорати исломӣ супорида мешавад.

Бо камоли ифтихор, Кибриё Уроқова - намояндаи Бонки миллии Тоҷикистон - барои саҳми назаррас дар ташаккули низоми танзим ва назорати ташкилотҳои қарзии исломӣ, ҳамчунин иштироки фаъол дар таҳияи стандартҳои байналмилалии молияи исломӣ дар ҳайати гурӯҳи кории Шурои хизматрасонии молияи исломӣ (IFSB), сазовори унвони "Бонуи соҳибкасби соли 2025" гардида, ба ҳайси яке аз занони бонуфузтарини соҳаи молия ва тиҷорати исломӣ дар минтақаи кишварҳои ИДМ эътироф шуд.

### Эътирофи арзишманд ва дастоварди ифтихорӣ

Ин ҷоиза ва эътироф на танҳо комёбии намояндаи Тоҷикистон, балки қадами муҳим дар муаррифии таҷрибаи кишвар дар соҳаи молияи исломӣ дар сатҳи байналмилалӣ маҳсуб меёбад. Ҳамзамон, ин дастовард шаҳодати баланд шудани нақши мутахассисони тоҷик, бахусус бонувон дар низоми молиявӣ ва рушди устувори бонкдории исломӣ мебошад.

"БТҶ"

# Баланд бардоштани сатҳи тахассуси кормандон тавассути омӯзиш ва табодули таҷриба





## Сертификатҳо ба хатмкунандагони Барномаи гузариши иқлимӣ супорида шуданд

2 апрели соли 2025, дар Бонки миллии Тоҷикистон маросими супоридани сертификатҳо ба хатмкунандагони Барномаи гузариши иқлимӣ бо иштироки раиси БМТ Фирдавс Толибзода, роҳбари намояндагии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) дар Тоҷикистон Ҳолгер Вифел, роҳбарону намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ баргузор гардид.

Ҳадафи асосии барнома - баланд бардоштани дониш ва малакаи мутахассисони молиявӣ оид ба идоракунии хавфҳои иқлимӣ ва маблағгузории сабз - дар замоне, ки масъалаҳои иқлим ба иқтисоди миллӣ бетаъсир нестанд, аҳаммияти ҳаётан муҳим дорад.

Зикр шуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба масъалаҳои молиягузории сабз, устувории иқтисодӣ ва амнияти экологӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои байналмилалии молиявӣ ҷиҳати пешбурди ташаббусҳои сабз саҳмгузорӣ доранд.

Дар идомаи ҳамоиш, намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ -иштирокдори барнома - аз ҷумла КВД “Амонатбонк”, Бонки “Эсхата”, Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон, Бонки “Арванд”, ТАҚХ “Имон Интернешнл” ва ТАҚХ “Хумо” - таҷрибаи татбиқи тадбирҳои ESG ва нақшаҳои минбаъдаи худро муаррифӣ намуданд.

Дар анҷоми чорабинӣ, ба хатмкунандагони дарсҳои маҳорати Барномаи гузариши иқлимӣ сертификатҳо аз ҷониби роҳбарияти БМТ ва БАТР супорида шуд, ки аз омодагии онҳо барои татбиқи амалии донишҳои дар самти гузариши иқлимӣ андӯхташуда дарак медиҳад.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода зимни суханронии ҷамъбастӣ таъкид намуд, ки барномаи мазкур танҳо ташаббуси омӯзишӣ набуда, балки як воситаи стратегии таҳкими устувории бахши молиявӣ мебошад. Он ба муассисаҳои молиявӣ дар мутобиқшавӣ ба чолишҳои иқлимии ҷаҳонӣ ва дар ташаккули усулҳои устувори идоракунии хавфҳои иқлимӣ мусоидат мекунад.

Дар охир, хатмкунандагон сертификатҳои расмӣ ба даст оварданд, ки бозгӯи омодагии онҳо барои татбиқи амалии донишҳои дар самти гузариши иқлимӣ андӯхташуда мебошанд.

## Омӯзиши сатҳи баланд оид ба маблағгузорӣ ва суғуртакунии хавфҳои офатҳои табиӣ

7 апрели соли 2025, ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ дар Барномаи омӯзишӣ барои роҳбарони сатҳи баланд оид ба маблағгузорӣ ва суғуртакунии хавфҳои вобаста ба иқлим ва офатҳои табиӣ ширкат варзид. Барнома дар Академияи Бонки

Ҷаҳонӣ дар шаҳри Истамбули Ҷумҳурии Туркия баргузор гардид.

Муовини раиси БМТ Сироҷиддин Икромӣ дар




панели дуюм баромад намуда, дидгоҳи Тоҷикистонро оид ба хавфҳои иқлим ва офатҳои табиӣ, инчунин дастовардҳо, афзалиятҳо ва ҳадафҳои миллии коҳиши хавфҳо муаррифӣ намуд. Вай инчунин ба чораҳои амалии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт таъкид кард.

Дар доираи барнома, намояндагони 15 кишвари ҷаҳон оид ба механизмҳои молиявии муосир, аз ҷумла механизми маблағгузории хавфҳои офатҳои табиӣ (Disaster Risk Financing – DRF) табодули таҷриба ва афкор анҷом доданд.

## Семинари омӯзишӣ оид ба ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои захиравии суғуртавӣ

**21** апрели 2025 дар Бонки миллии Тоҷикистон бо иштироки сармуҳосибон ва шахсони масъули ташкилотҳои суғуртавӣ семинари омӯзишӣ баргузор шуд. Дар он муқаррароти нави “Тартиб ва меъёрҳои тарҳи ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои захиравии суғуртавӣ” муаррифӣ гардид.

Ҳадафи асосӣ - таъмини устувории молиявӣ, пардохтпазирии муассир ва мутобиқшавӣ ба стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи суғурта мебошад.

## Семинари минтақавӣ оид ба сиёсати пулию қарзӣ дар шароити муосир



**21–23** апрели 2025 дар маркази таълимии Бонки миллӣ (ш. Гулистон) семинари минтақавӣ бо иштироки намояндагони бонкҳои марказии Қазоқистон, Беларус, Россия ва Тоҷикистон баргузор гардид.

Мавзуъҳои муҳимми рӯз - таҷрибаи татбиқи воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ, механизми дурнамои пардохтпазирӣ, нақши коммуникатсия ва модернизатсияи захираҳои ҳатмӣ мавриди муҳокима ва табодули таҷриба қарор гирифтанд. Иштирокдорон сертификатҳои хатм гирифтанд.

## Рӯнамоӣ оид ба модернизатсияи захираҳои ҳатмӣ



**11** июни соли 2025 дар Бонки миллии Тоҷикистон рӯнамоии омӯзишӣ таҳти унвони “Модернизатсияи захираҳои ҳатмӣ – замина барои сиёсати самараноки пулию қарзӣ” баргузор шуд.

Дар чорабинӣ намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо механизми нави миёнакунонии захираҳои ҳатмӣ шинос шуданд, ки он ба идоракунии пардохтпазирӣ, тақвияти бозори байнибонкӣ ва гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррум мусоидат мекунад.

**Хулоса:** Ин омӯзишҳо ва табодули таҷрибаҳо бахше аз талошҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар самти баланд бардоштани савияи касбӣ, самаранокии танзим ва устувории низоми молиявии кишвар мебошанд.

**"БТҶ"**

# ВАШ ФИНАНСОВЫЙ СТАТУС — У ВАС В КАРМАНЕ




### Кто стоит за приложением My CRIF TJK?

Финансовая прозрачность и доверие — ключевые ценности современной экономики. Важнейшую роль в этом процессе играет бюро кредитных историй. В Таджикистане с 2012 года действует - первое частное бюро кредитных историй **ООО БКИ “Криф Таджикистан”,** создано оно при участии ведущих банков и микрофинансовых организаций республики, а также входит в международную группу **CRIF (Италия)** — глобального лидера в сфере кредитных информационных решений, представленного более чем в 50 странах.

Главная задача Бюро — сбор, хранение и анализ кредитной информации о физических и юридических лицах. На основе этих данных формируются кредитные истории, которые банки и другие финансовые учреждения используют для оценки платёжеспособности своих клиентов. Таким образом, Бюро служит связующим звеном между заемщиком и кредитором, обеспечивая прозрачность, безопасность и объективность в финансовых решениях.

Однако с ростом потребностей клиентов и развитием цифровых решений стало очевидно: людям нужно не только знать о существовании кредитной истории, но и иметь к ней оперативный доступ, чтобы управлять ею самостоятельно.

### My CRIF TJK — цифровой ключ к вашей финансовой истории

В ответ на эту потребность ООО БКИ “Криф Таджикистан” запустило мобильное приложение My CRIF TJK — инновационную цифровую платформу, разработанную специально для граждан Таджикистана. Это приложение позволяет любому человеку легко и быстро получить доступ к своей кредитной истории, кредитному рейтингу и множеству полезных аналитических данных.

My CRIF TJK - это персональный инструмент контроля за собственной финансовой репутацией. Пользователи могут не только узнавать, как их оценивают банки, но и влиять на свою кредитную судьбу.

### Для чего нужно это приложение?

Цель My CRIF TJK проста: **дать каждому гражданину страны полную финансовую осведомлённость** и возможности для самостоятельного управления своей кредитной историей.

**Приложение позволяет:**

- Получить доступ **к вашей кредитной истории** — просмотреть все текущие и завершённые

кредиты, даты платежей, информацию о просрочках (если они были).
- Проверить **персональный кредитный рейтинг** (скоринг) — оценку вашей надёжности как заемщика.
- Получать **уведомления о любых изменениях** — например, если банк сделал запрос или появилась новая запись.
- Защититься от мошенничества — приложение уведомит, если кто-то попытается получить кредит от вашего имени.
- Подать **обращение или оспаривание**, если вы нашли неточности в истории.

Таким образом, My CRIF TJK — это и инструмент мониторинга, и средство защиты, и способ повысить финансовую грамотность.

### Что внутри: ключевые функции приложения

Приложение имеет удобный и понятный интерфейс. Даже если вы впервые слышите про “кредитную историю”, разобраться будет легко.

**Функциональные возможности My CRIF TJK:**
- **Кредитная история** — список всех кредитов, информация об обязательствах, датах погашения и просрочках.
- **Кредитный рейтинг** — числовой показатель, формируемый на основе вашей платёжной дисциплины.
- **История запросов** — кто и когда обращался за вашей кредитной информацией.
- **Уведомления в реальном времени** — вы сразу узнаете, если в истории что-то изменилось.
- **Поддержка и помощь** — возможность отправить обращение, задать вопрос, инициировать оспаривание.

### Кому полезно My CRIF TJK?

Это приложение — универсальный инструмент, подходящий для самых разных категорий пользователей:
- **Тем, кто планирует взять кредит** — чтобы узнать свои шансы на одобрение и подготовиться заранее.
- **Тем, кто уже обслуживает кредиты** — чтобы следить за статусом своих обязательств и рейтингом.
- **Тем, кто хочет повысить свой кредитный балл** — приложение подскажет, какие действия влияют на рейтинг положительно.
- **Тем, кто заботится о финансовой безопасности** — чтобы защититься от попыток мошенничества.

Даже если вы никогда не брали кредит — ваш файл в Бюро может уже существовать, например, если банк проверял вас по запросу. Поэтому важно контролировать его содержание.

### Как начать пользоваться?

Запустить My CRIF TJK и получить доступ к своим данным просто. Всё происходит онлайн, без необходимости посещения офиса.

**Алгоритм подключения:**
1. Установите приложение из App Store или Google Play.
2. Введите номер телефона и подтвердите его через SMS.
3. Установите пароль для входа.
4. Пройдите идентификацию — загрузите паспорт и сделайте селфи.
5. Оплатите подписку — и пользуйтесь всеми функциями.

Сервис работает на русском и таджикском языках.

### Надёжность и защита данных

ООО БКИ “Криф Таджикистан” применяет строгие меры безопасности в соответствии с международными стандартами.
- Приложение использует двухфакторную **аутентификацию**.
- Все данные **зашифрованы** и передаются по защищённым каналам.
- Никто, кроме вас, не имеет доступа к информации.
- **Каждое обращение в историю фиксируется** и видно только вам.

Ваши данные — это ваша собственность, и вы имеете полный контроль над тем, кто и когда их запрашивает.

### Почему оно важно?

Ваша кредитная история существует независимо от того, знаете вы о ней или нет. Но только вы можете её контролировать и управлять ею.

**My CRIF TJK позволяет:**
- держать свою финансовую репутацию под контролем;
- быть первым, кто узнаёт о любых изменениях;
- защитить себя от ошибок и мошенничества;
- понимать, как улучшить условия кредитования.

**Равшан Шарипов,**
**ООО БКИ “Криф Таджикистан”**



# Иҷозатномаҳо

SENDY

### Дар бораи ҶДММ "Цифровой Платёж"

Бо қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ" ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Цифровой Платёж" барои фаъолияти оператори низоми пардохтии "Sendy" иҷозатнома дода шуд.

TAJIK AIR

### Дар бораи ҶСК "Тоҷик Эйр"

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" ва Дастурамали №251 "Дар бораи соҳаи истифода, тартиби муомилоти асъори хориҷӣ, тартиб ва қоидаҳои додан ва бозхонд намудани иҷозатнома барои фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёти асъорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, ба Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Тоҷик Эйр" барои фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ иҷозатнома дода шуд.

Иҷозатномаи Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Тоҷик Эйр" №03/21, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 26 марти соли 2021, №49 ҷиҳати анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ дода шудааст, аз эътибор соқит дониста шуд.

RSM

### Дар бораи ҶДММ "РСМ Тоҷикистон"

Бо қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" ва Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "РСМ Тоҷикистон" ҷиҳати фаъолияти аудиторӣ барои аудити ташкилотҳои суғуртавӣ иҷозатнома дода шуд.

Идораи назорати суғуртавӣ барои дар Феҳристи ташкилотҳои аудитории дорои ҳуқуқи анҷом додани аудити ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва Феҳристи ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатномадиҳидошта ворид намудани сабти дахлдор ухдадор гардид.

### Дар бораи ҶСК "Меҳмонсарои Тоҷикистон"

Бо қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" ва Дастурамали №251 "Дар бораи соҳаи истифода, тартиби муомилоти асъори хориҷӣ, тартиб ва қоидаҳои додан ва бозхонд намудани иҷозатнома барои фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёти асъорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Меҳмонсарои Тоҷикистон" барои фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ аз рӯи намуди хизматрасонӣ ба ғайрирезидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар меҳмонхонаи "Меҳмонсарои Тоҷикистон" иҷозатнома дода шуд.

Иҷозатномаи Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Меҳмонсарои Тоҷикистон" №08/21, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 09 декабри соли 2021, №190 ҷиҳати анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ дода шудааст, аз эътибор соқит дониста шуд.

easypay

### Дар бораи "ПАРДОХТИ ОСОН"

Бо қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ" ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "ПАРДОХТИ ОСОН" барои фаъолияти оператори низоми пардохтии "EASY PAY" иҷозатнома дода шуд.

Ganj Moliya

### Дар бораи ҶДММ ТАҚХ "ГАНҶ МОЛИЯ"

Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, мутобиқи

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти амонатии қарзии хурд “ГАНҶ МОЛИЯ” ҷиҳати анҷом додани амалиёти бонкӣ иҷозатнома дода шуд.

▼

**Дар бораи ҶДММ “Моор Стивенс”**

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” ва Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Моор Стивенс” ҷиҳати фаъолияти аудиторӣ барои аудити ташкилотҳои суғуртавӣ иҷозатнома дода шуд.

Идораи назорати суғуртавӣ уҳдадор гардид, ки дар Феҳристи ташкилотҳои аудитории дорои ҳуқуқи анҷом додани аудити ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва Феҳристи ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта сабти дахлдорро ворид намояд.

▼

**Дар бораи низоми пардохтии “Вестерн Юнион”**

Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ва дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ”, бинобар сабаби тағйир ёфтани суроғаи ҳуқуқии Вестерн Юнион Нетворк (Фаронса) (Western Union Network France) барои фаъолияти оператори низоми пардохтии “Вестерн Юнион” тавассути азнавбарасмиятдарорӣ иҷозатнома дода шуд.

▼

**Дар бораи ҶДММ “Ташкилоти суғуртавии Бохтар Иншуренс”**

Тибқи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ”, “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ”, “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” ва Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Ташкилоти суғуртавии Бохтар Иншуренс” иҷозатнома барои машғул шудан ба фаъолияти суғуртавӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуд.

▼

**Дар бораи ҶДММ ТАҚХ “Доро Пей”**

Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” бинобар тағйир ёфтани маҳалли ҷойгиршавии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти амонатии қарзии хурди “Доро Пей” тавассути азнавбарасмиятдарорӣ ҷиҳати анҷом додани амалиёти бонкӣ иҷозатнома дода шуд.

▼

**Дар бораи ҶДММ “Ширкати ҳавопаймоии Сомон Эйр”**

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” ва Дастурамали №251 “Дар бораи соҳаи истифода, тартиби муомилоти асъори хориҷӣ, тартиб ва қоидаҳои додан ва бозхонд намудани иҷозатнома барои фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёти асъорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Ширкати ҳавопаймоии Сомон Эйр” барои фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ аз рӯйи намуди хизматрасонии (фаъолияти) махсус иҷозатнома дода шуд.

Иҷозатномаи ҶДММ “Ширкати ҳавопаймоии Сомон Эйр” №01/22, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 08 июни соли 2022, №63 ҷиҳати анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ дода шудааст, аз эътибор соқит дониста шуд.

## Бозхонд

**Дар бораи оператори низоми пардохтии “CONTACT”**

Тибқи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” бинобар қатъ гардидани фаъолияти низоми пардохтии “CONTACT”, иҷозатномаи Ҷамъияти саҳомии КИВИ БОНК барои фаъолияти оператори низоми пардохтӣ бозхонд карда шуд.

Департаменти низоми пардохт уҳдадор гардид, ки дар Феҳристи операторони низоми пардохтӣ ва Феҳристи ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта сабти дахлдорро ворид намояд.

# ҲИСОБОТИ БОНКҲО

## ВА ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР






## ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2025 (МЛН. СОМОНӢ)

| ДОРОИҲО | | | | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 30.06.2024 | 30.06.2025 | Тағйирот нисбати 30.06.2024 номиналӣ | Тағйирот нисбати 30.06.2024 нисбӣ |
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 7 960,1 | 9 595,4 | 1 635,3 | 20,5% |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 6 471,8 | 7 362,9 | 891,1 | 13,8% |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 4 994,2 | 4 720,3 | -273,9 | -5,5% |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 3 231,5 | 4 596,2 | 1 364,7 | 42,2% |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 2 269,7 | 4 272,6 | 2 002,9 | 88,2% |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 2 030,3 | 2 841,3 | 811,0 | 39,9% |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 1 625,8 | 2 672,7 | 1 046,9 | 64,4% |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 1 814,3 | 2 634,8 | 820,5 | 45,2% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 1 428,5 | 1 720,0 | 291,5 | 20,4% |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 927,3 | 1 353,1 | 425,8 | 45,9% |
| ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон" | 1 166,1 | 1 336,1 | 170,0 | 14,6% |
| ҶСП "Актив Бонк" | 510,4 | 547,9 | 37,5 | 7,4% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 111,9 | 204,4 | 92,5 | 82,7% |
| Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 124,4 | 112,1 | -12,3 | -9,9% |
| ҶСП "Фридом Бонк Тоҷикистон" | 0,0 | 91,9 | 91,9 | 100,0% |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | 318,7 | 362,2 | 43,5 | 13,6% |




## ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2025 (МЛН. СОМОНӢ)

### УҲДАДОРИҲО

| НОМГӮИ БОНКҲО | 30.06.2024 | 30.06.2025 | Тағйирот нисбати 30.06.2024 | |
|---|---|---|---|---|
| | | | номиналӣ | нисбӣ |
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 7 041,0 | 8 562,5 | 1 521,5 | 21,6% |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 5 473,0 | 6 057,4 | 584,4 | 10,7% |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 2 797,4 | 3 872,8 | 1 075,3 | 38,4% |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 2 012,8 | 3 821,6 | 1 808,8 | 89,9% |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 3 525,5 | 3 116,0 | -409,5 | -11,6% |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 1 753,3 | 2 425,3 | 672,1 | 38,3% |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 1 402,7 | 2 308,5 | 905,8 | 64,6% |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 1 464,0 | 2 235,4 | 771,4 | 52,7% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 1 196,9 | 1 447,2 | 250,3 | 20,9% |
| ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон" | 913,4 | 1 059,6 | 146,1 | 16,0% |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 338,2 | 689,5 | 351,2 | 103,9% |
| ҶСП "Актив Бонк" | 406,5 | 433,5 | 27,0 | 6,7% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 56,0 | 144,2 | 88,1 | 157,3% |
| Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 81,0 | 64,5 | -16,4 | -20,3% |
| ҶСП "Фридом Бонк Тоҷикистон" | 0,0 | 3,7 | 3,7 | 100,0% |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | 196,7 | 203,5 | 6,8 | 3,5% |




## ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2025 (МЛН. СОМОНӢ)

| НОМГӮИ БОНКҲО | 30.06.2024 | 30.06.2025 | САРМОЯ — Тағйирот нисбати 30.06.2024 | |
|---|---|---|---|---|
| | | | номиналӣ | нисбӣ |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 1 468,7 | 1 604,3 | 135,7 | 9,2% |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 998,8 | 1 305,5 | 306,7 | 30,7% |
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 919,1 | 1 032,9 | 113,8 | 12,4% |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 434,0 | 723,4 | 289,4 | 66,7% |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 589,1 | 663,6 | 74,5 | 12,7% |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 256,8 | 451,0 | 194,1 | 75,6% |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 277,0 | 416,0 | 139,0 | 50,2% |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 350,3 | 399,4 | 49,1 | 14,0% |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 223,2 | 364,2 | 141,1 | 63,2% |
| ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон" | 252,7 | 276,6 | 23,9 | 9,5% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 231,7 | 272,8 | 41,2 | 17,8% |
| ҶСП "Актив Бонк" | 103,9 | 114,4 | 10,5 | 10,1% |
| ҶСП "Фридом Бонк Тоҷикистон" | 0,0 | 88,2 | 88,2 | 100,0% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 55,8 | 60,2 | 4,3 | 7,8% |
| Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 43,4 | 47,6 | 4,1 | 9,5% |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | 122,0 | 158,7 | 36,7 | 30,1% |




## ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2025 (МЛН. СОМОНӢ)

### БАҚИЯИ САНДУҚИ ҚАРЗӢ

| НОМГӮИ БОНКҲО | 30.06.2024 | 30.06.2025 | Тағйирот нисбати 30.06.2024 | |
|---|---|---|---|---|
| | | | номиналӣ | нисбӣ |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 3 383,5 | 4 451,3 | 1 067,8 | 31,6% |
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 2 190,6 | 2 941,4 | 750,7 | 34,3% |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 3 690,3 | 2 739,1 | -951,1 | -25,8% |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 1 100,0 | 1 505,1 | 405,1 | 36,8% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 1 116,5 | 1 486,9 | 370,4 | 33,2% |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 682,6 | 1 122,2 | 439,5 | 64,4% |
| ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон" | 718,6 | 879,7 | 161,1 | 22,4% |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 771,9 | 800,8 | 28,9 | 3,7% |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 676,7 | 738,6 | 61,8 | 9,1% |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 499,9 | 551,5 | 51,6 | 10,3% |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 96,7 | 174,2 | 77,5 | 80,2% |
| ҶСП "Актив Бонк" | 78,5 | 148,7 | 70,1 | 89,3% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 39,8 | 67,7 | 27,8 | 69,9% |
| Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 27,5 | 28,5 | 1,0 | 3,5% |
| ҶСП "Фридом Бонк Тоҷикистон" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0% |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | 150,6 | 187,3 | 36,7 | 24,4% |




## ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2025 (МЛН. СОМОНӢ)

| НОМГӮИ БОНКҲО | 30.06.2024 | 30.06.2025 | ◙ БАҚИЯИ АМОНАТҲО<br>Тағйирот нисбати 30.06.2024<br>номиналӣ | нисбӣ |
|---|---|---|---|---|
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 5 838,7 | 7 688,1 | 1 849,3 | 31,7% |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 3 258,3 | 4 334,2 | 1 075,9 | 33,0% |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 2 324,9 | 3 240,1 | 915,3 | 39,4% |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 1 438,6 | 2 867,7 | 1 429,1 | 99,3% |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 1 249,9 | 2 096,8 | 846,9 | 67,8% |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 1 765,3 | 1 952,4 | 187,1 | 10,6% |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 1 123,4 | 1 537,8 | 414,4 | 36,9% |
| ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон" | 835,3 | 909,0 | 73,7 | 8,8% |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 642,7 | 787,4 | 144,7 | 22,5% |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 260,3 | 583,8 | 323,5 | 124,3% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 326,8 | 468,0 | 141,2 | 43,2% |
| ҶСП "Актив Бонк" | 187,5 | 255,9 | 68,4 | 36,5% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 48,9 | 125,8 | 76,9 | 157,3% |
| Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 28,1 | 63,0 | 34,8 | 123,9% |
| ҶСП "Фридом Бонк Тоҷикистон" | 0,0 | 1,9 | 1,9 | 100,0% |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | 117,2 | 81,5 | -35,7 | -30,5% |




## ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2025 (МЛН. СОМОНӢ)

### ФОИДА/ЗАРАР

| НОМГӮИ БОНКҲО | 30.06.2024 | 30.06.2025 | Тағйирот нисбати 30.06.2024 номиналӣ | Тағйирот нисбати 30.06.2024 нисбӣ |
|---|---|---|---|---|
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 119,9 | 249,3 | 129,4 | 107,9% |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 219,0 | 218,8 | -0,2 | -0,1% |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 88,2 | 207,0 | 118,8 | 134,6% |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 16,6 | 88,9 | 72,2 | 435,2% |
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 69,5 | 76,9 | 7,5 | 10,8% |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 23,7 | 48,0 | 24,3 | 102,3% |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 27,9 | 29,1 | 1,3 | 4,6% |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 21,8 | 26,7 | 4,9 | 22,6% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 13,0 | 25,3 | 12,3 | 94,8% |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 32,4 | 18,9 | -13,4 | -41,5% |
| ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон" | 15,9 | 13,2 | -2,7 | -17,1% |
| ҶСП "Актив Бонк" | 1,6 | 5,9 | 4,3 | 274,3% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 0,2 | 2,0 | 1,8 | 933,0% |
| Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 1,8 | 1,5 | -0,3 | -15,6% |
| ҶСП "Фридом Бонк Тоҷикистон" | 0,0 | -9,3 | -9,3 | -100,0% |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | 0,6 | 6,3 | 5,7 | 977,9% |



| ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2025 (ҲАЗОР СОМОНӢ) | | | ◘ ДОРОИҲО | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ | 30.06.2024 | 30.06.2025 | Тағйирот нисбати 30.06.2024 | |
| | | | (бо маблағ) | (бо фоиз) |
| ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" | 261 357,3 | 327 317,7 | 65 960,4 | 25,2% |
| ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" | 190 955,9 | 247 894,3 | 56 938,4 | 29,8% |
| ҶДММ "ТС Бима" | 174 214,7 | 204 114,2 | 29 899,5 | 17,2% |
| КВД "Тоҷиксуғурта" | 60 939,9 | 57 001,5 | -3 938,4 | -6,5% |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 42 876,3 | 85 880,8 | 43 004,5 | 100,3% |
| ҶДМ "ТС "Муин"" | 16 187,5 | 13 741,2 | -2 446,3 | -15,1% |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 14 809,9 | 15 655,9 | 846,0 | 5,7% |
| ҶДММ "ТС "Меҳнат"" | 11 728,9 | 7 891,0 | -3 837,9 | -32,7% |
| ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт" | 7 011,9 | 6 706,3 | -305,6 | -4,4% |
| ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта" | 5 575,0 | 5 118,5 | -456,6 | -8,2% |
| ҶДММ "ТС Итминон" | 4 652,4 | 3 470,1 | -1 182,3 | -25,4% |
| ҶДММ "ТС Такаффул" | 4 247,1 | 5 910,4 | 1 663,3 | 39,2% |
| ҶДММ "Суғуртаи асри 21" | 3 175,3 | 2 187,6 | -987,7 | -31,1% |
| ҶДММ "ТС Сипаҳр" | 2 566,6 | 3 248,5 | 681,9 | 26,6% |
| ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 1 695,8 | 2 145,9 | 450,1 | 26,5% |
| ҶДММ “Бохтар Иншуренс” | 0,0 | 25 168,0 | 25 168,0 | - |
| ҶДММ "Суғуртаи Шарқ" * | 59,3 | 0,0 | -59,3 | - |
| **Ҳамагӣ** | **802 053,8** | **1 013 451,9** | **211 398,2** | **26,4%** |

**Эзоҳ:** *Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 10.02.с.2025, №27 иҷозатномаи ФС №0000023 ҶДММ "Суғуртаи Шарқ" бинобар сабаби барҳамдиҳии ихтиёрӣ бекор карда шуд.



| ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2025 (ҲАЗОР СОМОНӢ) | | | УХДАДОРИҲО | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ | 30.06.2024 | 30.06.2025 | Тағйирот нисбати 30.06.2024 (бо маблағ) | (бо фоиз) |
| ҶДММ "ТС Бима" | 153 212,7 | 125 853,8 | -27 358,9 | -17,9% |
| ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" | 70 989,3 | 93 096,6 | 22 107,3 | 31,1% |
| КВД "Тоҷиксуғурта" | 49 156,5 | 23 013,0 | -26 143,5 | -53,2% |
| ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" | 32 638,1 | 32 205,6 | -432,5 | -1,3% |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 30 639,3 | 44 126,3 | 13 487,0 | 44,0% |
| ҶДММ "ТС "Меҳнат"" | 8 443,6 | 5 622,0 | -2 821,6 | -33,4% |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 4 370,8 | 6 525,5 | 2 154,7 | 49,3% |
| ҶДММ "ТС Такаффул" | 3 211,4 | 4 564,7 | 1 353,3 | 42,1% |
| ҶДММ "ТС Эсхата Суғурта" | 2 894,6 | 1 669,1 | -1 225,5 | -42,3% |
| ҶДММ "Суғуртаи асри 21" | 2 273,8 | 70,7 | -2 203,1 | -96,9% |
| ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт" | 1 767,3 | 1 335,5 | -431,8 | -24,4% |
| ҶДММ "ТС Итминон" | 1 741,1 | 873,2 | -867,9 | -49,8% |
| ҶДММ "ТС "Муин" | 721,6 | 1 048,0 | 326,4 | 45,2% |
| ҶДММ "ТС Сипаҳр" | 434,9 | 782,5 | 347,6 | 79,9% |
| ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 62,9 | 145,9 | 83,0 | 2,3 мар. |
| ҶДММ "Бохтар Иншуренс" | 0,0 | 5 128,0 | 0,0 | - |
| ҶДММ "Суғуртаи Шарқ" | 0,6 | 0,0 | -0,6 | - |
| **Ҳамагӣ** | **362 558,5** | **346 060,4** | **-16 498,1** | **-4,6%** |



## ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2025 (ҲАЗОР СОМОНӢ)

### ◙ САРМОЯ

| НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ | 30.06.2024 | 30.06.2025 | Тағйирот нисбати 30.06.2024 (бо маблағ) | Тағйирот нисбати 30.06.2024 (бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|
| ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" | 190 368,0 | 234 221,1 | 43 853,1 | 23,0% |
| ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" | 158 317,8 | 215 688,7 | 57 370,9 | 36,2% |
| ҶДММ "ТС Бима" | 21 002,0 | 78 260,4 | 57 258,4 | 3,7 мар. |
| ҶДММ "ТС "Муин" | 15 465,9 | 12 693,2 | -2 772,7 | -17,9% |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 12 237,0 | 41 754,5 | 29 517,5 | 3,4 мар. |
| КВД "Тоҷиксуғурта" | 11 783,4 | 33 988,5 | 22 205,1 | 2,9 мар. |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 10 439,1 | 9 130,4 | -1 308,7 | -12,5% |
| ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт" | 5 244,6 | 5 370,8 | 126,2 | 2,4% |
| ҶДММ "ТС "Меҳнат"" | 3 285,3 | 2 269,0 | -1 016,3 | -30,9% |
| ҶДММ "ТС Итминон" | 2 911,3 | 2 596,9 | -314,4 | -10,8% |
| ҶДММ "ТС Эсхата Суғурта" | 2 680,4 | 3 449,4 | 769,0 | 28,7% |
| ҶДММ "ТС Сипаҳр" | 2 131,7 | 2 466,0 | 334,3 | 15,7% |
| ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 1 632,9 | 2 000,0 | 367,1 | 22,5% |
| ҶДММ "ТС Такаффул" | 1 035,7 | 1 345,7 | 310,0 | 29,9% |
| ҶДММ "Суғуртаи асри 21" | 901,5 | 2 116,9 | 1 215,4 | 2,3 мар. |
| ҶДММ "Бохтар Иншуренс" | 0,0 | 20 040,0 | 20 040,0 | - |
| ҶДММ "Суғуртаи Шарқ" | 58,7 | 0,0 | -58,7 | - |
| **Ҳамагӣ** | **439 495,3** | **667 391,6** | **227 896,3** | **51,9%** |



## ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2025 (ҲАЗОР СОМОНӢ)

**◙ ВОРИДОТИ МУКОФОТ**

| НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ | 30.06.2024 | 30.06.2025 | Тағйирот нисбати 30.06.2024 (бо маблағ) | Тағйирот нисбати 30.06.2024 (бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|
| ҶДММ "ТС Бима" | 60 353,7 | 40 637,2 | -19 716,5 | -32,7% |
| ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" | 50 002,7 | 66 357,7 | 16 355,0 | 32,7% |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 26 523,5 | 39 009,0 | 12 485,5 | 47,1% |
| КВД "Тоҷиксуғурта" | 24 414,7 | 24 251,6 | -163,1 | -0,7% |
| ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" | 18 323,5 | 12 379,8 | -5 943,7 | -32,4% |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 6 409,1 | 9 583,5 | 3 174,4 | 49,5% |
| ҶДММ "ТС Такаффул" | 3 982,4 | 4 869,3 | 886,9 | 22,3% |
| ҶДММ "ТС "Меҳнат"" | 3 438,6 | 2 261,8 | -1 176,8 | -34,2% |
| ҶДММ "ТС Итминон" | 1 889,4 | 823,6 | -1 065,8 | -56,4% |
| ҶДММ "ТС "Муин"" | 1 758,0 | 1 566,6 | -191,4 | -10,9% |
| ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт" | 694,4 | 814,4 | 120,0 | 17,3% |
| ҶДММ "ТС Сипаҳр" | 506,1 | 903,6 | 397,5 | 78,5% |
| ҶДММ "Суғуртаи асри 21" | 242,8 | 0,0 | -242,8 | - |
| ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта" | 54,2 | 57,7 | 3,5 | 6,4% |
| ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 0,0 | 4,4 | 4,4 | - |
| ҶДММ “Бохтар Иншуренс” | 0,0 | 5 071,9 | 5 071,9 | - |
| ҶДММ "Суғуртаи Шарқ" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | - |
| **Ҳамагӣ** | **198 593,1** | **208 591,9** | **9 998,8** | **5,0%** |



| ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2025 (ҲАЗОР СОМОНӢ) | | | ◘ ПАРДОХТҲОИ СУҒУРТАВӢ | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ | 30.06.2024 | 30.06.2025 | Тағйирот нисбати 30.06.2024 (бо маблағ) | (бо фоиз) |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 3 409,4 | 6 987,7 | 3 578,3 | 105,0% |
| ҶДММ "ТС Бима” | 2 871,5 | 2 842,2 | -29,3 | -1,0% |
| КВД “Тоҷиксуғурта” | 1 783,0 | 2 467,5 | 684,5 | 38,4% |
| ҶСП "ТС “Суғуртаи аввалини миллӣ” | 1 344,0 | 3 499,9 | 2 155,9 | 2,6 мар. |
| ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт" | 1 092,1 | 6 566,3 | 5 474,2 | 6,0 мар. |
| ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" | 829,8 | 15 083,3 | 14 253,5 | 18,2 мар. |
| ҶДММ "ТС "Меҳнат"" | 525,9 | 285,6 | -240,3 | -45,7% |
| ҶДММ "ТС Такаффул" | 372,0 | 739,0 | 367,0 | 98,7% |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 201,5 | 239,7 | 38,2 | 19,0% |
| ҶДММ "ТС "Муин"" | 149,5 | 155,5 | 6,0 | 4,0% |
| ҶДММ "Суғуртаи асри 21" | 139,3 | 0,0 | -139,3 | - |
| ҶДММ "ТС Сипаҳр" | 42,8 | 248,0 | 205,2 | 5,8 мар. |
| ҶДММ "ТС Итминон" | 40,7 | 25,2 | -15,5 | -38,1% |
| ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта" | 1,4 | 19,2 | 17,8 | 13,7 мар. |
| ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | - |
| ҶДММ “Бохтар Иншуренс” | 0,0 | 0,0 | 0,0 | - |
| ҶДММ "Суғуртаи Шарқ" | 0,4 | 0,0 | -0,4 | - |
| **Ҳамагӣ** | **12 803,3** | **39 159,0** | **26 355,7** | **3,1 мар.** |



## ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2025 (АДАД)

| НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ | ШАРТНОМАҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 30.06.2024 | 30.06.2025 | Тағйирот нисбати 30.06.2024 (бо адад) | (бо фоиз) |
| ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" | 492 654 | 583 061 | 90 407 | 18,4% |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 253 518 | 323 523 | 70 005 | 27,6% |
| КВД "Тоҷиксуғурта" | 193 910 | 122 620 | -71 290 | -36,8% |
| ҶДММ "ТС Бима" | 15 812 | 23 692 | 7 880 | 49,8% |
| ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" | 10 313 | 25 121 | 14 808 | 2,4 мар. |
| ҶДММ "ТС "Муин"" | 5 286 | 10 952 | 5 666 | 107,2% |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 1 402 | 1 443 | 41 | 2,9% |
| ҶДММ "Суғуртаи асри 21" | 614 | 0 | -614 | - |
| ҶДММ "ТС Сипаҳр" | 224 | 117 | -107 | -47,8% |
| ҶДММ "ТС "Меҳнат"" | 201 | 241 | 40 | 19,9% |
| ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт" | 94 | 235 | 141 | 2,5 мар. |
| ҶДММ "ТС Итминон" | 79 | 77 | -2 | -2,5% |
| ҶДММ "ТС Такаффул" | 69 | 92 | 23 | 33,3% |
| ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта" | 23 | 62 | 39 | 2,7 мар. |
| ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 0 | 9 | 9,0 | - |
| ҶДММ "Бохтар Иншуренс" | 0 | 43 112 | 43 112,0 | - |
| ҶДММ "Суғуртаи Шарқ" | 0 | 0 | 0,0 | - |
| **Ҳамагӣ** | **974 199** | **1 134 357** | **160 158** | **16,4%** |

**Мо аз тавсеаи робитаҳо, бахусус, дар самтҳои рушди “иқтисоди сабз”, ҳифзи муҳити зист, технологияҳои навин, ҷалби сармоя ва тиҷорат истиқбол менамоем.**

**Эмомалӣ Раҳмон**



# ФАРОГИРИИ МОЛИЯВӢ



**Тоҷикистон бо пешбурди платформаҳои ҳукумати электронӣ, тавсеаи инфрасохтори низоми пардохт ва истифодаи мушаххаскунии бехатари рақамӣ, сиёсати фарогирии молиявиро ба як меҳвари муҳимми рушди миллӣ табдил додааст.**

## 2022-2026

Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон

